**ЎЗБЕКИСТОН РЕСПУБЛИКАСИ ОЛИЙ ВА ЎРТА МАХСУС ТАЪЛИМ ВАЗИРЛИГИ**

**АЛИШЕР НАВОИЙ НОМИДАГИ САМАРЌАНД ДАВЛАТ УНИВЕРСИТЕТИ**

**Ќўлёзма њуќуќида**

**УДК 891.709**

**ҚАЮМОВ НОДИР НАЙИМОВИЧ**

# ФОРС ВА ТОЖИК АДАБИЁТИДА ҲТШХИС ВА ЖОНЛАНТИРИШ САНЪАТИ (МИЛОДДАН АВВАЛГИ 8-7 ВА МИЛОДИЙ 11 АСРЛАР)

**Мутахассислик: 5А120101-Адабиётшунослик**
**(тожик адабиёти)**

**Магистр академик даражасини олиш учун ёзилган**
**ДИССЕРТАТСИЯ**

**Иш кўриб чиќилди**
**ва њимояга**
**рухсат берилди:**
**Тожик тили ва**
**адабиёти кафедраси мудири**
**дотс. Њ.БЕРДИЌУЛОВ______**
**«______»____________2014 йил.**
**М.Ў.**

**Илмий рањбар:**
**проф. С.Саъдиев**
**________________**

**САМАРЌАНД - 2014**

**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛЇ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ ЉУМЊУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН**

**ДОНИШГОЊИ ДАВЛАТИИ САМАРЌАНД БА НОМИ АЛИШЕР НАВОЇ**

**Дар асоси дастхат**

**УДК 891.709**

**ҚАЮМОВ НОДИР НАЙИМОВИЧ**

# САНЪАТИ ТАШХИС ВА РУҲБАХШОЇ ДАР ШЕЪРИЯТИ МУМТОЗИ ТОЉИКУ ФОРС

**5А120101-Адабиётшиносї**

**(адабиёти тољик)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои гирифтани дараљаи академии магистрї навишта шудааст**

**Кор санљида ва ба**
**њимоя тавсия карда шуд:**
**Мудири кафедраи**
**забон ва адабиёти тољик**
**дотс.Њ.БЕРДИЌУЛОВ**

______________________

**Роњбари илмї:**
**проф. С.Саъдиев**

______________________

**САМАРЌАНД - 2014**

## МУНДАРИҶА

Муқаддима…………………………………………………………....3-36

*Боби 1.*

Масъалаҳои назарии санъати ташхис ва руҳбахшӣ…………………12-38

*Боби 2.*

Корбасти санъати ташхис ва руҳбахшӣ дар адабиёти қадимаи халқҳои эронӣ……………………………………………………………………39-74

*Боби 3.*

Санаъти ташхис ва руҳбахшӣ дар шеърияти асрҳои X-XI-и форсу тоҷик.........................................................................................................75-100

Хулоса……………………………………………………………101-105

Рӯйхати адабиёт..……………………………………………….....109- 111

## Муқаддима

***«Барқарор намудани хотираи таърихӣ, таърихи халқу кишвари азизамон, ҳудуди давлатамон, агар таъбир ҷоиз бошад, барои барқарор намудан ва боло бардоштани ифтихори миллӣ мақоми бағоят муҳим мебошад».***

***Ислом АбдуғаниевичКаримов.***

Адабиёти шӯҳратёри мумтози тоҷику форс дар давоми қарнҳобо воситаи эҷодиётишуароиширинкалом ва осори гаронмояву сеҳрангезиэшон барои тарбияи инсоният аз лиҳозиахлоқӣ, маданивуфарҳангӣваэстетикӣдар байни адабиёти ҳалқҳоиҷаҳон мақоми умдаро соҳибаст. Шуаро ва удабои тоҷикуфорс бо тараннуми зебоӣ , тасвирҳоидилкаш, васфу мадҳи маъшуқа, талқиниғояҳои инсондӯстӣ, ватанпарварӣ, ҷавонмардӣ, саховатмандӣ, қаноату эҳсон, одобуаҳлоқ, тавозеъ ва ғайрадоди суханро дода дар таърихи адабиёти ҷаҳонобразу тасвир ва беҳтаринмаъниҳоросуфтаанд.

Дар адабиёти халқҳоиҷаҳон бо саъю кӯшиш ва маҳорати эҷодкории шоирон образу тасвир, санъатҳоигуногунибадеӣ офарида шуда маънии суханро боло бурдаанд. Адабиёти мумтози тоҷикуфорс низ ба беҳтаринанъанҳоисухансаройсоҳиббудашоирондарбаёнивоқеавуҳодисаҳо аз лутфу суханбозӣвасеъистифоданамуда, даринҷода як қаторсанъатҳоибадеиробакор бурдаанд. Яке аз ин санъатҳоибадеие, кидарадабиётимобаҳриҷозибанокбаромаданисухани шоир ва сурудани суханҳоибикрбакоррафтаастинсанъатиташхисваруҳбахшоймебошад.

Санъати ташхис яке аз санъатҳои зебо ва дилкаши каломи бадеъ буда, барои ботаровату ҷаззоб баромадани маънии мавриди баён хизмат менамояд. Санъати ташхис ба гурӯҳи санъатҳои маънавӣ дохил шуда, барои самарабахш ва моҳирона тасвир ёфтани афкору андешаю сухани шоир ба аҳамияти беқиёси бадеӣ соҳиб мебошад.

Санъати ташхис дар поэтикаи адабиёти халқҳои ҷаҳон аз санъатҳое башумор меравад, ки таърихи қадима дорад ва чун аз нахустин намудҳои каломи бадеъ дар асотиру мифҳои адабиёти шифоҳии давраи атиқа ба назар мерасад. Мо тасмим гирифтем, ки хусусиятҳои поэтикӣ ва назарӣ, меҳварипайдоиш, рушдунумӯисанъатиташхисваруҳбахшоӣ, инчунин мавқеъваҷиҳатикорбастисанъатиташхисваруҳбахшоиро дар адабиёти мумтози тоҷикуфорсдар асоси намунаҳоиэҷодиётишифоҳиихалқӣваосори адибони то қарни XII-и мелодӣто ҳадди имкон баррасӣ намоем.

**<u>Зарурати интихоби мавзӯъ.</u>**

Дар шеършиносии мумтози тоҷику форс, ки бо номи илми бадеъ шинохта шудааст, ин санъати сухан дар давоми қарнҳои бисёр шинохта нашуда омадааст. Агарчи намунаҳои ин санъати калом дар асотирҳои шифоҳиихалқӣ дар китоби муқаддаси«Авасто» ва дар осори намояндагони адабиёти мумтоз бисёр ба кор бурда шудааст, аммо ин шеършиносии нормативии пешина онро ҳамчун санъати алоҳидаи шеърӣ нашинохта, ҳамчун санъати мустақил ба қайд нагирифтаанд. Дар шеършиносии мумтози тоҷику форс ташхис ва руҳбахшоӣна ҳамчун санъати мустақили шеърӣ, балки дар доираи санъатҳои истиораву ташбеҳ фаҳмида шудааст. Ҳол он ки ташхис бо хусусиятҳои хоси худ аз истиораву ташбеҳ фарқи куллӣ дошта, дар бисёр мавридҳо ба шакл ва сохти худ дар дохили санъатҳои истиораву ташбеҳ ва дигар санъатҳои калом ғунҷоиш ҳам намеёбад ва дар бештари ҳол чун санъати алоҳида дар шеър инъикос мегардад. Имрӯзҳо низ барои тадқиқи масъалаҳоиназарӣ ва поэтикии санъати ташхису руҳбахшоӣдарнақдушеършиносиитоҷикэътибарнисбаттанкамаст.

Муҳақиқони назарияи адабиёти тоҷикуфорссанъати ташхис ва руҳбахшоиро ба таври кофӣнаомӯхтаанд.

Бинобар он, мо дар кори шогирдонаи диссертатсионии магистрӣ худ кӯшиш ба харҷ додем, кимасъалаҳои назарӣ ва поэтикии санъати ташхисро равшан созем.

**Мақсади тадқиқот ва вазифаҳои асосии он**

Мақсади асосии кори диссертатсияи магистрӣмуайян намудани баъзе масъалаҳои назарии санъати ташхис ва руҳбахшоӣдар адабиёти тоҷикуфорсбуда, мо онро дар асоси намунаҳоиэҷодиишуароиадабиёти мазкур ба риштаи таҳлилватадқиқмекашем.

Мувофиқи ақидаи мо муайян кардани масъалаҳои назарӣ-поэтикии санъати ташхис ва руҳбахшоӣбароитадқиқиосориадибон аз лиҳозикорбастисанъатҳоибадеӣаҳамиятикалондорад. Умуман равшан сохтани масъалаҳои назарии санъати ташхис дар дарк намудани суханҳоишоиронвабаҳрабардоштаназдараҷаи волои санъат ба мо кӯмак мекунад.

**Асосҳои методологии кори тадқиқотӣ**

Методи асосии кори диссертатсияи мо принсипи таҳлили муқоисавӣ ва назариявӣ буда, таърихиинкишофи санъатҳои бадеӣ алалхусус санъати ташхис ва руҳбахшоиро дар илми бадеъ равшан менамояд. Тавассути методҳои мазкур барои дақиқтар муайян намудани хусусиятҳои назарии санъати ташхис бо санъатҳои дигари бадеӣ, инчунин нақшисанъатимазкурдарофаринишосоримаънавиихалқҳои ҷаҳонбааҳамиятифавқуллодасоҳибаст. Ҳангоми таълифи кори малакавӣ аз усулҳои тадқиқотии олимони варзидаи тоҷик ва ҷаҳон чун Х. Мирзозода, М. Арнаудов,Т. Зеҳнӣ, Т. Абдуҷабборов, С. Саъдиев, Р. Мусулмониён, Б. Ҳотамов, А. Бобоев ва дигарон, ки дар ин бора корҳои назаррасе ба сомон расондаанд, истифода бурда шудааст.

**Аҳамияти илмӣ-назарии диссертатсия**

Аҳамияти илмӣ-назарии диссертатсия аз он иборат аст, ки маводи он барои пажӯҳишгарони адабиёти мумтози тоҷику форс, донишҷӯёни қуллиёти забон ва адабиёти тоҷик, инчунин муаллимони синфҳои болоии мактабҳои умумтаълим, барои тайёр намудани матни марӯзаҳо аз фанҳоиназарияи адабиёт, нақди адабӣ ва таърихи адабиёти мумтози тоҷику форс, тайёр

намудани воситаҳои услубӣ, хусусан барои шӯъбаи бакалавр ва бахши магистратура ва ғайра аҳамияти илмӣ-назариро дорост. Аз ҷониби дигар, маводи дисертатсия исбот мекунад, ки санъати ташхис ва руҳбахшоӣ аз санъатҳоикуҳантаринбуда, даринкишофварушдиадабиётитоҷиксаҳмибузургдоштааст.

### Манбаъҳо ва объекти асосии кори диссертатсионӣ

Манбаъҳо ва объекти асосии кори диссертатсионии магистриимороризсолаҳои илмии дар бораи назарияи адабиёт навишта ванамунаҳои осори адабиёти даҳонакии халқииақвомиОриёитабор, китоби муқаддасиЗартуштиён “Авасто”,фарҳангҳои истилоҳоти адабӣ, намунаҳои шеъри форсӣ-тоҷикӣ ташкил мекунанд. Барои амиқтартар ва дақиқтар сарфаҳм рафтани масъалаҳои назарӣ ва баромади санъати ташхис ва руҳбахшоӣба ҳар як манбаъҳои дар боло зикргардида мо ҳамчун объекти асосии кори хатмӣ муроҷиат кардем, зеро ҳар яке аҳамият ва арзиши илмии ба худ хосеро соҳибанд.

### Натиҷаҳои чашмдошт аз кори диссертационӣ

Навигарии кори диссертатсионии магистрӣаз он иборат аст, ки бори аввал ба миқёси васеъ баҳриравшаннамуданимавзӯимавридитадқиққӯшиш ба харҷ дода шудааст.Масъалаҳои назарии баҳснокисанъатиташхисваруҳбахшоӣдар доираи адабиётшиносии имрӯза ба таври муфассал таҳлилу тадқиқ карда шавад. Баъзе хусусияти шаклӣ ва мазмунии санъати мазкур аз лиҳозиназарияиадабиётвадоираиғунҷоишиинсанъат муайян карда мешавад.Рисолаи кори диссертатсионии магистрӣ мо исбот мекунад, ки

санъати ташхис аз замони корбастшавиаш дар адабиёти бадеӣ санъати мустақилбуда ва таърихи тӯлонро доро мебошад. Баъзе ҷиҳатҳоибадеии эҷодиётишоиронебамислиРӯдакииСамарқандӣ, Башшори Марвазӣ, Фаррухии СиистонӣваМанучеҳрииДомғонӣравшан карда шаванд.

**Дараҷаи омӯзиши санъати ташхис ва руҳбахшоӣ дар тадқиқоти илмӣ.**

Масъалаи дараҷаи омӯзиши санъати ташхис ва руҳбахшоӣ дар тадқиқоти илмӣдар «Санъати сухан»-и Т. Зеҳнӣ,"Фарҳанги истилоҳотиадабиётшиносӣ"-и М. Шукуров, Р. Ҳодизода, Т. Абдуҷабборов, "Луғатимухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ"-и Х. Мирзозода, "Психология литературного творчество"-и М. Арнаудов, «Поэтикаи қасидаҳои модари май»-и Одамушшуаро Рӯдакии Самарқандӣ ва Башшори Марвазӣ ва дар мақолаи "Васфи Меҳргон дар шеъри асрҳои X-XII-и форс-тоҷик"-и С. Саъдиев, то ҳадди имкон ҳаллу фасл ёфтааст. Аммо оиди манбаи пайдоиш ва мустақилияти стурктураи санъати ташхис ва руҳбахшоӣ маълумоти назаррас ва аз лиҳозиилмӣмукаммалмавҷуднестанд. Дар «Санъати сухан»-и Т. Зеҳнӣ, "Фарҳанги истилоҳотиадабиётшиносӣ"-и М. Шукуров, Р. Ҳодизода, Т. Абдуҷабборов, "Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ"-и Х. Мирзозода танҳо шарҳу баёни баъзе ҷиҳатҳои санъати ташхис ва руҳбахшоӣовардамешавад, ки барои муайян намудани ҷиҳатҳои поэтикии мукаммали ин санъати шеърӣ киоят намекунанд. Гуфтан мумкин аст, ки омӯзиши мукаммали санъати ташхис ва руҳбахшоӣ аз лиҳозитаркиб, стурктура, шаклвамоҳият аз назари адабиётшиносониҷаҳон минҷумла тоҷик дур мондааст. Аз ин гуфтаҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таҳлилу тадқиқи ҷиҳатҳои назарии илмии санъати ташхис дар адабиётшиносии тоҷик

хеле суст аст. Бинобар ин рисолаи кори диссертатсионии магистрӣмо барои муайян намудани баъзе ҷиҳатҳои таърихи пайдоиши санъати ташхис-руҳбахшоӣ ва саҳмиинсанъатимарғубдарэҷодиётишоиронимумтозитоҷикуфорсхизматмекунад. Санъати ташхис дар адабиёти мумтози тоҷику форс нақшимуҳимдоштадартасвириманзара ва зебоҳои табиат, воқеавуҳодисотиҷаҳон, инчуниндарбаёнитасвироти рафтору кирдори вакилони олами вахшӣ: ҳайвонотупарранда, набототумеваҷотаҳамияти фавқуллодаибадеиродорост. Ба ин маънӣ, омӯхтани хусусияти илмӣ-бадеии санъати ташхис ва руҳбахшоӣпешазҳама, барои муайян кардани қиммати осори шоирон ва ба таври мукаммал омӯзиши санъаҳоибадеӣ имконият фароҳаммеорад.

## Сохт ва структураи кори диссертатсионӣ

Сохт ва структураи кори хатмии мо аз муқаддима, се боби асосӣ, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Дар муқаддимаи кори хатмӣ дар бораи рӯзмаррагии мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши санъати ташхис ва руҳбахшоӣ дар манбаъҳо ва тадқиқоти пажӯҳишгарон, мақсад ва вазифаҳои асосии кори диссертатсиониимагистрӣ, асосҳои методологии кори тадқиқотӣ, манбаъҳо ва объекти асосии кори диссертатсионии магистрӣ, сохт ва структураи кори диссертатсиониимагистрӣ ва дар бораи натиҷаҳои чашмдошт аз кори диссертатсионии магистрӣ сухан меравад.Дар боби аввал, ки «Масъалаҳои назарии санъати ташхис ва руҳбахшоӣ» ном дорад, оиди масъалаҳои мавқеъ ва хусусиятҳоиназариисанъатиташхисваруҳбахшоӣ, баррасиии истилоҳи ташхис ва истилоҳируҳбахшоӣ, хусусиятҳоипоэтикии санъати ташхис ва руҳбахшоӣ дар шеършиносии ҷаҳон, тафриқаи назарӣ ва

шаклии санъати ташхис ва рухбахшой аз санъатҳоидигарибадей, навъ ва шаклҳои санъати ташхис ва руҳбахшой ибрози ақида намуда то қадри имкон онҳоро ҳаллу фасл намудаем. Дар боби дуюм, ки ба масъалаи «Мавқеи санъати ташхис ва руҳбахшой дар адабиёти тоисломии халқҳоиэронӣ» баҳс мекунад, оиди масъалаҳои мавқеъ ва дараҷаи корбасти санъати ташхис ва руҳбахшойдарадабиёти халқҳоиэронӣ, хусусиятҳои корбаст ва таҳлили санъати ташхис ва руҳбахшой дар "Авасто", корбасти гурӯҳвашаклҳои санъати ташхис ва руҳбахшойдар "Авасто" сухан ронда мешавад. Дар боби сеюми кори хатмӣ, ки "Мавқеи санъати ташхис ва руҳбахшой дар адабиёти асрҳои X-XI-и мумтози тоҷику форс" ном дорад, оиди **с**аҳми санъати ташхис ва руҳбахшой дар эҷодиётишоирони асрҳои X-XI, талқини санъати ташхис ва руҳбахшой дар эҷодиётиРӯдакииСамарқандӣваБашшориМарғазӣ, мусамматҳои шоири тавонои аҳдиҒазнавиён Манучеҳрии Домғонӣва корбасти санъати ташхис дар он маълумот оварда мешавад. Дар хулосаи кори диссертатсионӣ ақида ва мулоҳизаҳои хулосавии худро ҷойгир намудем, ки тасаввурот ва фикрҳои умумии моро дар бораи ҳаллу фасли мавзӯъ дарбар мегирад. Ва ҳамчунин рӯйихати адабиёти истифода шудароништ овардаем.

## Боби якум

# МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИИ САНЪАТИ ТАШХИС ВА РУҲБАХШОӢ

Адабиётиҷаҳон дорои намунаҳои волои осори бадеӣ, жанрҳои гуногун, услубҳои тасвири нотакрор  ва санъатҳои бадеии баландмазмун мебошад. Бароибавуҷуд овардани осори санъати нафисаи бадеӣ  санъатҳои каломи бадеӣ   ба мавқеи калон соҳиб аст. Дар натичаи рушди адабиёти шифоҳии инсоният дар даврони қадим эҷодкорони осори нафиса вобаста ба тасвири воқеаву ҳодиса образҳои мифологӣ ва санъатҳои гуногуни бадеиро кашф ва эҳё намуда, тавассути он афкор ва ақоиди хешро нисбати рӯзгору табиат мавриди тасвир қарор медоданд.  Дар адабиёти шифоҳӣ, ки он аввалин намунаҳои эҷодиётибадеии инсоният мебошад, аввалин нишонаҳои санъатҳои каломи бадеӣбавуҷуд омадаанд. Мо дар қатори ингуна санъатҳои бадеӣ   метавонем санъатҳои муболиға, ташбеҳ, истиора ва ташхису руҳбахшоиро ном барем, ки ин санъатҳо дар замони қадимаи одамони ибтидоӣҳамчун воситаҳои асосии тасвири бадеӣ  истифода мегардиданд, афкоруҷаҳонбинии онҳоро нисбати олами зинда инъикос мекарданд.  Яке аз санъатҳои бадеии хеле бисёр мавриди истифода қарор гирифта  дар поэтикаи

адабиёти қадимаву мумтоз ва  муосири халқҳои ҷаҳон нақши беназир дорад ин санъати руҳбахшоӣ ва ташхис мебошад. Ҳоло мо дар асоси манбаъҳои илмии олимони адабиётшиноси ҷаҳон ва тоҷик вобаста ба фикру ақидаи хеш дар бораи масъалаҳои назарии санъати руҳбахшоӣ ва ташхис ибрози ақида намуда ба равшан сохтани маншаи баромади он, ҷиҳатҳои поэтикӣ ва озодии ин санъат аз санъатҳои дигари бадеӣ , алоқаи узвии онро бо санъатҳои гуногун мекӯшем.

Санъати ташхис ва руҳбахшоӣ аз санъатҳои ҷаззобтарин ва зеботарини санъатҳои бадеӣ буда ба гурӯҳи санъатҳои маънавӣ дохил мешавад ва дар афзоиши қимати бадеии асар саҳми калон дорад.

Дар китобҳо ва манбаъҳои илмии назариёти адабиёт дар бораи санъати руҳбахшоӣ ва ташхис фикру ақидаҳои гуногун вуҷуд, дорад мо дар асоси тадқиқи ин манбаъҳо ва таҳлили бевоситаи осори намунаҳои ин санъат ба кушодани масъалаҳои поэтикии он мекӯшем.

Санъати руҳбахшоӣ ва ташхис яке аз усулҳои тасвири стилистии адабиёт ба шумор рафта дар осори шифоҳии ҳамаи халқҳоиҷаҳон ва адабиёти бадеӣ  ба назар мерасад.  Дар бораи масъалаҳои назарии ин санъати аҷоиб олимони адабиётшинос афкори гуногунро пеш рондаанд, ки ҳоло онро дида ба риштаи тадқиқу таҳқиққарор медиҳем. Яке аз олимони номдори адабиётшиноси тоҷик Т. Зеҳнй дар китоби «Санъати сухан» дар бораи ин санъат чунин ақидаро пеш рондаанд: «Ташхис дар адабиёт ба маънои шахсонидан, ба чизҳои беҷон ва ҳодисаҳои табиату зиндагиҷон бахшида, онҳоро ба сурати инсон ҷилвагар намудан, ҳар навъ ҳайвоноту ҳашарот ва парандаҳоро ба забони инсонӣ даровwarда фикру андешаҳои ӯро баён кардан аст. Шоир ба воситаи санъати ташхис ба чизҳои беҷон ҷон мебахшад, онҳоро

ба симои одамӣҷилвагар месозад»[1]. Дар китобҳои дигари назарии адабиётшиносӣ аз ҷумла дар поэтикаи назарии халқҳои Аврупо низ дар бораи масъалаи назарии санъати руҳбахшоӣ ва ташхис мо ҳамин гуна ақидаҳоро мушоҳида менамоем. Масалан дар луғати поэтики олими машҳури адабиётшинос Кветоковский ин санъат чунин шарҳ дода мешавад, ки ҳамрангии ақидаҳои олимонро доир ба ин мавзӯъ нишон медиҳад: « Ташхис дар тасвири адабиёти бадеӣ  аз шаклҳои стилистиемебошад, ки баҳайвоноту парранда ва ашёъву ҷисмҳои беҷон ҳиссиёту ҳаракат ва нутқи инсониро дода, онҳоро ҳамчун инсон ба ҳаракат медарорад» [2].

Мувофиқи фикрҳои болоӣ метавон ба чунин хулоса омад, ки нависанда бо воситаи санъати ташхис ва руҳбахшоӣ ба ашё ва ҳайвоноту чизҳои беҷони табиат ҷон бахшида онҳоро бо дасту по ва қувваи рафтору кирдор таъмин менамояд. Ҳангоми баёни воқеа дар асоси ҷон бахшидан  ҷисмҳои гуногуни беҷон руҳи инсониро ба худ касб мекунанд, паррандаву ҳайвонот бошад ташхисонида шуда ба ҳаракат медароянд, матлабу мақсади муайяни муаллифро ифода менамояд.

Бояд қайд кард, ки дар мавриди истифодаи истилоҳи «руҳбахшоӣ» ва «ташхис» тафовутҳои назарӣ ба чашм мерасанд. Ин тафовутҳо ба обэъкти мавриди тасвир вобаста мебошанд. Вақте ки шоир ё нависанда ба ҷисмҳо ва ашёъҳои гуногуни беҷон ё мавҳум амсоли офтоб, осмон, кӯҳ, замин, дарё, ҷом, дониш ва ғайра ҷон мебахшад, аниқтараш руҳи инсониро медиҳад, онҳо мисли одам ҳаракат мекунанд ва нақши онро дар адабиёти бадеӣ  мебозанд, ки мо дар ин мавриди бештар истилоҳи «руҳбахшоӣ»-ро ба кор барем ба

[1] Т.Зеҳнӣ. Санъати сухан. – Душанбе: Ирфон, 1967, саҳ 102.
[2]Квятковский А. Поэтический словарь. — М., 1964. Саҳ 36

мақсад мувофиқ аст. Зеро дар ин маврид ин ҷисмҳои тамоман беҷон руҳияти инсонро ба худ таҷассум намуда ба симои он медароянд.

Дар мавриди ҷондоркунонии ҳайвоноту наботот ва паррандагон мо метавонем истилоҳи «ташхисонидан»-ро ба кор барем, ки дар ин навбат ин қабил ҷондорҳои вахшӣ ва бе нутқи табиат шахсонида шуда матлабу мароми инсониро дар худ намоён мекунанд ва нақшу симои инсонро дар арсаи ҳаёт мебозанд.

Пеш аз он ки ба масъалаҳои умдаи поэтики санъати ташхис ва руҳбахшоӣ даст занем лозим донистем, ки маншаи баромад ва узвияти бевоситаи онро бо осори шифоҳии халқӣ баррасӣ намоем.

Санъати ташхис ва руҳбахшоӣ яке аз санъатҳои хеле қадимаи адабиёти бадеӣ ба шумор меравад ва намунаҳои он дар осори шифоҳии халқӣ хеле барҷаста ба назар мерасад.

Санъати руҳбахшоӣ ва ташхис яке аз санъатҳои кӯҳантарини адабиётиҷаҳонӣ буда, таърихи он ба давраҳои хеле кӯҳани таърихӣ рафта мерасад. Пайдоиш ва ташаккулу рушди ин санъати дилпазир бо рӯзгори одамони ибтидоӣ алоқаи қавӣ дорад. Пайдоиш ва шаклгирии он ба тасаввуротҳои дар бораи зиндагӣ доштаи одамони ибтидоӣ вобаста аст. Мувофиқи ақидаи ниёгони ибтидоии мо, ҳамаи аҷсому гиёҳҳои табиат, воқеоту ҳаводиси дар он руҳ медода, ҷон дошт ва онҳо ҳама дар рафтору кирдор ва гуфтору амал буданд. Аз ин рӯ, одамони ибтидоӣ, ки ба донишу салоҳияти илмии ривоҷёфта соҳиб набуданд ва дар дарки воқеии масъалаҳои гуногуни табиӣ дар мемонанд, онҳоро дуруст фаҳмида наметавонистанд ва барои фаҳмидани моҳияти масъалаи рӯй дода донишашон ҳам намерасид. Дар натиҷа одамони даврони ибтидоӣ дар бораи он ашёву ҷисмҳои

нафаҳмидаашон хулосаҳои мифологӣ ва устуравӣ пайдо карда онҳоро дар намунаҳои аввалини адабиёти бадеӣдар асотир ва достонҳои қадимаи хамосавӣ ҷой додаанд. Ҳоло мо дар бораи маншаи баромад ва дар эҷодиёти даҳонакии халқ таҷассум гаштани санъати руҳбахшоӣ ва ташхис фикрҳои олимонро моеварем. Яке аз олимоне, ки дар ин бора ақидаи мушаххаси илмиро пешрондааст академики Булғористон Михаил Арнаудов буда он дар китоби «Психология литературного творчества» оиди ин масъала чунин нигоштааст: «Ҷондоркунии табиати мурда яке аз услубҳои тасвиркунии куҳантарини адабиёт ба шумор меравад. Ташаккул ва рушду нумӯи онро мо дар руҳияти кӯдакон, одамони ибтидоӣ ва қабоиле, ки дар дараҷаи пасти маданӣ зиндагонӣ мекунанд, дида мешавад. Вобаста ба қонуну қоидаи аналогия фаҳмиши соддаи табиат аз ҷониби одамони ибтидоӣ моро ба чунин хулоса омадан водор месозад. Одамони қадим ба ашёву аҷсоми атрофи худ бо чашми ҷондорӣ менигаристанд. Онҳоро дар тасаввуроти худ ҳамчун ҷондор ва соҳиби қувваи рафтору кирдор тасаввур мекарданд ва аз онҳо тарсу биму орос доштанд»[3].

Аз ин суханҳои академик Арнаудов бармеояд, ки санъати ташхис ва ҷондоркунӣ аз тасаввуротҳои асотирии одамони ибтидоӣғизо ва манша мегирад. Одамони даврони ибтидоӣ аз лиҳози илму дониш ба фаҳмиши муайян соҳиб набуданд ва моҳияти реалӣ-ҳақиқии табиату ҳодисаҳои дар он руҳ медода сарфаҳм намерафтанд. Дар натиҷаи он дунёро дар асоси устураву мифҳо дарк намудан расм шудааст. Ин гуна ақида ва боварҳои дунёро бо чашми зинда дидан бо воситаи асотиру мифҳо аввал ба адабиёти шифоҳии халқ ва минбаъд ба адабиёти хаттӣ низ гузашт ва ба шакли санъати ташхис ё

[3] М.Арнаудов «Психология литературного творчества». – Москва: Прогресс, 1985, стр 232-233..

ин ки руҳбахшоӣ даромадааст. Ин ақидаи моро афкори М.Арнаудов дар китоби зикршуда пурқувват карда метавонад.

«Ҳолатҳои ба хоб хос ва ҷондоршавии чизҳои беҷон барои зинда мондан мубориза бурдан аст. Бемаъногӣ ва парокандагии хобҳо дар корҳои эҷодӣ ба қолаби том медарояд ва ба шакли санъати ҷонбахшоӣ зуҳур мекунад»[4].

Бояд қайд кард, ки афкори М.Арнаудов дар бобати маншаи баромади санъати ташхис ва руҳбахшоӣ аз нуктаи назари пурқуввати илмӣ буда, барои дуруст дарк кардани сабабҳои пайдоиши санъати мазкур ва чи гуна ба адабиёти бадеӣ  ворид гаштани он ба мо маълумоти хубӣ илмӣ дода метавонад.

Яке аз омилҳои дар адабиёти шифоҳии халқ хеле бисёр ба зуҳур омадани санъати ташхис ин ба ақидаҳои динӣ ва фалсафии одамони ибтидоӣ вобаста аст. Дар адабиёти даврони қадим, ки асосан аз матн ва мазмунаҳои осори динӣ таркиб ёфтаанд асотир ва мифҳо мавқеи калонро соҳиб аст. Дар навбати худ асотир ва мифҳо, ки дар онҳо фаҳмишоти содалавҳонаи одамони ибтидоӣ нисбат ба табиату олами ҳастӣ ва воқеаву ҳодисаҳои табиии табиат ҷой дода шудааст саршор аз намунаҳои санъати руҳбахшоӣ ва ташхис мебошад.

Дар ин бора дар китоби «Изображение живой и мёртвой природы, его» -и олми маъруфи назарияи адабиёт Белецкий А. чунин гуфта шудааст: « Ташхис аз услубҳои қадимаи тасвири бадеӣба шумор рафта дар замони қадим бо назарҳои анималикӣ ва эътиқодҳои динӣ вобаста аст. Намунаҳои ин санъати бадеӣ  дар мифология ва осори шифоҳии халқӣ мавқеи калонро доро мебошад. Масалан санъати ташхис дар осори шифоҳии халқӣ дар баёни

---

[4] М.Арнаудов «Психология литературного творчества». – Москва: Прогресс, 1985, стр 232-233..

корнамоиҳои мухайялонаи фантастикиқаҳрамонҳои аҷоибу вахшатангези ҳайвоноти вахшӣ ва дар тасвири персанажҳои афсонаву асотирҳо ба мавқеи бузурги тасвирӣ соҳиб мебошанд. Дар аксари маврид бо воситаи санъати руҳбахшоӣ ва ташхис ҷисмҳои гуногуни рӯзмарра соҳиби ҷондоршавӣқарор гирифтаанд. Яке аз чунин шаклҳои тасвири бадеие, ки бо воситаи санъати мазкур навишта мешавад ин масал мебошад ва он ба даврони хеле қадимаи таърихи инсоният рафта мерасад» [5].

Дар хақиқат агар дар масал, афсона, асотирҳои эҷодиёти даҳонакии халқ назар афканем гувоҳи он мешавем, ки онҳо асосан аз санъати ташхис ва руҳбахшоӣ таркиб ёфтаанд. Зеро ки бештари мавзӯъ ва мазмуни он асотиру мифҳо дар бораи воқеоту ҳодисоти табиат, паррандаву дарандаҳои вахшӣ навишта шудааст. Барои фаҳмиши пайдоиши табиат, тасвири ақоиди динӣ , урфу одатҳои халқӣ , воқеоти гуногуни табиат ва корнамоиҳои ҳайвоноти вахшӣ, ки инсонҳои ибтидоӣ онҳоро ба таври худ дар асоси дарки соддалавҳона мефаҳмиданд ва гумон мекарданд, ки онҳо низ метавонанд мисли инсон ба ҳаракат омада рафтори гуфтори одамиро дар худ нишон диҳанд, дар пайраҳаҳои гуногуни олами ҳастӣ аз худ намунаи беҳтарини ва зишттарини хислату хусусиятҳои инсонро таҷассум намоянд.

Ҳоло барои фаҳмидани накши санъати ташхис ва руҳбахшоӣ дар осори шифоҳии халқҳои Эронизабон бо баъзе намунаҳои осори бадеии шифоҳии ин қавм ва ақидаҳои диниву фалсафӣ, фаҳмишоти дар бораи олами моддӣ доштаи онҳо дар замони ибтидоӣ шинос мешавем. Дар таърихи халқҳои Ориёитабор аз ҷумла қавмҳои эронинажод расму ойинҳо ва дину мазҳабҳои гуногун аз қабили Зарвония, Зартуштия, Мония, Маздакия, Меҳрпарастӣ,

[5]Белецкий А., Изображение живой и мёртвой природы, в его кн.: Избранные труды по теории литературы, М., 1964.

Буддоия, Ислом, қисман Масеҳия арзи вуҷуд намудаанд, ки дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодиву фарҳангӣ, маънавию маърифии эрониён нақши муҳимро бозидаанд.

Ҳоло мо дар дисертатсияи магистрантии хеш дар асоси устураҳои қадимаи Ориёӣ бадеият ва нафосати фарҳанги қавми мазкурро мавриди тадқиққарор медиҳем, нақши санъатҳои каломи бадеиро дар адабиёти он давр дида мебароем ва хусусан саҳми санъати ташхис ва руҳбахшоиро бо мисолҳо дида меомӯзем.

Дар замонҳои қадим, ки инсоният ба дарки олами моддӣ аз лиҳози илм дар мемонд услуби ҳамчун ҷондор шинохти ҳамаи аҷсом ва маҳлуқоти оламро роҳи ягонаи шинохтани онҳо медонист. Масалан мувофиқи ақида ниёгони қадимаи мо ҳамаи ашёву аҷсом ва ҳодисаҳову воқеоти табиат, ҳайвоноту паррандагон ҷон дошту мисли инсон дар ҳаракат омада метавонист. Дар бисёр мавридҳо фаҳмишоти ниёгони ибтидоии мо аз сатҳи ҷондорӣ ва руҳбахшоии муқаррарӣрӯй ба инкишоф ёфта аз дараҷаи инсонӣ ба дараҷаи худоӣ бароварда шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки сатҳи ин санъати марғуб мувофиқи инкишофи фаҳмишоти дар бора иолами ҳастӣ доштаи одамони қадим рушд намуда, имконият ва тасвирҳои тозаеро ба миён овардааст. Масалан, худои аввалини Ориёиён Осмони соф ва муҳити олам будааст. Дар баъзе маврид ва гӯишҳо онро бо номи Нана ва дар китоби муқаддаси Ҳиндуён он бо номи Варуна, Диёуқ баъдтар дев зикр гардидааст[6]. Агар ба масъалаи пайдоиши ин ақида назар афканем, сараввал одамон осмонро ҳамчун ҷондор шинохтаанд, ки ба инсонҳо неъмату ризқу рӯзӣ ва дар мавриди дар қаҳр омадан қаҳтиву сармо, борону тӯфонҳоро интиқол медиҳад. Баъдтар онҳо дар ин масъала ба пешравӣ ноил гашта, ба чондорӣ ва руҳбахшии Осмон салоҳияти бузурги чондорӣ, ба инсонҳои таъсир расониро

[6] Х.Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1 (1). – Душанбе: Маориф, 1987, саҳ. 18.

дода онро яъне Ворунаро ҳамчун худои аввалин шинохтанд. Сабаби ҳамчун ҷондор ва баъдтар чун Худо шинохтани Осмон боз ба дарк накардани моҳияти воқеӣ ва осони он мебошад, ки дар ин бора Х.Мирзозода дуруст қайд кардаанд:

«Чи тавре ки аз афкори иҷтимоӣ, динӣ ва фалсафии қадим маълум аст, инсонҳои қадим аз сабаби пасти шуур, камии дониш ва таҷриба, оддӣ будани асбоби истеҳсолот ва кам будани асбоби истеҳсолот ва кам будани самараи меҳнат, оҷизӣ дар назди қонунҳои даркнашавандаи табиат моҳияти ҳақиқии олами моддиро дуруст ва чуқур нафаҳмида, дар зиндагии худ хеле азоб кашиданд ва барои сабук кардани аҳволи зиндагии худ чизҳои афсонавӣ ва фантастикӣ бофтаанд»[7].

Дар асотири халқҳои Ориёӣ Офтобро чашми Воруна, яъне Осмон мешумориданд. Оташи шакли барқро писари ӯ ва ситораву сайёраҳоро ҷомаи пурнақшу нигори он тасаввур мекарданд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки унсурҳои моддии табиат дар асотирҳои қадим ҷанбаи ҷон ва руҳбахшоиро дар худ таҷассум карда дорои хислату хӯи одамони заминӣ гаштааст.

Дар «Авасто» Митра (Офтоб), ки яке аз унсурҳои ташхисонидашуда мебошад, чунин тавсиф ва тасвир карда шудааст. Митра дар шакли одами мусаллаҳи нуқрарангест, ки аз сару рӯи ӯ нур борида меистад. Вай дар ароба – файтуни худ нишаста осмонро сайр мекунад ва ба муборизоне, ки равшаниро аз лашкари худои зулмат муҳофизат мекунанд, ёрдам медиҳад. Митра дар аввалҳо хислатҳои табиӣ дошт, вале баъдтар он аҳамияти илоҳиро ба худ касб намудааст.

[7] Х.Мирзозода. Таърихи адабиёти тољик. К 1(1). Душанбе, Маориф, 1987, саҳ 46.

Яке аз симоҳои барҷаста дар асотирҳои халқҳои Ориёӣ, худои калонтарини оинҳои гуногуни ин ақвом Индра – худои раъду барқ мебошад. Индра низ яке аз худоёни бузург буда, саравваланд ба мафҳуму маънои оддии раъду барқ истифода карда шудааст. Аммо он ҳам мисли худоҳои Осмон – Воруна, Офтоб – Меҳр рафта-рафта ба дараҷаи илоҳ баромадааст ва доимо дар ҷангҳои байни худоён ширкат варзида ба яке аз худоёни асосӣ табдил ёфтааст. Симои худо Индра низ дар асотирҳои ақвоми ориёӣ аз унсурҳои санъати ташхис таркиб ёфта дорои чун тасвир ва хислатҳои инсонӣ гаштааст.

Индра бисёр шуҷоъ, дар байни худоён бузургтарин ҷангҷӯй мебошад. Вай пурхӯр ва шаробхӯри бузург аст. Шикамашро аз хӯрок пур мекунад то ки ба душман ҳуҷум намояд ва ӯро мағлуб созад. Вай ҳангоми мастӣ шикастнопазирест ва ҳама вақт ба пирӯзӣ ноил мегардад. Ӯ тартиботи дунёро нигоҳ медорад ва айбдорону гуноҳкоронро ҷазо медиҳад.Ҳамаи корномаҳои Индра ва симои бадеии он дар асотирҳои кӯҳан дар асоси санъати ташхис таркиб ёфтааст. Одамони ибтидоӣҳодисаҳои табииро сарфаҳм нарафта аз он мехаросиданд ва дар натиҷаи ин тарсу харос дар хаёлҳои бофтаи худ онҳоро ҳамчун дорои қувваи таъсиркунанда тасвир карда, мисли худои Индра бофтаҳои хаёлии бадеиро ба миён овардаанд.

Дар «Авасто» ва асториҳои куҳан боз як қатор унсурҳои табиӣ ва моддӣ мавҷуданд, ки бевосита аз санъати ташхис таркиб ёфтаанд ва барои кушода додани пайдоиши ин санъати бадеӣ хизмат менамоянд.

Чунончи одамони ибтидоӣ ба абрҳои борон бо меҳру муҳаббат менигаристанд, дар тафаккури худ онҳоро чун ёру дӯсти ҳақиқии худ ҷилвагар месохтанд. Мувофиқи ақидаҳои одамони ибтидоӣ абрҳои боронда занони Аҳурамаздо ва модари барқ мебошанд. Онҳо кашонандаи бори гарони

обҳои муқаддас ба ҳар тарафанд. Абрҳоро аз ҷиҳати гурӯҳ-гурӯҳ шуда гаштан ва барон додан ба говҳои ширдор ва подаи говон, ба духтарон ва занон ташбеҳ мекарданд. Дар муҳити зисти одамони ибтидоӣ, ҷои зист ва обу рӯдҳо хеле аҳамияти калон доштанд. Одамон дар назди дарёҳо ва кӯлҳо маскан мегирифтанд, зеро ҳамаи зиндагонии одамон бо об вобаста буд. Одамон барои шукр ва сипосгузорӣ ба онҳо қурбонӣ медоданд, онолро ҷондор гумон мекарданд ва сабабгори ҳақиқии неъмату ризқу рӯзии худ медонистанд. Зи ин рӯ, Абрҳои боронда дар ҳаёти одамони ибтидоӣ ба мавқеи хос соҳиб буд, ки он баъдтар барои пайдоиши асотирҳои дар бораи обрҳои боронда сабабгор гашт. Дар асотирҳои куҳан ҷиҳатҳои судбахшандаи абрҳои боронда ба назар гирифта шудааст ва он баъдтар ҷиҳатҳои инсониро ба худ қабул карда ба рафтор медароядं, барои наҷоти одамон обҳора аз як сӯ ба дигар сӯ мебарад. Боз яке аз хусусиятҳои ташхисии ин устураҳо дар он аст, ки абрҳо дар худ хусусиятҳои модарӣ ва заниро қабул карда ҳамчун зани Аҳурамаздо ва модари барқ шинохта шудааст.

Аз рӯи гуфтаҳои боло метавон чунин хулоса намуд, ки санъати ташхис ва руҳбахшоӣ аз аввалин воситаҳои тасвири бадеӣ ба шумор рафта дар намунаҳои шифоҳии одамони ибтидоӣхусусан дар асотиру мифҳо бисёр мавриди истифодабарӣ қарор доштааст. Одамони ибтидоӣ дар назди ҳодисаҳои табиат заъифу нотавон буданд ва дар ҳаллу дарк кардани онҳо, фаҳмидани моҳияти он оҷизӣ мекарданд. Зи ин рӯ, вақте ки баромад ва маншаи ин ҳодисаҳои табиат дар шуури худ тасаввур карда наметавонистанд аз паи ҳалли бадеии он шуданд ва дар хаёлоти хеш тамоми унсурҳои табиатро чун ҷондор ҷилвагар мекарданд. Дар бештари маврид одамони ибтидоӣ ба табиат ва унсурҳои моддию маънавии он бо чашми ҷондору соҳиби руҳ нигариста, онро мисли худи одам аниқтараш мисли инсон соҳиби

фазилати хусусиятҳои одамӣ ё амсоли: гап задан, завқ бурдан, хӯрдан, пӯшидан, ҷангу набард кардан, хоб рафтан, фикр рондан, музаффар шудан, бахшиш додан, бадӣ кардан, куштан, талофат расонидан ва мурдану зинда шуданро додаанд, ки он ба пайдоиши санъати ташхис дар адабиёт сабаб гардидааст. Сониян ақидаҳои «ҷондор будани табиат»-и одамони ибтидоӣ мувофиқи гузашти рӯзгор ривоҷу равнақ ёфтааст. Дар ин ҷода дар асоси ҳамин ақидаҳо афсонаву асотирҳои гуногун мазмуну гуногун мавзӯъ ба миён омаданд ва баъди пайдоиши хат он ба адабиёти хаттӣ дохил шуд ва дар адабиёт, аниқтараш дар қисми бадеии он бо номи истиораву ташхис ва руҳбахшоӣ ифодаи худро ёфтааст.

Санъати ташхис ва руҳбахшоӣ дар инкишофу ривоҷи адабиёти бачагонаи халқҳои ҷаҳон саҳми калонро соҳиб мебошад. Мавриди қайд аст, ки бисёр гӯяндагону нависандагони адабиёти бачагонаиҷаҳон осори хешро, ки баҳри бачаҳо омода менамуданд аз имкониятҳои тасвирии ин санъати бадеӣ ба таври васеъ истифода намудаанд. Зеро дар осори адабиёти бачагона маҳз ҳодисаи аналогӣ-яъне зинда нишон додани  табиат ва ҳамаи унсурҳои он аҳамияти калонро дошта дар тамоми намунаҳои адабиёти мазкур санъати руҳбахшоӣ ва ташхис хеле бисёр ба назар мерасанд. Масалан агар мо афсонаҳои ака-ука Гриммро мутолиа намоем дар сюжаҳои он дар баробари қаҳрамонҳои асосӣ-инсонҳо қаҳрамонҳои мавҳум ва ҳайвоноту дарандагони табиат фаолона ҳаракат намуда аз худ нишонаи рафтору кирдори нек ё бадро намоиш медиҳанд. Дар адабиёти бачагонаи халқи тоҷик низ ин санъат хеле васеъ истифода гардида шудааст.

Санъати ташхис ва руҳбахшоӣ имконияти васеи тасвиркуниро доро мебошад. Яке аз хусусиятҳои умдаи ин санъат нисбати санъатҳои дигари каломи бадеӣ маҳз дар мавриди тасвири воқеву ҳодисаҳои мухталиф, тасвири

ҷондори аҷрому ҷисмҳои олами моддӣ ва ҳайвоноту набототи зинда мебошад.

Яке аз хусусиятҳои зебои санъати мазкур низ ин дар назди инсон ҳамчун шахси зинда ва инсони қобили рафтор нишон додани чизҳои тамоман беҷон ё ин ки мавҳум мебошад. Ба назари хонанда ин тавр услуби тасвир хеле писанд ва шавқовар намуда ӯ аз ба майдони воқеот падид омадани чизҳои мавҳуму беҷон ва беруҳ завқ мебараду барои фаҳмиши пурраи он мекӯшад. Дар натиҷаи ҷон бахшидани шоир ба ҷисмҳои беҷони табиат ва ба воқеоту ҳодисоти дар он рух медода ҷисмҳои гуногун соҳиби рафтору кирдор шуда мисли инсонҳо ба ҳаракат медароянд. Чунончи: дар як байти ғазали Ҳофизи Шерозӣ набтот образи гулҳои лола ва наргис ба назар мерасанд, ки дар он лола чун ба мисли шахси соғаргир ва гули наргис бошад ба монанди шахси маст тасвир мешавад:

*Лола соғаргиру наргис масту бар мо номи фисқ,*

*Доварӣ дорам басе, ё раб, киро довар кунам.*[8].

Дар ин байт образи Ҳофиз чун шахси бағам фурӯ рафта ва хайрон ба назар мерасад, ки ӯ аз чунин ҳол яъне лола соғаргиру наргис маст буданаш ба тааҷҷуб афтода ба он эътироз нишон медиҳад. Ин байти Ҳофиз нишон медиҳад, ки санъати ташхис ва руҳбахшоӣҳаргуна ҷисмро хеле завқовар тасвир сохта дили хонандаро хушнуд мегардонад.

Дар адабиёти мумтози тоҷику форс дар натиҷаи истифода гардидани санъати ташхис ва руҳбахшоӣобразҳои гуногуне ба мисли ба рафтор омадани сарв, хандидани лола, мисли шахсиғамзада ба гиря даромадани абр,чашмак задани ситора, ба қиёфаи арӯс ҷилва додани баҳор ба назар

[8]Ҳофизи Шерозй. Куллиёт (мураттиб ва муаллифи сарсухан Ж.Шанбезода). – Душанбе: Ирфон, 1982, саҳ 28.

мерасад. Шоир метавонад бо роҳи ба кор бурдани санъати ташхис чизҳои мавҳуму ноаёнро, ки ба назар наменамоянд ва қуввати инсон бе аёнан тасаввур кардани онҳо намерасад дар асоси тахайюли бадеӣҷон бахшида ба назари мо ҷилвагар созад. Масалан: донишу ақл, адлу дод, зулму ситам ва ғайра бо роҳи ташхисонидан аёнию мӯшаххас ва хислатҳои одамӣ мегиранд. Чунончи: зинда шудани адолат, ҳамчун паҳлавон боқувват намудор шудани некӣ, мисли паҳлавони зӯрбад дар муборизаи қувваҳои бадӣ ва аҳриманӣ зафар ёфтани қувваи аҳуроӣ, мурдану ба нокомӣрӯй ба рӯй шудани зулму ситам, мисли шахси хобида хуфтани фитна, бедор шуда бархестани фикр ва раҳнамун шудани хирад аз ҷумлаи ташхисҳоянд, ки мавҳум буда, ба воситаи ҷон бахшоиши шоир дар каломи бадеъ арзи вуҷуд намудаанд.

Шоирони мумтози тоҷику форс санъати руҳбахшоӣ ва ташхисро бештар барои дилпазир баромадани сухани хеш истифода намудаанд. Яке аз образҳое, ки дар адабиёти мумтоз маъмул буда бо роҳи ташхисонидан ба кор бурда шудааст, ин образи Гул мебошад. Гул дар бисёр мавридҳо ҳаракатҳои инсонро дар худ таҷассум намуда ба забон медарояд, аз латофату тароват ва зебогии худ меболад, дар баъзе маврид аз рӯи ҳусни маъшуқаи шоир рашк меборад ва худнамоиву шодмонӣ менамояд.

Масалан, дар як рубоии Умари Хайём гул ба забон омада, сифатҳои худро баён месозад, худро тавсиф намуда мегӯяд: ғ

*Гул гуфт, ки: Ман Юсуфи Мисри чаманам,*

*Ёқути гаронмояи пур дар даҳонам.*

*Гуфтам: Чу ту Юсуфӣ, нишоне бинмой,*

*Гуфто, ки: Ба хун ғарқ нигар пираҳанам*[9].

Дар рубоии мазкур гул бо шоир ба мунозира медарояд, сифатҳои хешро тавсиф мекунад. Бояд қайд кард, ки дар мисраи 1-ўми рубоӣ ташхис бо санъати ташбеҳ дар як радиф омада барои тавқияти пурзўр шудани сухани шоир истифода карда шудааст. Дар мисраи дуввўм бошад гул хушбўиву зебогии худро ба монанди ёқути қимматбаҳо ва пурзар монанд мекунад. Вақте ки шоир дар мисраи саввўм аз гул талаб мекунад, ки чун мисли Юсуф ҳастӣ, ягон нишонае бинамой. Гул боз ба забон даромада мегўяд, ки ба пираҳанам назар афкан, ки он ҳам мисли либоси Юсуф хунолуда мебошад. Дар мисраи чаҳорум санъати ташхис бо санъати талмеҳ дар як ҷо омада, маънии баён ёфтаро вусъат бахшидааст. Бояд гуфт, ки дар рубоии мазкур санъати ташхис санъати асосии баёни бадеӣ ба ҳисоб рафта, санъатҳои ташбеҳ ва талмеҳ барои хуб инъикос гардидани санъати ташхис истифода гардидааст.

Яке аз хусусиятҳои намоёни санъати ташхис ин ҷонбахшонидан ва ташхисонидан ба ҷисмҳои тамоман беҷони моддӣ, ки тавассути меҳнату ҳунари инсон сохта шудаанд, аз қабили ҷом, қадаҳ, шамшер ва ғайраҳо зоҳир мегардад. Дар мавридҳои гуногун ин қабил ҷисмҳои беҷон баташхисонидан сурату симо ва хислату фазилатҳои одамро ба худ таҷассум карда, мисли инсон дар вақти баёни воқеа ҳаракат менамоянд. Мисоли ин гуфтаҳоро мо дар як рубоии Асадии Тўсӣ ба хубӣ дида метавонем:

*Сурохӣ ба гўши қадаҳ бурда сар,*

*Бад-ў рози сарбаста гуфтӣ магар.*

*Надонам, чӣ гуфтӣ, чӣ ангехтӣ,*

---

[9] Умари Хайём. Рубоиёт. – Душанбе: Дониш, 1983, саҳ. 72.

*Ки гуфтию аз дида хун рехтӣ*[10].

Дар рубоии боло сурохии шиша ба гӯши қадаҳ мисли инсон даҳонашро бурда ба розгӯӣ мепардозад. Баъди розгӯӣ намудан сурохӣ чун инсони гирён намоён мешавад ва ба ҷои гиря аз дидаи он хун мерезад. Дар рубоии мазкур шоир эҷодкорона ҳолати оддии аз шиша рехтани майро бо як маҳорат ва бо додани ҷон ба сурохӣ тасвир намуда, қимати бадеии рубоиро боло бардоштааст.

Дар боло қайд кардем, ки бо воситаи санъати руҳбахшоӣ ва ташхис аҷсоми умумии мавҳуми табиат, ки ба чашму назари одамон нонамоёнанд ва одамон онҳоро ба воситаи дониш ва илми аз худ кардаашон дарк менамоянд зинда мешаванд ва ба назари хонанда бо тамоми ҳаракатҳои худ хусусияти одамиро ба ёд меоранд. Аҷсоми беҷону нонамоёни табиат, ки бо воситаи эҷоди шоир арзи ҳастӣ менамоянд, дар худ тамоми хусусиятҳои рафтору кирдори одамиро таҷассум намуда, бо воситаи ҳаракатҳои худ ба олами ҳастӣ таъсир мерасонанд, барои рушд ё табоҳ намудани он хизмат мекунанд.

Намунаҳои мавҳуми ин тавр нонамоён, ки дар ҳаёти реалӣ онҳоро аҷсоми маънавӣ мешумориданд, инҳоянд: ақл, дониш, ҳунар, дурӯғ, ростӣ, сухан, некӣ, бадӣ ва ғайраҳоянд. Дар натиҷаи тахайюлоти бадеии шоираҷсоми дар боло қайдгардида ташхисонида шуда ба назари хонанда бо хусусиятҳои инсонӣҷилвагар мешавад.

Масалан:

*Дӯш девона шудам ишқ маро диду бигуфт:*

*Омадам ман наъра мазан, ҷома мадар ҳеҷ магӯ.*

---

[10] Т.Зеҳнӣ. Санъати сухан. – Душанбе: Дониш, саҳ 103.

*Гуфтам: Эй ишқ ман аз чизи дигар метарсам,*

*Гуфт: Он чизи дигар нест ҳеҷ магӯ.*

*Ман ба гӯши ту суханҳои на он хоҳам гуфт.*

*Сар биҷунбонду балеҷуз, ки ба сар ҳеҷ магӯ,*

*Гуфтам ин рӯз сарошта аҷаб аст ё башар.*

*Гуфт ин ғайри башар асту ҳеҷ магӯ*[11].

Дар ин байтҳои шоири бузурги мутасаввиф Мавлоно Ҷалолидини Балхӣ муносибатҳои дуқаҳрамон: шоир ва ишқ ба назар мерасад. Шоир тавонистааст вобаста ба имкониятҳои санъати руҳбахшоӣ образи ишқро, ки аз образ ва мавзӯоти  асосии адабиёти мумтози тоҷику форс ба ҳисоб меравад, зинда гардонида бо он дар муколама шавад ва арзу доди хешро ба ӯ ошкор бинмуда, аз хусусиятҳои образи ишқ аз худи ишқ пурсон шавад. Дар ғазали мавриди тадқиқ шоир ва ишқ бо ҳам саволу ҷавоб менамоянд, ки ҳамаи он дар асоси иштироки санъати ташхис сурат пазируфтааст. Ишқ, ки аз эҳсосоти олии инсон мебошад, дар ин ғазали Ҷалолиддини Балхӣ хусусияти инсонӣ мегирад ва мисли одам ба пеши шоир даромада меояду забони гуфтугӯӣ касб карда ба шоир назар афканда мегӯяд, ки ман омадам, акнун нола мазан, девонагӣ макун. Шоир дар посухи ин суханҳои ишқ мегӯяд, ки эй ишқ ман аз чизи дигар метарсам. Ишқ боз ба забон даромада мегӯяд, ки чизи дигар нест, дигар ҳеҷ чиз нагӯй. Боз дар поёнтар ишқ ба саволҳои шоир ҷавоб медиҳад, ҳангоми ҷавоб додан сар меҷунбонад ва суханҳои пешгуфтаи худро қувват мебахшад. Бояд зикр намуд, ки дар ин ғазал, ки саросар аз оҳангҳои тасаввуфӣ таркиб ёфтааст ва мавзӯи асосии он мутлақ будани ишқи пок аст,

[11] Ҷалолиддин Румӣ. Девони Кабир.чилди 2. – Душанбе: Адиб, 1993, саҳ 115.

образи ишқ ба вуҷуд оварда шудааст ва бо роҳи руҳбахшонидан он ба қиёфаи инсон даромада бо шоир гуфтугузор намуда, ҳангоми суханронӣ хислати имову ишоравии одамро низ такрор намуда сар меҷунбонад. Дар ғазали мазкур бағайр аз санъати руҳбахшоӣ боз санъатҳое амсоли суолу ҷавоб, таззод ва ғайр ширкат варзидаанд.

Яке аз масъалаҳои хеле муҳими мавзӯи пешгузоштаи мо бо ҳам вобастагии санъати тамсил ба санъати ташхису руҳбахшоӣ ва аз доираи ин санъат берун омадани тамсил мебошад.

Санъати ташхис ва руҳбахшоӣ, ки имконияти васеӣ тасвирӣ дошта, ҳангоми ҷондор кардану руҳбахшоии тамоми унсурҳои ҳам моддӣ ва ҳам маънавӣ истифода бурда мешавад, дар тасвиру эҷод кардани образҳои ҳайвоноту паранда ва дарандагони вахшии табиат ба мавқеи хосса соҳиб аст. Дар адабиёти пурғановати мо, ки таърихи зиёда аз 3 ҳазорсоларо дар бар мегирад, образу симоҳои гуногуни ҳайвоноту паррандаҳоро аз қабили рӯбоҳ, шер, гов, семурғ, боз, тӯтӣ, гург, фил, асп, паланг, қумрӣ, мӯрча, зоғ, саг, гурба ва ғайраҳоро мавҷуданд, ки дар асоси ҳодиса ва санъати руҳбахшоӣ ва ташхис дар асраи адабиёти бадеӣ омада дар мавридҳои гуногун соҳиби рафтору кирдор ва гуфтори инсонӣ гашта ба рафти воқеаи асар мисли одамон ҳаракат мекунанд ва муносибати хешро ба масъалаҳои гуногуни сюжети асар баён менамоянд.

Вақте ки мо мавзӯъро бо пуррагӣ баррасӣ намуданӣ мешавем, бояд бар масъалаи баҳсноки тамсил ташкис баёни матлаб намоем.

Тамсил ё ин ки масал дар адабиёт ба маънои додани сифатҳои инсонӣ ва хусусияту ҳаракатҳои он ба ҳар гуна ҳайвонот ва паррандаҳову ҳашаротҳо мебошад. Дар натиҷаи додани ғояву мароми инсонӣ ба ҳайвонот ва

паррандаҳо онҳо мисли инсон ба рафтору кирдор ва гуфтор даромада баёни матлаб менамоянд ва дар худ тамоми хусусиятҳои одамиро таҷассум намуда дар ҳаракат медароянд. Дар ин бора дар «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ» чунин гуфта шудааст: «Масал як намуди ҷинси эпикист, ки асари хурде буда, ба назм ё ба наср навишта мешавад. Масал ба санъати ташхис асос ёфтааст ваќаҳрамонони он аксаран ҳайвоноти гуногунанд. Нависандаи масалнавис ба тасвир намудани муносибати ҳайвонот ва чизҳо муносибати инсониро нишон медиҳад»[12].

Дар ҳақиқат санъати масал дар асоси додани хусусиятҳои нисонӣ ба набототу ҳайвоноту меваҷот ба вуҷуд меояд ва худи ин санъат яке аз шаклҳои санъати ташхис ва руҳбахшоӣ буда, дар асоси унсурҳои ин санъат таркиб меёбад[13]. Тафриқаи шакли хурди санъати руҳбахшоӣ ва ташхис-масал аз санъати номбурда дар бобати назрия ва шакл ба назар мерасад. Тамсил, ки як шакли санъати ташхису руҳбахшоӣ аст дар эҷодиёти бадеӣ дар мавриди тасвир ба образҳои гуногуни ҳайвоноту паррандаҳо ва меваҷот руҳбахшонидан ихтисосонида шудааст. Дар масал анвоъи ҳайвоноту паррандаҳо хусусияти инсонӣ пайдо карда мисли инсон ба муомилаи ҳаракати ғодамӣ медароянд. Аммо дар он ашёву аҷсоми гуногуни беҷони табиат ғунҷоиш наёфта фақат анвои гуногуни ҷисмҳои дар боло зикр гардида рухбахшонида мешаванд. Намунаҳои беҳтарини масалро мо дар қасидаи «Модари май»-и Рӯдакии Самарқандӣ, ашъори Башшори Марғазӣ, мусамматҳои Манучеҳрии Домғонӣ, «Калила ва Димна» дар «Маҳзан-ул-асрор»-и Низомӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Ҷ.Балхӣ, «Ҳафт авранг»-и А.Ҷомӣ,

[12]Р.Ҳодизода., М.Шукуров., Т.Абдуҷабборов. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966, саҳ 49.
[13]Квятковский А. Поэтический словарь. — М., 1964. Саҳ 36

«Баҳориёт»-и Сайидои Насафӣ, «Достони меваҳо»-и Сӯфӣ ва ғайраҳо дида метавонем.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми баррасии масъалаи назарии тамсил ва ташхис эҳтиёҷба равшан сохтани истилоҳи руҳбахшоӣ дар мавриди кори дисертатсионӣ ба миён меояд. Руҳбахшоӣ дар адабиёти бадеӣ бештари маврид ҳангоми ба сурати инсон ҷилвагар сохтани вакилони олами вахшии табиат паррандагону ҳайвонот ва мевоҷоти гуногун ба назар мерасад. Ҳайвоноту наботот ва парандагону меваҷот, ки ҳама сари худ дар олами ҳастиҷондор ҳастанду дар он ҳаракату рафтори гуногунро нишон медиҳанд маҳз дар натиҷаи иштироки санъати руҳбахшоӣ, ба забон омада, мисли инсон гоҳ хандида, гоҳ ғамгин гашта рафтору кирдори одамиро аз худ намоён месозанд. Зи ин рӯ дар бобати таҳлилу тадқиқи санъати тамсил мо истилоҳи руҳбахшоиро ба кор барем мувофиқи матлаб мешавад. Дар ин бора ва дар бобати қисми назарии санъати тамсил академик Михаил Арнаудов истилоҳи «пресонификатсия»-ро, ки дараҷаи фақат додани хусусиятҳои инсониро ба ҳайвоноту паррандагон ва меваҷот мефаҳмонад муносиб дидааст[14].

Аз ин назари олим маълум мегардад, ки санъати ташхис фақат ба ташхиси муфассал монанд аст. Барои мисли инсон ҷилвагар сохтани намунаҳои гуногуни ҳайвоноту паррандагон ва ашё ба кор бурда мешавад ва дар асоси он ҳайвонҳову паррандагон дар тафаккури бадеии шоир ба рафтору кирдор медароянд, вазифаҳои инсонро ба дӯши худ гирифта, амалҳои одам иҷро менамударо ба сомон мерасонанд.М.Арнаудов дар мавриди истилоҳи санъати ташхис истилоҳи «Одухатварения» муносиб мебинад, ки руҳбахшоии мутлақба тамоми намудҳои чизҳои беҷон ва воқеоту ҳодисаҳои дар табиат буда мебошад. Дар асоси руҳбахшоии мутлақ ба ғайраз ҳайвоноту

---

[14] М.Арнаудов. «Психология литературного творчество». – Москва: Прогресс, 1985. стр 234.

паррадагон ва меваҷот, унсурҳои моддӣ ва маънавии табиат, ҳодисаҳову воқеоти табиию физики он низ ҷон гирифта, соҳиби қувваи ҳаракаткунанда мешаванд, ба рафтору гуфтор даромада дар мавридҳои гуногун аз худ хислату хусусиятҳои хоси инсониро намоён мекунанд.

Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки санъати тамсил ё ин ки масал дар доираи санъати ташхис ба вуҷуд омада танҳояккисми ин санъатро дар каломи бадеӣ ифода менамояд. Яъне фақат дар доираи ташхисонидани ҳайвоноту паррандагонро ифода мекунад ва ба он махсусонида шудааст.

Масалан: нақши гов дар «Авасто» дар асоси санъати ташхис соҳиби хислату ҳаракатҳои одамӣ гардида ба назди Аҳурамаздо ба додхоҳӣ аз кирдорҳои ношоями деви Хашм меояд ва ба забони инсонӣ даромада аз натиҷаи талофоти аз деви Хашм дидаи худ ба худои олӣ – Аҳурамаздо ба оғози арзу шикоят менамояд: Дар хоти 29-и Ясно-и «Гоҳони»-и «Авасто» ин рафторҳои гов бо номи Гаушурван зикр мегардад ва он минбаъд дар ақидаҳои динии ин оин ба дараҷаи маъбуди чорпоён бардошта шудааст:

«Гаушурван дар назди шумо гила гузорад: - Моро барои чӣ офаридӣ? – Ки маро сохт? Хашму чаповулу тундхӯй ва густохиву дастёзӣ моро яксара дар миён гирифт. Маро чуз ту дигар пушту паноҳи дигаре нест. Инак раҳонондаи шоистае ба ман бинмой?»[15].

Ба ту гуфтор даромадан, ба назди худои олӣ – Аҳурамаздо омадан ва ҳамчун шахси ҷафодида арзи шикоят намудани Гаушурван, қисмату эҳсосоти инсониро қабул кардани он бевосита бо роҳи иштироки унсурҳои санъати ташхис ба миён омадааст ва образи гови оддӣ то ба дараҷаи худоӣ бароварда шудааст.

---

[15] Авесто. Ясна. 29. банди 1. Бо гузориш ва пажӯҳиши Чалили Дӯстхоҳ. – Душанбе: Қонуният, 2001, саҳ. 61-62.

Аммо ин санъати зебову дилпазир дар адабиётшиносии асри миёнагии мо мавриди таваҷҷӯҳ ва омӯзиш қарор нагирифтааст. Ин санъати бадеӣ дар замони адабиётшиносии шӯравии тоҷик ба воситаи адабиёти рус аз адабиёти халқҳои Оврупо бо номи санъати ташхис дохил шудааст.

Дар шеършиносии мумтози тоҷику форс, ки бо номи илми бадеъ шинохта шудааст, ин санъати сухан дар давоми қарнҳои бисёр шинохта нашуда омадааст. Агарчи намунаҳои ин санъати калом дар «Авасто», эҷодиёти шифоҳии халқ ва дар осори намояндагони адабиёти мумтоз бисёр ба кор бурда шудааст, аммо ин шеършиносии нормативии пешина онро ҳамчун санъати алоҳидаи шеърӣ нашинохта, ҳамчун санъати мустақил ба қайд нагирифтаанд. Дар шеършиносии мумтози тоҷику форс ташхис на ҳамчун санъати мустақили шеърӣ, балки дар доираи санъатҳои истиораву ташбеҳ фаҳмида шудааст. Ҳол он ки ташхис бо хусусиятҳои хоси худ аз истиораву ташбеҳ фарқи куллӣ дошта, дар бисёр мавридҳо ба шакл ва сохти худ дар дохили санъатҳои истиораву ташбеҳ ва дигар санъатҳои калом ғунҷоиш ҳам намеёбад ва дар бештари ҳол чун санъати алоҳида дар шеър инъикос мегардад.

Санъати ташхис дар шеършиносии тоҷик аз рӯи поэтикаи Оврупо чун санъати алоҳида эътироф гардид ва ба қатори санъатҳои сухани бадеӣ дохил карда шуд.

Дар доираи санъатҳои истиора ва ташбеҳ дохил намудани санъати ташхис сабаб ҳам дошт. Зеро ки дар шеършиносии мумтози тоҷику форс каломи бадеиро аз рӯи шакл эътироф менамуданд ва дар санҷишу муайян намудани қимати бадеии шеър бештар ба шакл эътибор медоданд на ба мазмунофарии он. Вақте ки мазмуну моҳияти шеърро аз рӯи маҳорати шаклбозии шоир муайян менамуданд, албатта ба вуҷуд доштани санъати

ташхис эътибор намедоданд. Чоро ин ки санъати ташхис бештар ҷанбаи маънавӣ дорад на ин, ки шаклӣ. Боз бештар намунаҳои ашъори шуарои пешинаи мо аз санъатҳои истиораву ташбеҳ таркиб ёфтаанд. Дар шеъри тоҷикӣ ин санъатҳоҳамин қадар нуфуз пайдо намуда буд, ки дигар намудҳои сухани бадеӣ дар пеши ин санъатҳо ночиз менамуд. Сонияи, шакли ифодаёбии санъатҳои истиораву ташбеҳ ба асоси шеършиносии тоҷик дуруст меомад. Яъне ин санъатҳои сухан зоҳиран ба шаклпардозиҳои эстетикаи шеършиносони мумтоз мутобиқат мекард ва зи ин сабаб шеършиносони классики тоҷик ин санъатҳоро ба дараҷаи аввал гузошта, дигар намудҳои каломи бадеиро яке аз намудҳои ин санъат гӯён ба онҳо баҳогузорӣ мекарданд. Боз дар адабиёти мумтози тоҷику форс бисёр намунаҳои эҷодие мавҷуданд, ки бештар аз санъатҳои ташбеҳ ва истиора таркиб ёфтаанд, дар дохили ин санъатҳо ташхис ба таври мӯҷаз дучор мегардад. Азбаски дар он шеърҳо ташхис бо як намоёншавии хурд ба назар мерасад, шеършиносон онро ба дохили санъатҳои истиораву ташбеҳ дохил намудаанд. Чунончи яке аз намудҳои санъати ташхиси кӯтоҳ дар тасвири бадеии шеъри мумтози форсу тоҷик ба қариб баробари санъатҳои ташбеҳ ва истиора маъмул аст. Аммо илми шеършиносии пешина онро нашинохта ба доираи санъатҳои истиора ва ташбеҳ мансуб кардааст. Дар ҳақиқат санъати ташхис ва руҳбахшоӣ аз лиҳози шакл ба истиора монанд аст. Масалан дар ин байти Камоли Хӯҷандӣ:

Ба рӯят даъвии хубӣ чу домангир шуд гулро,
Бад-и маънӣ намедорад сабо даст аз гиребонаш[16].

[16] Камоли Хӯҷандӣ. Куллиёт. Душанбе 1983 саҳ

Тасвири бадеӣ пурра бо ташхис ва рухбахшоӣ асос ёфтааст. Шоир гуфтааст, ки гул дар зебоӣ ба рӯи маҳбуба даъвои баробарӣ кард, аммо ин даъвои ӯ ба сабо мақул нашуда барои ҳамин даст ба гиребон шудааст.

Дар байти мазкур ҳам сабо ва ҳам гул ташхисонида шуда чун инсон ба рафтору кирдор моянд. Аммо илми бадеӣ нормативии тоҷик ин ду ташхисро ҳамчун истиораҳои "даъвои гул", "дасти сабо", "гиребони гул" мешиносад, ки дар натиҷа ташхис ва рухбахшоӣ на танҳо томии шакл, балки латофату барҷастагии худро низ аз даст медиҳад.

Яке аз намунаҳои олии адабиёти хаттӣ, ки дар он намунаҳоизиёдисанъатиташхисваруҳбахшоӣвомехӯрандинкитобимуқаддасиЗартуштиён"Авасто"мебошад. Вақте ки мо «Авасто»ро мутоила мекунем ва дар паи ҷустани санъатҳои бадеии он мешавем, аввалин санъате, ки ба назари мо намоён мешавад, ин санъати ташхис мебошад. Санъати ташхис ё ин ки руҳбахшоӣ дар «Авасто» ба мавқеи калон соҳиб буда он барои афзоиши қимати бадеии он ва барои баланд бардоштани ҷиҳатҳои бадеияти ин китоб хизмат намудааст. Дар «Авасто» сабаби муҳити зисти худро ҳамчун зинда ва ҷондор хаёл кардани одамони ибтидоӣ дар он аст, ки онҳо вақте ки ба моҳияти реалии ҳодисаҳои ба вуқӯъ меомада сарфаҳм намерафтанд ва ба дарк намудани онҳо қувваи илмиашон намерасид, роҳи осони ҳалли ин масъалаҳоро дар хаёли худ ёфтанд, ки ин роҳи осони дарки муҳити атроф ҷондор ва соҳиби қувваи ҳаракаткунанда тасаввур намудани табиат буд. Одамони ибтидоӣ бо роҳи ҷондор тасаввур намудани табиат ба худ як роҳи тасаллибахш ва халосӣ пайдо кардаанд. Зеро ки эшон табиатро ва аҷсому ашёи онро ҷондор пиндошта ба худ наздик мегирифтанд ва онҳоро дар хаёли худ парастида қурбонӣ мекарданд, ва аз онҳо то дараҷае метарсиданд. Ин гуна тахайюлоти одамони ибтидоӣ мувофиқи гузашти рӯзгор дар хаёлҳои

онҳо зинда аз сатҳи ҷондорӣ то ба дараҷаи маъбудӣ расидааст. Баъдтар тахайюлоти бадеии одамони ибтидоӣ ба асотиру устураҳо ва минбаъд ба воситаи он устураҳо ба шакли хаттӣ дар «Авасто» ҷамъ гаштааст. Нақши санъати ташхис дар «Авасто» аз он сабаб бузург аст, ки ҳамаи устураҳои мифологии дар он ҷамъгашта аз санъати ташхис таркиб ёфтааст. Ташхис ин намунаи барҷастаи тахайюлоту ақидаҳои ибтидоии одамони қадим ба шумор рафта он минбаъд ба китобҳои муқаддаси ақвоми Ориётобор «Ригведа», «Авасто», «Ведаҳо» ва ғайра гузаштааст.

Китоби «Авасто» дар асл китоби динӣ буда, дар он бештар ниёишҳои динӣ ва расму оинҳои дини зардуштӣ баён гардидааст. Ҳангоми баррасии ниёишҳои динӣ ва муборизаҳои шадиди 2 қувваи асосӣ аҳуроӣ ва аҳриманӣ бисёр устураҳо ба назар мерасанд, ки онҳо аз асолати бадеӣ холӣ набуда аз ширкат варзидани санъати ташхис ва муболиға арзи вуҷуд намудаанд. Зи ин рӯ, нақши санъати ташхис барои афзоиши қимати бадеии «Авасто» хеле калон буда, он «Авасто»-ро ба назари мо ҳамчун як осори пур аз бадеият ва маонӣ намоён месозад. Дар «Авасто» бо роҳи ташхисонидан асотирҳои хеле аҷоиб ва дилангез ба вуҷуд омадаанд, ки он бевосита қимати бадеии ин китобро боло мебардорад.

Ҳар як анвоъи санъатҳои бадеӣ мувофиқи шакл ва мазмуну доираи баённамоии худ ба гурӯҳ ва намудҳои махсус тақсим карда мешавад. Санъати ташхис ҳам дар навбати худ мувофиқи ҳаҷми баёнёбии худ ба ду гурӯҳи калон тақсим карда мешавад.

Чунончи дар ин ҷода профессор Садрӣ Саъдиев дар мақолаи «Поэтикаи қасидаҳои «Модари май»-и Одамушшуаро Рӯдакии Самарқандӣ ва Башшори

Марвазӣ» чунин гуфтаанд: «Санъати ташхис аз санъатҳои зеботарини каломи бадеӣ буда он дар навбати худ ба ду гурӯҳҷудо карда мешавад.

1-ўм гурўҳи ташхисҳои муфассал;

2-ўм гурўҳи ташхисҳои мухтасар».

Мувофиқи ақидаи устод санъати ташхис аз рӯи баёни худ ба ду гурўҳи калон тақсим карда мешавад ва албатта дар он хусусияти истифодабарии бештар ё ин ки камтари ин санъат ба назар гирифта мешавад. Барои хубтар шинохтани гурўҳҳои зикр гардидаи ташхис доир ба онҳо маълумот дода мегузарем.

Ташхиси муфассал ташхисест, ки доманаи баёни ҳикоя дар он васеъ аст ва сар то по аз унсури ин санъат таркиб ёфта дар худ тамоми хусусиятҳои ташхисро ифода намуда, бо паҳлўҳои гуногун ба назари хонанда намоён мегардад. Мо намунаҳои беҳтарини ин гуна ташхисро дар хотҳои 9, 10, 12-и қисми «Ясно»-и «Авасто», дар мусаммотҳои «Духтарони раз»-и Манучеҳрии ДомғонӣДомғонӣ ва қасидаи «Модари май»-и Одамушшуаро Рӯдакии Самарқандӣ, «Баҳориёт»- и Сайидои Насафӣ ва ғайра дида метавонем.

Чунончи: дар ғазали зерини шоири маъруфи асри XI Фаррухии Сиистонӣ шоир аз намунаи муфассали санъати ташхис ва руҳбахшоӣ истифода бурда хоҳони интиқоли дили хеш ба назди маъшуқа мешавад. Шоир дилро водор мекунад, ки агар ба назди маъшуқа равад аз фароғату хушбахтии олам баҳравар мегардад. Вале дил ба соҳиби хеш мегўяд, ки маро ба назди маъшуқа нафрист, ки ҳеҷ касро диди, ки дили хешро назди касе фиристад? Пас шоир мегўяд, ки эй дил ту назди маъшуқа рафта бояд аз зебоиву латофат ва ҳусни ў комбардорӣ намоӣ, ки он баҳри ту беҳтарин неъмат хоҳад буд.

*Эй дили ман, туро башорат бод,*

*Ки туром ан ба дӯст хоҳам дод.*

*Ту ба ӯ шодмонаву ба ҷаҳон*

*Шод бод он ки ту бадуӣ шод.*

*То нагӯӣ, ки мар-маро нафрист,*

*Ки на кас дил ба дӯст бифристод.*

*Дӯст аз ман туро ҳаметалабад,*

*Рав бари дӯст, ҳарчи бодобод,*

*Дасту пояш бибӯсу маскан кун,*

*Зери он зулфакони чун шамшод.*

*То зи бедоди чашми ӯ бираҳӣ,*

*Аз лаби лаъли ӯ биёбӣ дод.*

*Зулфи ӯ ҳоҷиби лаб асту лабаш*

*Напсандад баҳеҷ кас бедод*[17].

Санъати ташхиси мухтасар ба таври мӯҷаз дар қатори дигар санъатҳои бадеӣ барои баланд бардоштани қимати бадеии шеър истифода бурда мешавад. Шоир ҳангоми баёни воқеа ба эпизоди худ ҷон мебахшад ва он дар рафти воқеа як намоён мешавад ва баъдтар нопадид мегардад.

Масалан: дар рубоии Абулқосими Лоҳутӣ мусоҳибаи ӯ бо дилаш анҷом пазируфтааст. Шоир ба дили хеш дар бобати ишқи хеш ва дарду ҳиҷрони

[17]Сабақи Рӯдакӣ. Душанбе. –Ирфон,1984. Саҳ 77-78

ошиқӣ саволҳое медиҳад ва дар навбати худ низ аз дил ҷавоби саҳеҳе мешунавад, ки дар он санъати ташхиси мухтасар истифода гардидааст.

Бигуфтам: «Ҷони бемори маро кӣ мекунад дармон?»

Бихандиду гуфт: «Эй бенаво, ҷононае чун ман».

Бигуфтам: «Лоиқи ганҷинаи ишқам куҷо бошад?»

Дилам ҷунбиду гуфто: «Хонаи вайронае чун ман»[18].

Аз ин мисолҳо бармеояд, ки санъати ташхиси мухтасар дар ҳамроҳии дигар санъатҳои бадеӣ омада қобилияти бадеии худро нигоҳ медорад ва унсурҳои таркибии хешро ба таври мӯҷаз намоён дода дар шеър як намуди ҷонбахшоиро инъикос мегардонад.

[18]Т.Зеҳнӣ. Санъати сухан. – Душанбе: Ирфон, 1967, саҳ 103.

## Боби дуввўм

## МАВҚЕИ САНЪАТИ ТАШХИС ВА РУҲБАХШОӢ ДАР АДАБИЁТИ ҚАДИМАИ ХАЛҚҲОИ ЭРОНӢ»

Санъати ташхис дар давраи то исломии адабиёти халқҳои эронӣ дар осори шифоҳиихалқӣваҳамдаросорихаттӣбатаврифаровондида мешавад.Монамунаҳои ин санъхати марғубро дар китоби динии ойини зартуштӣ “Авасто” ва дар достони “Дарахти Асурик” ба хубӣ дида метавонем.

Якеазнамунаҳоиолитариниадабиётихаттии халқҳоиОриёитаборин китоби муқаддасиойиниЗартуштӣ“Авасто”мебошад. Моҳолодаринқисмикоридисертатсияи магистирии хеш намунаҳоиин санъати марғубродарадабиётидавраимазкурдарасосикитоби“Авасто”мавридиомўзишқ арормедиҳем.

Санъати ташхис ва руҳбахшоӣяке аз санъатҳои серистеъмолтарини каломи бадеъ дар системаи бадеии «Авасто» мебошад. Ин санъати сухани зебо дар «Авасто» ба шакли мухтасар ва муфассал ва бо намудҳои гуногун дар бисёр мавридҳо ба назар мерасад.

Пеш аз он, ки ба мавзӯи асосӣ гузарем ва суханҳои хешро доир ба он давом диҳем, лозим аст дар ин ҷо дар бораи ин китоби хеле пурарзишу гаронмояи халқҳои эронинаҷод ва аҳамияти бадеии ин китоб як-ду сухан баён намоем.

«Авасто» ин ҷанбаи илмӣ-фарҳангии давраи ибтидоии мардуми эронинажод, маҷмӯаи қавоиду қонунҳо ва расму суннатҳои дини маздопарастӣ, намунаи бадеии беҳтарини Эрони бостон ба шумор меравад.

«Авасто» аз бисёр ҷиҳатҳо қимати адабӣ ва бадеии бузург дорад. «Авасто» маҷмӯаи суруду афсона ва достону устураҳои мардуми эронизабон буда дар он намунаҳои аввалини шеърӣ, санъатҳои бадеӣ ва образэҷодкуниро мо мушоҳида менамоем.

Устод Х.Мирзозода қайд менамоянд, ки намунаҳои аввалини шаклҳои шеъри тоҷик маҳз дар «Авасто» ба назар мерасанд[19].

Аз намунаҳои санъати бадеӣ дар «Авасто» санъатҳои ташхис, талмеҳ, тавсиф ва муболиғаву иғроқ ба назар мерасанд. Санъатҳои бадеии «Авасто» дар бахшу қисмҳои гуногуни он ҳангоми баёни воқеоти асотирҳои «Авасто», гуфтугузору сӯҳбатҳои Зартушти Спитамон бо худои олӣ Аҳурамаздову қаҳрамон ва маъбудҳои дигари ин китоб истифода бурда шуда, барои тақвияту бадеиятнок баромадани суханҳои Зарпушту Аҳурамазо ба кор бурда шудааст.

Санъатҳои бадеии дар «Авасто» баён гардида боз аз он ҷиҳат ба аҳамият молик мебошад, ки бо воситаи истифода шудани онон дар қисмҳои гуногуни «Авасто» мо «Авасто»-роро чун осори беҳтарини бадеӣ мешиносем. Дигар

[19] Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тољик. к 1 (1). – Душанбе: Маориф, 1987, саҳ. 67.

ин ки санъатҳои бадеии «Авасто» симо ва суханҳои қаҳрамонони онро ба шакли бадеӣ ва дилпазир манзури хонандагон мегардонад.

Масалан, образҳои намоёни «Авасто» Хаум, Гаушурван Мантра, Дуруҷ, Индра, Воруна, Митра, Береҷей, Дурванд, Висйа, Савангҳйа, Ром, Раптивин, Фрадатфму Тишер ва Арштод бо бадеият бахшидан ва обуранг додан хеле барҷаста ба назар мерасанд, ки мо онҳоро ҳамчун як образи мукаммал ва зебо мебинем. Сонияи ҳангоми тавсиф ва ба ҳаракат омадани образҳо онҳо аз худ осори бадеият, аниқтараш осори муболиғаомез ва ташхисонидан нишон медиҳанд, ки ҳамаи он дар натиҷаи ба кор бурда шудани санъатҳои бадеӣ арзи вуҷуд менамоянд.

Яке аз санъатҳои бадеие, ки қимати бадеии «Авасто»ро меафзоёнад, ин санъати руҳбахшоӣ ё ин ки ташхис мебошад. Санъати ташхис ва руҳбахшоӣ дар «Авасто» ба ашё ва аҷсомҳо ва воқеоту ҳодисот, масъалаҳои дар табиат вуҷуд дошта, ҷон бахшида онҳоро чун шахс ва соҳиби фазилату хусусиятҳои инсонӣҷилвагар мегардонад.

Санъати ташхис ва руҳбахшоӣ дар навбати худ мувофиқи ҳодисаи ҷонбахшиданба ҷисмҳои табиию физикии табиат ба 4-гурӯҳи калон тақсим карда шуданашон мумкин аст.

1) Гурӯҳи ташхисҳои аҷсоми маънавӣ, ки дар он ба чизҳо ва рӯйдодҳову фазилатҳои маънавӣҷон бахшида мешавад. Яъне, ба ашёи ташхисонида шудаи ин гурӯҳҷисмҳои ҷонбахшида шудае дохил мешаванд, ки инсон қобилияти аёнан дидани онро надорад. Инсон ингуна мафҳумҳоро аз рӯи ақл фақат идрок менамояду халос. Ба гурӯҳи ин гуна ташхисҳо образҳои Хашм, ғазаб, Дуруҷ, зишт, бадӣ, некӣ, ростӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд.

2) Гурӯҳи ташхисҳои наботот. Ба гурӯҳи ашёҳои ташхисонида шудаи наботот ва растанӣ гиёҳу набототҳое дохил мешаванд, ки дар худ маҷмаи ҳаракатҳои инсониро таҷассум намуда, мисли одам ҷилвагар мешаванд ва дар рафти баёни воқеа аз худ хислату хусусият ва рафтору кирдорҳои шахсро намоён менамояд. Масалан, дар ин гурӯҳ набототҳое мавҷуданд, ки дар вақти баёни ҳодиса тамоми фазилатҳои одамро нишон дода, ҳамчун намунаи олии объекти ташхисонида шуда ба назар мерасанд, ки мо мисоли беҳтарини онро дар нақши набототи судбахш Хаум дида метавонем.

Намунаҳои беҳтарини ашёву аҷсоми ташхисонида шударо мо дар симои бадеии Хаум, Харвистухмак, Ануш, Барсам ва ғайраҳо мебинем.

3) Гурӯҳи ташхисҳои ҳайвонот. Ин яке аз гурӯҳҳои калони чизҳои объекти ташхисонида шуда мебошад, ки мо намунаҳои бисёри ин гуна ташхисҳоро ҳам дар «Авасто» ва ҳам дар достони “Дарахти Асурик” мебинем. Дар ин гурӯҳҳайвонҳои гуногун дар асоси асотиру устураҳои қадимӣ соҳиби салоҳияти рафтору кирдор ва гуфтори инсонӣ гашта мисли инсон ҳаракат менамоянд, хусусиятҳои фазилати инсониро аз худ намоён мекунанд, ҳайвонҳои гуногун дар асоси унсур ва таркибҳои санъати ташхис аз худ аломатҳои инсониро нишон медиҳанд ва дар мавридҳои гуногун ҳатто ҳиссиёту эҳсосоти ашхосро аз худ намоиш медиҳанд. Чунончи мегирянд, ғам мехӯранд, арзи шодӣ менамоянд ва ба олами фикрронӣ шурӯъ мекунанд. Мисоли равшани онро дар хоти 29-и Яснаи «Авасто» ба хубӣ дида метавонем, ки дар он ҷо Гаушурван, ки дар асл гов аст ва баъдтар чун мабуди чорпоён шинохта шудааст, мисли инсон ба сухан медарояд, вай ҳангоми сӯҳбати худ бо Зардушти Спитамон аз худ намуди ғамгинӣ ва ҷафопешагиро намоён карда аз болои Хашм ва деви Аҳриман ба ӯ шикоят менамояд. Ҳамаи он дар асоси санъати тамсил, ки як намуди санъати ташхис мебошад, суръат гирифтааст. Намунаи образҳои ҳайвоноти ташхисонида шударо мо дар

симоиқаҳрамононе аз қабили Гаушурван, Хосдайуш, Храфстра, Бабар, Аретна, Фрададофшу Вазағ, Асурик ва буз дида метавонем.

4) Гурӯҳи ташхисҳои унсурҳои табиат. Ин гурӯҳ низ яке аз гурӯҳҳои калонтарини санъати ҷонбахшӣ буда, дар навбати худ он ба 2-бахш тақсим мешавад.

а) ташхисҳои унсурҳои моддии табиат аз қабили кӯҳу рӯдҳо, замину ситораҳо ва сайёраву офтоб дохил мешавад. Намунаи ин гуна ташхисҳоро мо дар симои бадеии Митра (Меҳр), Албурз (дар «Авасто» Ҳаро, Ҳараити, Ҳараберезаити), Арезвар, Ардеви, Аснавант, Воруна, Аурвант дида метавонем.

б) ташхисҳои ҳодисаҳои табиат. Дар ин бахш ташхисҳои бадеии ҳодисаҳои табиат аз қабили обу оташ, хоку бод ва раъду барқро дида метавонем. Дар ин бахш унсурҳои табиӣ дар худ хусусиятҳои санъати ташхисро касб намуда чун инсон ба рафтору кирдор медароянд ва дар масъалаҳои мухталифи зиндагонии инсоният дахл намуда ба онҳо ё некӣ ва ё ин ки бадӣ меоранд. Дар «Авасто» унсурҳои табиат чун зинда тасвр гаштааст ва он баъдтар ба дараҷаи илоҳӣ бароварда шудааст. Мо образҳои ташхисонида шудаи бадеии ин бахшро дар мисоли Индра (худои раъду барқ), Асийа (номи эзиди нигаҳбони панҷ гоҳи шабонарӯз аст), Аредисура, Анохита, Анам Нанат (номи эзиди об) ва Бод (дар «Авасто» «Вата» ва дар паҳлавӣ «Ват» номи эзиди бод аст) бевосита дида метавонем. Ташхисҳои дар ин гурӯҳ баёнгардида низ дар асл аз устураҳои бостонии одамони ибтидоӣ манша гирифта баъдтар ба шакли ашхоси зиндаи асотирӣ дар «Авасто» зуҳур кардаанд.

Яке аз хусусиятҳои ба худ хоси ташхисҳои ин гурӯҳ дар он аст, ки он ба ғайр аз ҷиҳати бадеӣ доштан боз ҷанбаи илмӣ ва назарӣ низ дорад. Яъне,

одамони ибтидой табиат ва аҷсому ашёи онро чун ҷондор донанд ҳам баъзе ҷиҳатҳои эшонро дар сатҳи паст аз худ намудаанд ва доир ба онҳо маълумот баён намудаанд. Ҳамчун далел ба ин гуфтаҳо мо афкори илмии соддаи ниёгони хешро дар бораи унсурҳои табиат мисол оварданамон мумкин аст.

Ҳодисаҳои ташхисонидан, ашёву аҷсоми ташхисонида шуда дар «Авасто» гоҳо ба мардум нафъ меоварданд ва гоҳо бар хилофи накўкорӣ ба онҳо зулму ситам ва фоҷиаву кулфатҳо меоварданд, ки ҳамаи онҳо дар тафаккури эшон ва дар натиҷаи рух додани ҳодисаҳои табиию физикӣ ба амал меомаданд.

Аз ин рў, ҳодисаҳои ҷонбахшой дар «Авасто» ба ду қисм: қисми ташхисҳои барои манфиати мардум, барои беҳ шудани рўзгори инсонҳо ва ҳимояи онҳо хизмат менамуда ва қисми ҳодисаҳои ташхисонида шуда, ки амалҳои бар зидди одамон равона шударо аз худ нишон медиҳанд ва ҳангоми ба ҳаракат даромадани онҳо ба сари мардум ҳаргуна азобу кулфатҳо, гурустагиву бемориҳо ва балову рўзҳои сахт меояд. Ҳамаи ин дар натиҷаи тарсу ваҳм ва меҳру эҳтироми одамони ибтидой дар бораи ҳодисаҳои табиат ва масъалаҳои гуногуни он ба амал меояд, дар натиҷа одамони ибтидой унсурҳои дар хаёл ҷондоршударо ба ду қисм ҷудо намуданду ба онҳо мувофиқи эҳтиром ва нафрати худ номи қувваҳои некӣ ё ин ки аҳурой ва қувваҳои зишту бадӣ – аҳриманиро доданд. Ба қисми ашўву аҷсоми ташхисонида шудае, ба ҳифзу ҳимояи манфиатҳои одамон хизмат мекунанд, қаҳрамононе аз қабили Воруна, Меҳр, Хаума, Ануш, Барсам, Ауравант ва амсоли ин образҳои нек дохиланд.

Ба қисми ҳодисаҳои ташхисонида шудаи қувваҳои бадӣ образҳои бадиро дар тимсолҳои Аҳриманю, Индра, Хашм, Дуруҷ ва ғайраҳоро дида

метавонем, ки онҳо бо воситаи амалҳои иҷро менамудаи худ ба халқ фақат бадӣ меоранд.

Дар ин навбат мо ташхисҳои ба гурӯҳҳо тақсим намудаи хешро навбат ба навбат дар асоси мисолҳо дида мебароем. Зеро ки дар асоси пайиҳам санҷидани ташхисҳои «Авасто» барои пурратар тадқиқ ва кушодани моҳияту хусусиятҳои онҳо хизмат мекунад.

**Образи Хашм** – гурӯҳи ташхисҳои маънавии «Авасто» шомил буда, чун аносири кеши бадандешӣ шуморида шудааст. Моҳияти аслии Хашм эҳсосоти ғазабу барошуфтанӣ буда, инсон ҳангоми дар қаҳр шудан аз ягон чиз он рӯй медиҳад. Дар асотирҳои оини зардуштӣ симои ташхисонидашудаи Хашм аз асли моҳияти худ рӯй ба тараққӣ ниҳодааст ва аз унсури оддии ашёи маънавӣ то ба шахси зиштkор ва деви ғазабу хашм шинохта шуда, дар худ хислату хусусиятҳои аҳриманӣ ва бадандеширо таҷассум намуда бо корҳои бад машғул мегардад.

Образи Хашм, ки яке аз ёрӣ расонандагони қувваи аҳриманӣ буд, дар мавридҳои гуногуни «Авасто» бо номи «Хуниндирафш» (дорандаи дирафши хунолуд) ёдрас мешавад ва он ҳам исботи хислатҳои инсонӣ гирифтани ӯро нишон медиҳад. Зеро ки як унсури маънавии хислати инсонӣ дар асоси ҷонбахшидан ба худ рафтору кирдори зишти одамиёнро ҷамъ намуда, чун хунхор ва дорои дирафши хунин арзи ҳастӣ менамояд.

Симои ташхисонида шудаи Хашм дар банди 18-и Хурмузд – Яшти «Авасто» чунин аст:

«Дар ин рӯзу дар ин шаб, кор ба ӯ коргар нашавад, чаккушу тиру ханҷару гурзе, ки Хашме бо ниҳоде сармор аз дурӯғ ба сӯи ӯ партоб кунад, бар ӯ коргар нашавад ва сангҳои фалоҳан бад-ӯ нарасад»[20].

Дар мисоли болоӣ сухан асосан аз амалҳои неки аҳуроӣ меравад. Дар ҳангоми баёни сухан образи Хашм чун шахси гурз бад аст, намоён мегардад ва ба сӯи амалҳои некӣ ба разм медарояду барои нобудии онҳо мекӯшад. Дар ин кор ӯ мисли шахси ҷанговар ба ҳаракат омада ба тарафи қувваҳои аҳуроӣ бо дурӯғ ва чаккушу ханҷару гурз ҳуҷум мекунад ва ҳаракат менамояд онҳоро кушад.

Дар мисоли болоӣ мушоҳида намудем, ки хислати бади мавҳуми шахс ба воситаи истифодаи санъати ташхис чун инсон арзи ҳастӣ намудааст ва хислату хусусиятҳои бадиро ба худ гирифта бо амалҳои ношоям шуғл варзидааст.

Аз унсурҳои маънавии ташхисҳои «Авасто» образи ташхисонида шудаи Дуруҷро бояд зикр кард, ки барои кушодани моҳияти масъалаи пешгузоштаи мо кӯмак мерасонад.

Дуруҷ ё Друг дар «Авасто» номи модадеви дурӯғ ва нодурустиву шаймоншиканӣ аст. Дуруҷ маънои дурӯғро дорад ва дар асл барои суханҳои нодуруст кор фармуда мешавад, аммо дар «Авасто» ин унсури маънавӣ дар натиҷаи рушди эътиқод нисбат ба қувваҳои аҳриманию аҳурамаздоӣ то ба дараҷаи маъбудӣ расида ҷон гирифтааст.

Чунончи:

«Пайдост, ки ҳар шаб Аҳриману девону Дуруҷон барои муронидани офаридагор Ҳурмузд аз дӯзах битозанд»[21].

[20] Авасто, Яштҳо. Бо гузориш ва пажӯҳиши Ҷалил Дӯстхоҳ. – Душанбе: Конуният, 2001, саҳ. 203.

Ё ин ки:

Дуруҷ бояд бикоҳад! Дуруҷ бояд нобуд шавад! Дуруҷ бояд сипарӣ гардад. Ва яксара нобуд шавад! Ту набоядҷаҳони астуманди Ашаро нобуд кунӣ![22]

Дар мисоли 1-ум Дуруҷ ба шакли ҷамъ омада дар қатори тамоми кешҳои бадӣ барои кушта гаштани худои олӣ – Ҳурмузд ҳаракат менамояд ва чун душмани кеши Аҳуроӣ ба қалам дода шудааст. Мисоли 2-юм бошад, асосан ба таври дуо ва ниёиш навишта шудааст. Дуруҷ ба марг ва нобудӣ маҳкум карда шудааст. Дуруҷ, ки худ як сухани мавҳум буда, дидани аёнии он ба инсон муяссар намегардад, ба воситаи ташхисонидан чун шахси зинда намудор мегардад ва ба марг маҳкум мегардад.

Ҳамаи мисолҳои болоӣ ба шакли санъати ташхиси мӯҷаз (мухтасар) сурат гирифтааст ва барои кушода додани моҳият ва шаклгирии ташхисоти гурӯҳи мафҳумҳои маънавӣ хизмат менамояд.

Гурӯҳи ташхисҳои наботот яке аз калонтарин гурӯҳҳои ташхиси «Авасто» буда, дар он хусусиятҳои ба худ хоси ин санъат ва намудҳои асосии он намоён мегардад. Дар ин гурӯҳи ташхисҳо наботот ва растаниҳои гуногуни табиат хусусиятҳои инсонӣ касб карда чун инсон ҳаракат менамоянд, сухан меронанд, нафъ ва ҷиҳатҳои судбахши худро васф карда ба атрофиён ошкор месозанд ва дар мавридҳои мубориզаи ду қувваи асосӣ – некӣ ва бадӣ ба ҷониби ин ё он қувва истода мубориза мебаранд ва дар разму набардҳо иштирок менамоянд. Ҳодисаи ҷонбахшоӣба олами беҷони ин гурӯҳ дар «Авасто» хеле фаъол мебошад. Аз ин рӯ, ташхисҳои ин гурӯҳ бештар дар

---

[21] Авасто, Пайваст, Ёддоштҳо. Бо гузориш ва пажӯҳиши Чалил Дӯстхоҳ. – Душанбе: Конуният, , 2001, саҳ. 638.
[22] Авасто, Яштҳо. Яшт Ордибиҳишт-Яшт: Бо гузориш ва пажӯҳиши Чалил Дӯстхоҳ. – Душанбе: Конуният, , 2001, саҳ. 213.

шакли ташхиси муфассал ба назар мерасанд. Дар баъзе мавридҳо чизҳои ҷонгиранда ба шакли нисбатан хурдтари ифодаёбии ташхис – санъати тамсил зуҳур менамоянд.

Дар бисёр мавридҳо ташхисҳои гурӯҳи набототи «Авасто» барои орзуву омол ва беҳ гаштани зиндагии мардум, ҳифз намудани онҳо аз шарри кешҳои аҳриманӣ истифода шудаанд, ки ҳамаи он аз тасаввуроти асотирии одамони ибтидоӣғизо мегирад. Дар тасаввуроти асотирии одамони ибтидоӣ як гурӯҳ наботот ва растаниҳои фоидаовар, ки инсонҳо аз онон баҳра бурда, барои саломатӣ ва ғизо истифода мешуданд, чун аносири муқаддас парастида мешуданд ва мисли ашёи ҷондору соҳиби рӯҳ тасаввур карда шуда, онҳоро мепарвариданд ва аз онҳо матлабу додгарӣ металабиданд.

Яке аз нақшҳои хеле машҳури ташхисонида шудаи наботот дар китоби муқаддаси «Авасто» ин нақши Хаум мебошад.

Хаум дар асл як гиёҳе будааст, ки дар баландии кӯҳҳои сарбафалак кашида мерӯидааст ва барои саломати инсонҳо ва аз бемориҳо наҷот ёфтани эшон аҳамияти калон доштааст. Ба Хаум дар қисми шарҳи «Авасто» чунин таъриф дода шудааст:

«Хаум – (дар забони Авастоӣ – Ҳаома дар Санскрит – Сома) номи гиёҳи муқаддас аст, ки афшураи он гунае ошомидании оинӣ ба шумор меравад ва оинҳову ниёишҳои марбут бад-он дар «Авасто»и нав ва дар дини зардуштӣмутасххир ҷои вижа дорад. Аз нӯшобаи Хаум ба сифати «дурдорандаи марг» ёд мешавад…»[23].

Дар «Авасто» ин набототи муқаддас ва судбахш хусусиятҳои реалистонаи худро гум карда дорои хислатҳои неки инсонӣ аз қабили ҳифз

[23] Авасто. (Гузориш ва пажӯҳиши Љалили Дӯстхоҳ). – Душанбе: Ќонуният, 2001, саҳ. 734.

намудан, ёрмандӣ кардан ва аз бадиҳо раҳонидан, нерӯъ бахшидан ва ба шакли паҳлавони мағлубнопазир тасвир гардидааст. Хаум дар асоси асотирҳои қадимии мардумӣ дар «Авасто» ҳамчун марди далеру размовар ба назар ҷилвагар мешавад. Дар хотҳои 9,10,11-и Ясnои «Авасто» мусоҳибаҳои Хаум бо Зардушти Спитамон сурат мегирад ва Хаум ҳамчун марди тавонои парипайкару соҳиби қувваи бузург ба назди Зардушти Спитамон меояд ва хусусияти суханронии инсониро дар худ касб намуда ба сухан медароят:

Ба Ховангоҳ, ки Зардушт оташро пок мекарду меорост ва «Гоҳон» месуруд, Хаум назди вай омад ва худро бад ӯ бинамуд.

Зардушт аз вай пурсид:

– Кистӣ, эй мард, ки ба ҷони тобноку ҷовидонаи хеш ба дидагони ман некӯтарин пайкаре менамоӣ, ки дар ҷаҳони астумонд дидаам? Он гоҳ Хауми ашавани дурдорандаи марг маро посух гуфт:

Эй Спитамон!

Ба ҷустуҷӯйҳои ман барой ва аз ман нӯшоба баргир. Маро бистой! Ончунон, ки вопасин Саошитанҳо моро хоҳанд сутуд[24].

Аз ин ҷо то бандҳои 17-и хотҳои 9-10-и Ясна (Хаум-Яшт) силсилаи гуфтугузорҳои Хауми далер ва Зардушти Спитамон ба амал меояд, дар он Хаум мисли инсон сифатҳои худро тавсиф намуда мегузарад ва пирӯзии худро алайҳи қувваҳои аҳриманӣқайд карда мегузарад.

Омадани Хаум ба қиёфаи мард ва бо Зардушти Спитамон гуфтугузор намудани ӯ тавассути санъати ташхис ба амал омадааст. Хаум дар матни болоии «Авасто» ба роҳи ташхисонидан ба қиёфаи марди паҳлавон зуҳур

[24]Авасто. Ясна (Хаум-Яшт), хоти 9. (Гузориш ва пажӯҳиши Чалили Дӯстхоҳ). – Душанбе: Қонуният, 2001, саҳ. 130.

карда ба худ хусусият ва фазилатҳои инсонӣ: суханронӣ кардан, ба ҳаракат омада ба назди Зардушт омадан ва кору сифатҳои хешро тавсиф намуданро муҷассам мегардонад. Ташхиси дар матни зикр гардидаи «Авасто» дар шакли ташхиси муфассал омада дар он паҳлӯҳои таркибии гуногуни ин санъат инъикоси худро ёфтааст.

Дар асотирҳои «Авасто» симои нӯшокии муқаддас Хаум бештари вақт чун шахси асотирӣ, ки барои интишор ёфтани қувваҳои некӣ ва коста шудани кеши аҳриманӣ хизмат мекунад, намудор мегардад. Симои Хаум дар байни ақвоми Ориёӣ чунон беш аз беш нуфуз пайдо карда буд, ки мардуми ба Ахура эътиқод менамуда ӯро чун Худо мепарастиданд ва аз ӯ ҳаргуна ёриву дастгириро талаб менамуданд. Барои мо муҳимаш он аст, ки нақши Хаум дар асоси ҳодисаи рӯҳбахшоӣ ба вуҷуд омада дар ақидаҳои ниёгони мо ҳамчун шахси асотирӣ ва маъбуди дармонбахш арзи ҳастӣ намудааст. Масалан, дар «Авасто» меояд:

Хаум далеронро, ки дар пойкор асп метозанд, зӯру нерӯ мебахшад. Хаум занони зояндаро писарони номвар ва фарзандони ашаван медиҳад.

Хаум бад-онон, ки ба дилхоҳ ба омӯзиши Наск менишинанд, покиву фарзонагӣ мебахшад[25].

Ё ин ки: Хаум он ки Кересонеро аз шаҳриёрӣ барандохт: он, ки аз сари азмандӣ ба шаҳриёрии хеш нолакунон мегуфт:

Аз ин пас Отурбон – дарҳамшикананда ва табоҳкунандаи пешрафт барои густариши дин, бар сарзамини ман роҳ нахоҳад ёфт.

Аз ин мисолҳо маълум мегардад, ки Хаум фақат ҳамчун марди парикайкару хайрхоҳи ашованони нек набуда, ӯ ба одамон барои ҳосил

[25] Авасто. Хоти 9 (Хаум-Яшт),(Гузориш ва пажӯҳиши Љалили Дӯстхоҳ). – Душанбе: Ќонуният, 2001,саҳ. 134.

шудани матлобашон ёрмандӣ мекардааст. Симои ташхисонида шудаи Хаум ба ғайраз ёрии моддӣ намудан ба одамон ёрии илоҳӣ, ки хоси маъбудон аст, расонад. Дигар хусусияти ҷондории Хаум дар он аст, ки ӯ ҳокими ситамкор Induced Кересонеро аз сари қудрат барандохта дар мулки ӯ осудагӣ ва некиро ҳукмрон менамояд.

Дар ин мисол Хаум чун шахси наҷоткор ба тасвир омада, барои халосии одамон камари ҳиммат баста, одамонро аз нокомӣнаҷот мебахшад. Растании Хаум, ки барои одамони ибтидоӣ судҳои зиёд мебахшид, онҳоро аз марг ва беморӣ наҷот дода, дармон мебахшид, муқаддас дониста шуд ва доир ба ӯ бисёр тасаввурҳои мифологӣ пайдо гардид, ки мо дар ҳамаи ин тасаввуроти мифологӣ ӯро чун соҳиби қувва ва руҳии инсонӣ, соҳиби ҳаракатҳои рафтору кирдори одамӣ мебинем. Агар ӯ дар яке аз ин тасаввурот чун паҳлавони наҷотбахш намоён шавад, дар дигар асотирҳо чун кӯдак ё ин ки ба илтифоти инсон мӯҳтоҷ намудор мегардад. Масалан, хоти 10-и (Хаум Яшти) Ясна чунин суханҳо омадааст, ки гӯё агар одамон Хаумро чун кӯдаки хурдсол сарпарастӣ кунанд, меҳрубонӣ ва муруввати хешро нисбати он дареғ надоранд, ӯ ҳамчун шахси дармонбахшанда ба назди эшон омада ба онҳо дасти ёрӣ дароз мекунад. Шираи Хаум барои ғолиб омадани мардум бар асотири Хашми хуниндирафш ба онҳо кӯмак мерасонад, ки онҳо бо воситаи ёрии шираи Хаум ба пирӯзӣ ноил мегаштанд:

«Оре, ҳамаи майҳои дигарро Хашми хуниндирафш ҳамроҳ аст; аммо майи Хаум ромиши Аша дар пай дорад ва сархушии он (танро) сабук кунад.

Мардуме, ки Хаумро чун кӯдаки хурдсоле навозиш кунанд, Хаум барои ёварии онон омода шавад ва тани эшонро дармон бахшад»[26].

[26] Авасто. Ясна (Хаум – Яшт), хоти 10, банд 8,(Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ). – Душанбе:

Симои бадеии Хаум, ки дар матни боло сухан асосан дар бораи ӯ меравад, ба воситаи бахшандаи ҷон ба шакли шахси ёрмандирасон ва наҷоткору тез ба хизмати инсон омода мешуда тасвир карда шудааст. Хаум, ки ҳама вақт барои муҳофизат намудани инсон ва молу мулки он тайёр аст, дар навбати худ ӯ низ аз мадади илоҳии ромишҳои Аша (қувваҳои некӣ ва ростӣ) ғизо гирифта, барои ба разму набард даромадан бар зидди қувваҳои аҳриманӣ омода мешавад ва дар натиҷаи дастгири маниши некӣ-аҳуроӣҳама вақт дар муборизаҳои роҳи ростгорӣ пирӯзӣ насиби Хаум мегардад. Дар ин ҷода образи Хаум чун одами диндору тақводор намоён мешавад ва бо роҳи мадад талабидан аз маъбудҳо бар душманони худ ғолиб мегардад. Симои Хаум, чунон ки дар боло қайд кардем, дар матни мавриди назар ҳамчун шахси тақводор ба ҷанги ашаванони Хашми Хуниндрафш рафта онҳоро ба ҳоли табоҳ меандозад ва одамонро аз ситами эшон раҳоӣ мебахшад. Ба сурати тақводор омадан ва пирӯз гаштани Хаум дар натиҷаи ба кор бурда шудани аносири санъати ташхис ба вуҷуд омада барои таъсир бахшидан ва додани бадеият ба сухан сатҳи бадеии онро хеле афзудааст.

Умуман, дар ҷаҳонбинии одамони ибтидоӣ анвоъи наботот ва дарахтони зиёде, ки барои рӯзгузаронии онҳо аҳамияти хеле калон дошт, ба мавқеи хос соҳиб буда, муқаддас дониста мешуд ва аз тарафи эшон чун анвоъи муқаддаси ашёи моддӣ табаррук фаҳмида мегардид.

Наботот ва дарахтони гуногун дар рӯзгузаронии мардум, дурусттараш барои сер кардани онҳо ё халос кардан аз бемории онон истифода мегардид. Баъдтар дар бораи ин гурӯҳи анвоъи сабзи табиат тасаввуроти асотирӣ дар байни одамони ибтидоӣ реша давонд ва акнун одамон олами сабзи атрофи

Қонуният, 2001, саҳ. 136.

хешро бо чашми ҷондор менигаристанд ва дар сари ҳар як навъи ин дарахту растаниҳо эзиду худоҳоро муайян намуданд.

Яке аз сабабҳои бисёр эҳтиром карда ёд шудани навъҳои растанӣ дар асотирҳои «Авасто» ин ҷиҳати фоидаоварандаи он буд, одамони ибтидоӣҳамин нуктаро ба назар гирифта, гули гиёҳҳо ва дарахтонро чун муҳофизони ҷондор ва наҷоткори ба хизмат тайёри худ тасаввур мекарданд. Тасаввуроти одамон аз санъати ҷонбахшоӣба зуҳур омада он минбаъд ба шакли хаттӣ ба китоби муқаддаси «Авасто» ҷамъ гашт.

Дар қисмати гурўҳи ташхисҳои ҳайвоноти системаи бадеии «Авасто» ва дар достони «Дарахти асурик» якчанд намунаҳои беҳтарини ин санъатро дида метавонем.

Дар замонҳои қадим одамони ибтидоӣ фақат бо воситаи шикор ва сайд намудани ҳайвонот ва паррандагони гуногун рўз мегузарониданд. Аввалин санъате, ки одамон ибтидоӣ кашф намуда буданд, маҳз ҳамин шикоргарӣ буд. Ҳайвонот ва паррандагоне, ки барои зинда мондан ва давом додани ҳаёти одамон воситаи беҳтарини ғизоӣ ба шумор мерафтанд, дар натиҷаи ҳамин аҳамиятнокии худ дар ҳаёти инсонҳо бузург дошта мешуд ва доир ба онҳо бисёр афсонаву устураҳо низ ба вуҷуд омад.

Дар тафаккури одамони ибтидоӣ бисёр навъҳои ҳайвонот ва паррандаҳо муқаддас дониста шуда, парастида мегардид. Сабаби он боз ба қонунҳои табиат рафта мерасад. Зеро ки одамони ибтидоӣ гумон мекарданд, ки тамоми анвоъи ҳайвонот ва паррандагон аз ҷониби худоёни осмон барои рўзгузаронӣ ва ғизои эшон фиристода шуда бошад. Аз ҳамин лиҳоз баъзе навъҳои ҳайвонот, ки ба инсонҳо таҷовуз карда наметавонистанд ва қобили хурўши онҳо буданд, ҳамчун гурўҳи ҳайвоноти маниши нек дониста шуда, дар бораи

онҳо бисёр устураҳо пайдо гардид, ки дар он устураҳо ин гурӯҳи ҳайвонот ва наботот мазмун ва хӯи хислати инсониро дар худ таҷассум менамуданд. Барои мисол Гов, асп, гӯсфанд, шутур ва амсоли он дигар намудҳои ҳайвонот муқаддас донистa мешуд.

Ҳоло мо дар ин ҷойи рисола достони «Дарахти Асурик ва Буз»-ро таҳлил карда саҳми санъати ташхис ва руҳбахшоиро дар ин достон мариди омӯзиш қарор медиҳем.Достони «Дарахти Асурик ва Буз» аз намунаҳои адабиёти паҳлавӣ буда сараввал дар дохили эҷодиёти даҳонакии халқ офарида шудааст. Минбаъд бо саъю кӯшиши муаллифи номаълуме таҳрир карда шуда ба осори хаттӣ мубадал гаштааст. Достони «Дарахти Асурик ва Буз»ба забони паҳлавии ашконӣ тақрибан дар асрҳои 2-3 – и мелодӣ навишта шудааст. Баъдтар дар даврони ҳукмронии Сосониён ба забони паҳлавии сосонӣ-форсии миёна баргардонида мешавад.  Достон дар шакли мунозираи дарахти асурӣ-хурмо ва буз дар асоси иштироки санъатҳои бадеии ташхис ва руҳбахшоӣ, суолу ҷавоб, ташбеҳ, истиора, маҷоз, тавсиф ва ғайра таркиб ёфтааст. Дар достони мазкур мунозираи дарахти хурмо ва буз бо воситаи иштироки санъати ташхиси муфассал анҷом пазируфтааст. Сараввал дар оғози манзума васфи дарахти асурӣ оварда шуда, муаллиф ҷиҳатҳои судбахши онро ёдовар мешавад:

Дарахте рустааст

Саросар кишвари Сурастон.

Бунаш хушк аст.

Сараш аст тар.

Баргаш ба най монанд,

Бараш монанд ба ангур.

Ширин бор оварад,

Барои мардумон.[27]

Пас аз ин набарди дарахти асурӣ бо буз сар мешавад, асурӣба ситоишу тавсифи хеш пардохта бартариҳои хешро таъкид месозад

Он дархти баланд

Бо буз набард кард,

Ки: «Ман аз ту бартарам

Ба бисёр гуна чиз»

Дарахти асурӣҷиҳатҳои фоидабахши хешро таъкид карда мегӯяд, ки меваи ширини маро мардум истеъмол менамоянд ва аз тахтаам киштиву ҷувоз ва кашф созанд. Дарахт ба одамон соя меафканад ва халқ дар он осоиш меёбанд. Дарахти асурӣ дар идомаи достон хусусияти бештари инсонӣ касб карда бузро ба масхара кардан оғоз мекунад:

Расан аз ман кунанд,

Ки пои туро банданд

Чӯб аз ман кунанд,

Ки гардани туро моланд.

Мех аз ман кунанд,

Ки сари туро овезанд.[28]

---

[27] Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик- Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик.ҷ.1.1988 с.саҳ 348

[28] Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик- Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик.ҷ.1.1988 с.саҳ 348

Пас аз ин буз ба ҳимояи хеш баромада аз сифатхои судманди хеш сухан меронад, сифатҳои асуриро ба паст зада ба сӯи сангҳои таънаву маломатро партофта ба асурӣҳуҷум мекунад:

Буз посух кард,

Сар фароз ҷунбонд,

Ки: «Ту бо ман пайкор мекунӣ?!

Ту бом ан набард мекунӣ?!

Чун аз кардаҳои ман шунида шавад.

Бувад нанги ӯй (ки бо)

Сухани ҳарзаат пайкор кунад».[29]

Дар ибтидо буз асуриро маломат мекунад, баъд аз сифатҳои хеш баён карда мегӯяд, ки аз пӯсти ман камрбанд, мӯза, машк, зехи камон, ҷомадон, ва аз пашми риштаам банд, пӯшок, ва аз ширам аниру мосту дӯғомода мекунанд. Ҳамин тариқ буз ғолиб шуд хурмо бошад дар сутуҳ монд. дар манзумаи болоӣ ду чиз яке растанӣ ва яке наботот бо воситаи санъати ташхис руҳи инсонӣ гирифта ба рафтору кирдор моянд ва чун инсонҳо ҳаракат мекунад.

Гов дар тамоми aқидаҳои динии оини зардуштӣ ва браҳманӣҳамчун Худо муқаддас дониста мешуд, ки ин ҳолро мо ҳоло ҳам дар байни ҳиндуёни браҳман дида метавонем.

[29] Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик- Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик.ҷ.1.1988 с.саҳ 348

Гурӯҳи ҳайвоноти даррандаву хазанда низ дар тасаввуротҳои халқҳои ориёитабор чун инъикоскунандаи кирдори ҳаракатҳои аҳриманӣ ва зиёнкор дар худ рафтору кирдори бадро муҷассам менамуд. Ин гурӯҳ пайравони ашаванони дуруҷу дурванд ва аҳриман дониста шуда дар худ тамоми қувваҳои бадро инъикос мекард ва пайваста барои ҳаёти мардум хавфу хатар меовард. Ҳамаи ин намоёншавии ақидаҳои некӣ ва бадӣ ва дар симои анвоъи гуногуни ҳайвонот ва дарранда, бо роҳи бахшидани руҳ ба онҳо, яъне бо роҳи ташхисонидан ба амал меояд ва чун намунаи олии таҷассумкунандаи ҳаракати маънавӣ ва моддии инсонӣ арзи вуҷуд менамояд.

Бояд қайд кард, ки дар ин гурӯҳи ташхисҳо бештар ҳодисаи руҳбахшоӣ ба ҳайвоноту паррандагони гуногун ба назар мерасанд. Яке аз асосҳои санъати тамсил, ки дар дохили санъати ташхис таркиб меёбад, маҳз ҳамин бахшидани руҳ ба ҳайвоноту паррандагон мебошад. Зеро ки ҳамаи ҳайвонот мавҷудоти зиндаанд ва метавонанд аз худ ҳаракатҳо содир намоянд. Барои чун инсон тасвир кардан ва аз онҳо иҷрои муносибатҳои инсониро тақозо намудан бо роҳи ташхисонидан ба амал меояд.

Дар бештари асотирҳои Ақвоми Ориёӣҳайвоноту паррандагони ташхисонида шуда мувофиқи ақидаҳои дини маздоӣ ба иҷрои амалҳои некӣ ва бадӣ аз рӯи хусусияти табиии худ машғуланд. Масалан, мор ё ин ки Вағаз (қурбоққа) ном хазанда ва ҳашаротҳо, ки табиатан ба инсону амволи ӯ зарар мерасонад чун ёрирасони девҳои Дуруҷ ва Дурванд аз худ ҳаракатҳои бади инсониро нишон медиҳанд.

Аз ин сабаб ҳангоми таҳлили ташхисҳои асотирӣ бояд ба ҷиҳатҳои баромади табиии он, яъне фоида ва зарари онҳо ба ҳаёти инсон ва дигар махлуқот бояд эътибор дод. Чунки ниёгони мо мувофиқи ҳамон хислатҳои ба

ҳаёти инсон дахл доштаи онон дар бораи эшон тасаввуроти муайяни ташхисиро эҷод намудаанд.

Симои барҷастаи ташхиси ҳайвониро мо дар нақши ташхисонида шудаи Гаушурван ба хубӣ дида метавонем. Гаушурван дар «Авасто» аз Эзидбонуёни чорпоён ва сардори сутурон шинохта шудааст.

Гаушурван худ дар асл яке аз намояндагони ҳайвонот, дурусттараш гов аст. Минбаъд ин гов дар асотирҳои куҳани эронӣ аз дараҷаи ҳайвонии худ баромада чун изади (фариштаи) чорпоён шинохта мешавад ва дар худ тамоми мазмун ва моҳияти ҳаёти инсонӣ, ҳиссу эҳсосоти онро муҷассам менамояд.

Дар боби якӯми рисола як мисолро аз намунаҳои ташхисии Гаушурван дида будем, ки ӯ дар он мисол барои ба додаш расидан ба назди Аҳурамаздо меояд ва ба сухан даромада аз деви Хашм, ки ба ӯ ва рикоби ӯ талафот расодина истода буд, шикоят мекунад.

Аммо дар мисоли поёнӣ паҳлӯи дигари хислати инсонӣ гирифтаи Гаушурван намоён мегардад. Гаушурван дар ин мисол чун шахсе ҳаракат мекунад, ки аз суханҳои ба ӯ гуфтаи Аҳурамаздо ҳисси нобовариро аз худ нишон медиҳад.

Аҳурамаздо таъкид мекунад, ки Зартушти Спитмон шахсест, ки гуфторҳои моро ба мардум мерасонад ва ба муқобили девони Хашму Дурванд мубориза бурда, барои пойдории маниши нек ва суннати аҳуроӣҳаракат намуда, ҳамаи мӯътақидони моро (аз ҷумла ту – Гаушурван ва атрофиёни туро)низ ҳифз менамояд.

Гаушурван нисбати ин сухани Аҳурамаздо норизоӣ баён мекунад ва нисбати салоҳияти шахсияти Зартушти Спитмон шубҳаи худро ифшо мекунад.

«Ягона касе, ки ман дар ин ҷо мешиносам, ки ба омӯзиши мо гӯш фаро дода, Зартушти Спитмон аст.

Танҳо ӯ хоҳони он аст, ки сурудҳои ситоиши Маздо ва Ашаро ба гӯши (мардумон) бирасонад. Ҳама аз ин рӯст, ки ӯро гуфтори шево ва дилпазир додем.

Он гоҳ Гаушурван бархурӯшид:

Оё (ман) бояд ба пуштибони норасои марде натавон хурсанд бошам ва ба суханони ӯ (гӯш фаро диҳам)? Ба ростӣ маро орзуи фармонравое тавоно бувад.

Кай фаро хоҳад расид он замон, ки чунин касе бо дастоне неруманд моро ёрӣ диҳад?»[30]

Дар ин мисол Гаушурван боз хислати нобоварӣ ва мушоҳидакории худро нишон медиҳад, ки ин мисоли барҷастаи ҳодисаи руҳбахшоӣ мебошад. Гаушурван ба симои Зартушт нобоварӣ карда аз Худои олӣ – Аҳурамаздо хоҳиш мекунад, ягон нафари дигари тавонотареро баҳри инкишофи ғояҳои аҳуроӣ фиристад. Талабидани нафари дигари тавоно мушоҳидакор будани образи Гаушурванро боз намоён мекунад.

Гуфтугузори Гаушурван бо Аҳурамаздо дар асоси санъати ташхиси муфассал ба амал омадааст ва барои ифодаи мақсаду мароми худои Оливу Гаушурван, баҳри ифодаи матлабҳои эшон хизмат менамояд.

---

[30] Авасто. Гоҳон, Аҳунавдагоҳ. Ясна, Ҳоти 28, бандҳои 8,9, (Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ). – Душанбе: Қонуният, 2001,саҳ. 63.

Дар банди 3, хоти 1-уми Ясна образи Савангҳйа (аз решаи савангҳа ба маънии суди баҳра)[31] номи изади нигоҳбони чорпоёни бузург ва аз ҳамкорони Ҳован аст ба миён меояд ва он чун посдоранда ва ҷонибдору тарғибкунандаи радони ашаванӣ арзи ҳастӣ мекунад. Дар боло гуфта шуд, ки Савангҳйа эзид ва сардори чорпоёни калон, дурусттараш аз чорпоёни калони шохдор (наввос) мебошад ва худ низ дар асл як ҳайвони оддӣ будаасту бо додани руҳияти инсонӣ чун инсон барои тарғиб ва ҷонибдоринамудани ақидаҳои муайян ба ҳаракат медароянд.

Чунончи:

Навиди (ситоиш медиҳам, ситоиш ба ҷой меоварам) (эзидони) Гоҳҳо, радони Ашаро. Ҳованӣ ашаван, ради ашаваниро.

Навиди (ситоиш) медиҳам. Ситоиш ба ҷой меоварам. Савангҳйа ва Висйаи ашаван, радони ашаваниро.

Навиди (ситоиш) медиҳам.

Ситоиш ба ҷой меоварам. Меҳри фарохчарогоҳ (он) ҳазоргӯшаи даҳҳазор чашм, (он) эзиди номбурдорро ва Рами бахшандаи чарогоҳи хубро[32].

Дар матни боло дар қатори ташхиси Савангҳйа мо ҳодисаи ташхисонида шудаи Меҳр – Офтобро низ дида метавонем. Дар ин ҷо Офтоб чун шахсе тасвир гаштааст, ки ҳазор то гӯшу даҳҳазор то чашм дорад ва бо ин аъзоёни хоси одамии худ тамоми канориҷаҳонро аз боло истода назора мекунад. Ҳамаи тасвироти дида шуда мувофиқи тасаввуроти одамони ибтидоӣ дар натиҷаи ҳамчун бо назари инсон ҷилвагар сохтани гови шохдори калон ва

---

[31] Авасто. Пайваст. Ёддошт. (Гузориш ва пажӯҳиши Чалили Дӯстхоҳ). – Душанбе: Қонуният, 2001, саҳ. 691.
[32] Авасто. Ясна, Хоти 1, банди 3,(Гузориш ва пажӯҳиши Чалили Дӯстхоҳ). – Душанбе: Қонуният, 2001, саҳ. 104.

офтобҷирми табиии осмонӣ ба вуҷуд омадаанд. Хосса Меҳр – Офтоб дар худ намунаи аъзоҳои дидан ва шуниданро таҷассум карда, мисли инсон ҳаракат мекунад.

Дар қисмати Яштҳои «Авасто» дар Геуш-Яшт (Драваспа-Яшт) образи яке аз аъзои гурӯҳи ҳайвонот Друвасп намоён мегардад. Дар пайвасти «Авасто» Друвасп чунин шарҳу тафсир карда шудааст: Друвасп (дар «Авасто» Драваспа ва дар паҳлавӣ Друвасп ба маъни «дорандаи аспи дуруст»), номи эзидбонуи нигаҳбони чорпоёну сутурон аст, ки решаҳои говон ва кӯдаконро тандурустӣ мебахшад (Геуш-Яштбанди 1)[33].

Симои Друвасп низ аз асотирҳои куҳан маншаи ибтидоии худро гирифта аз дараҷаи оддии чорпоӣ (шояд, ки Друвасп аз зоти аспон бошад, вале дар «Авасто» ин чиз торик аст ва дар ҳеҷҷои он дар бораи ба асп тааллуқ доштани он сухане нест, танҳо чорпо гуфтаанду халос) то ба эзидӣ расидааст.

Аз маъхазҳои «Авасто» бармеояд, ки эзиди Друвасп дар байни оммаи ақвоми Ориёӣ хеле ба мартабаи бузург соҳиб будааст. Халқҳои эронӣ мувофиқи ақидаи динии худ Друваспро чун худои чорпоён мепарастиданд, ӯро дар ҷониби қувваҳои аҳуроӣ гузошта ба ӯ ҳайвоноти дигарро ба қурбонӣ оварда мекуштанд.

Аз маълумоти Гауш-Яшт бармеояд, ки ба ӯ аз бисёре аз ашхоси асотирӣ асмоли Хушанг Йима (Ҷамшед), Фаридун, Кайхусрав, Зартушт ва ҳатто намунае аз набодот Хаум барои хостгори мадад ва ёрӣ аз ӯ бисёр галаву рамаҳои ҳайвонотро оварда баҳри ризояти Друвасп онҳоро қурбонӣ намудаанд, ки ин исботи дар ақидаҳои динии ниёгони мо хеле реша давондани он мебошад.

[33] Авасто. Пойнавишт. Ёддоштҳо. (Гузориш ва пажӯҳиши Чалили Дӯстхоҳ). – Душанбе: Қонуният, 2001, саҳ. 637.

Симои бадеии ташхисонида шудаи Драваспдар худ чунин хислатҳои инсониро муҷассам мекунад. Дравасп сутур ва чорпоёни гуногунро саломатӣ медиҳад ва мисли шифокор посбони саломатии онҳо мегардад. Ба ғайраз ин Дравасп ба сиҳату саломат будани кӯдакон ҳаракат намуда, мисли табиби дармонбахш ҳама вақт дар табобати онҳо ҳозиру нозир аст. Чунончи:

Дравасп тавонои маздоофаридаи ашаванро меситоям, ки сутурони хурдро тандуруст нигоҳ медорад, ки сутурони бузургро тандуруст нигоҳ медорад, ки дӯстонро тандуруст нигоҳ медорад, ки кӯдаконро тандуруст нигоҳ медорад бо дидбони бисёр дуру[34].

Дигар хусусияти бадеии Дравасп дар он аст, ки ӯ мисли Худоёни олӣқудратманд асту барои амалҳои нек ба одамон подош медиҳад, ашаван мардонро ёрӣ расонида ба онҳои пешаи дуруст ва дармон мебахшад. Боз Дравасп мисли Худои Олӣ Индра соҳиби аробаи махсус ва аспони тездав низ мебошад, ки аз зери чархҳои аробаи ӯ хурӯшҳои ҷангӣ бармехезад (шояд дар набардҳои дар байни Худоён воқеъмегашта иштирок ҳам мекарда бошад, вале дар ин хусус маълумот нест). Масалан:

Он ки дорои аспони зинкарда ва гардунаҳои пуртакопӯ бо чархҳои хурӯшон аст.

Неруманди бурзманди подоши нек бахшанда ва дармонбахше, ки ашаванмардонро ёрӣ расонад ва пешаи дуруст бахшад ва оромгоҳ омода кунад[35].

Ҳамаи тасвироти дар матн дида шуда бо роҳи бахшидани руҳ ба як навъи ҳайвон ба вуҷуд омадааст ва одамон дар асоси чун инсон тасаввур

---

[34] Авасто. Яштҳо. Гауш-Яшт, кардаи 1.1,(Гузориш ва пажӯҳиши Чалили Дӯстхоҳ). – Душанбе: Қонуният, 2001, саҳ. 246.

[35] Авасто. Яштҳо. Геуш-Яшт (Драваспи -Яшт), кардаи 1, банди 2.(Гузориш ва пажӯҳиши Чалили Дӯстхоҳ). – Душанбе: Қонуният, 2001, саҳ. 246.

кардани он (минбаъд чун Худо) орзуву омол ва талабу дархостҳои хешро баён сохта аз ӯ хушиҳои зиндагиро таманно медоштанд. Чунин тасвирҳо, ки дар «Авасто» хеле бисёр вомехӯранд, чунон табиӣ ва мушаххасанд, ки хонанда гӯё объекти муайяни ташхисонида шударо чун дар ҳақиқат соҳиби ҳаракатҳои хоси инсонӣ тасаввур мекунад ва дар тафаккури хеш бо онҳо ҳамчун инсон муомила менамояд.

Дар банди 17-и кардаи 4-уми Геуш-Яшти Яштҳои «Авасто» мо ду ашёи ташхисонида шудаеро мебинем, ки яке аз гурӯҳи ташхисҳои наботот Хаум ва дигаре аз гурӯҳи ташхисҳои ҳайвонот Древасп мебошад. Хаум барои мададталабӣ ба пеши Дравасп омада аз ӯ хоҳиш менамояд, ки барои ғолиб омаданаш дар набарди Афросиёб ба ӯ ёрмандӣ намояд. Хаум – дурусттараш ширай он ба пеши Дравасп бо пешкаш яъне бо моли қурбонӣ омада ӯро тавоф мекунад ва сипас ба мақсади аслии хеш мугузарад. Хаум мегӯяд, ки эй Дравасп ба ман нашъаи зафарро насиб гардон. Ман Афросиёби бадкеши тӯрониро ба банд орам ва ба занҷир кашида ӯро пеши Кайхусрав барам, то ки ӯ аз Афросиёб кинаи падари хешро бигирад.

Кайхусрав Афросиёбро бояд ба хунхоҳии Сиёвуш ва Ағрираси далер дар назди дарёи Чайчаст кушта, қасоси падару бародарашро гирад. Чунончи:

Хауми нӯшидании дармонбахш, шаҳриёри зебои заррин дар пои баландтарин ситеғи кӯҳи Албурз ӯро пешкаш овард ва чунин хостгор шуд:

Эй Дравасп! Эй нек! Эй тавоно!

Моро ин комёбӣ арзонӣ дор, ки Афросиёби табоҳкори тӯрониро ба занҷир кашам ва ӯро баста ба занҷир; кашон-кашон биронам ва (ҳамчунон) – писари хунхоҳи Сиёвуш барам то ӯро дар канораи дарёчаи жарфу паҳновуту Чойчаст ба хунхоҳии Сиёвушу номвар, ки ноҷавонмардона кушта шуд ва ба кинхоҳии Ағрираси далер бикушад. Драваспи тавонои маздоофаридаи

ашавани панохбахш, ки хостори зарур ниёзкунанда ва ба оин пешкашоварандаро номраво кунад ўро комёбӣ бахшид[36].

Шираи Хаум, сифатҳои Драваспро номбар карда, ўро бо номҳои нек ва тавоно, ки хоси инсон аст, тавсиф мекунад. Бо номи нек ва тавоно зикр гардидани Драваси худ исботи қабул кардани хусусиятҳои инсонии ў мебошад. Аз матни болоӣ бармеояд, ки Драваси дар асотирҳои бостонии эронӣ аз гиёҳи Хаум бештар мавқеъ доштааст. Зи ин рў бисёр ашхос ва аҷсоми асотирӣ барои ба ҷо овардани ҳурмату эътибори ў ва дархости муҳофизати хеш аз шарри қувваҳои бадӣ ба Драваси муроҷиат менамуданд.

Омадани як ашёи ташхисонида шуда ба назди дигар ашёи ташхисонида шуда ва ба забони гуфторӣ даромада ба тавсиф намудан оғоз кардани Хаум, аз Драваси зафар талабидани ў, пурра ба ҳодисаи руҳбахшоӣ, яъне ташхис асос ёфта шудааст.

Дигар ин, ки дар бисёр мавридҳо ашёи ташхисонида шуда бештар дар тарзи алоҳида ва якка баён мегардиданд, аммо дар матни болоӣ гувоҳ шудем, ки муносибат байни ду ё зиёда аз он ашёҳои ташхисонида шуда дар «Авасто» низ вомехўрдааст. Яъне дар як баёни воқеаи муайян ду ашёи ташхисонида шуда барои пур кардани ҳаракатҳои ҳамдигар ва нишон додани рафтору кирдори инсонӣ дар вобастагӣ амал менамоянд.

Гурўҳи ташхисҳои аносири табиат аз дигар гурўҳи ташхисҳо бо он фарқ менамояд, ки дар ин гурўҳ ашёву аҷсоми ташхисонида шуда, нисбатан намунаҳои фаровонро дарбар мегирад. Мо мисоли онро дар «Авасто» хеле беш аз пеш мебинем. Дар «Авасто» унсур ва воқеаву ҳодисоти табиат чунон бисёр ташхисонида шудааст, ки ҳар як кўҳу рўд, замину осмон, ситораву

[36] Авасто. (Гузориш ва пажўҳишиЧалили Дўстхоҳ). Яштҳо. Геуш-Яшт, кардаи 4, бандҳои 18-19. – Душанбе: Қонуният, 2001, саҳ. 24.

офтоб, обу ҳаво, раъду барқ, оташу вулқон, боду кӯлҳо дар натиҷаи бахшидани ҷон дар тасаввуроти одамон ҷондор гашта ба рафтору кирдор ва ҳаракат медароянд. Ниёгони мо хусусан, ба унсурҳои табиат ва ашёву аҷсоми он, ҷисмҳои осмон чунон бештар таваҷҷӯҳ менамуданд, ки дар натиҷа дар байни одамони ибтидоӣ аввалин бор парастиш ва эътиқод намудан ба ҷисмҳои осмон ва унсурҳои табиат ба расм даромад. Одамон дар асоси тарсу ҳарос ё ин ки меҳру муҳаббат ба унсурҳои табиат муносибати хешро нишон медоданд ва мувофиқи эҳсосоти худ нисбат ба он унсурҳо дар тасаввуроти асотирии худ ҳар гуна ҷондоркунии бо муҳаббат (яъне тасаввуроти нек доштан нисбати он ҷисмҳо ва дӯсту ҳомии худ шуморидан) ва ҷондоркунии бонафрат (тарсу ваҳм доштан нисбати ашё ва аҷромҳое, ки ба ҳаёти одамон хавфу хатар пеш меоваранд)-ро ҷилвагар месохтанд.

Дар ҳаёти одамони ибтидоӣ унсурҳои табиат ба мавқеи муҳим соҳиб буд. Одамон мувофиқи рӯйдодҳои табиат ва аҷроми осмонӣҳаёту худро ба роҳ мемонданд. Масалан, одамони ибтидоӣ барои зиндагонӣ намудан аввалин бор ғорҳо ва баъдтар назди дарёҳоро интихоб карда дар он истиқоматро ихтиёр менамуданд. Аз ҷойҳои намнок ва обхезӣ дуртар рафта, ҷойҳои хубу мувофиқро барои зист муайян мекарданд. Зи ин рӯ, мо гуфта метавонем, ки унсурҳои табиат барои рӯзгузаронӣ ва идомаи ҳаёти одамон аҳамияти хеле калон доштааст. Он аҳамияте, ки унсурҳои табиат дар байни одамон доштанд, баъдтар барои ба вуҷуд омадани хулосаҳои мифологӣ дар бораи онҳо гардид. Дар он хулосаҳои мифологӣ гӯё ҳамаи унсурҳои табиат ва аҷроми осмон ҷон доштанду ба қобилияти идора намудани замин соҳибанд ва тамоми ҳодисаҳои дар замин рӯй медодаро назорат мекарданду ба инсонҳо мувофиқи салоҳияти қувваи хеш таъсир мерасониданд.

Дар боло ишора кардем, ки гурӯҳи ташхисоти устураҳои «Авасто» дар навбати худ ба ду қисм тақсим мешавад. Ба қисми аввал унсурҳои моддии табиат аз қабили кӯҳу рӯдҳо, замину ситораҳо ва сайёраву офтоб дохил мешавад. Дар қисми сонӣ бошад, ташхиси унсурҳои табиии табиат амсоли раъду барқ, обу оташ, боду ҳаво ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Мо мувофиқи ҳамин тақсимот ҳоло мисолҳои ташхисиро дар бахшҳои «Авасто» дида мебароем.

Яке аз нақшҳои ташхисонида шуда дар «Авасто» ин Меҳр (дар «Авасто» Мита, дар паҳлавӣ Митра ё Миҳр) дар «Авасто»и нави эзиди фурӯғу рӯшноӣ ва паймоншиносиву яке аз бузургтарин эзидони минувиён дар асотири куҳани ҳинду эронӣ аст. Дар қисми пайвасти «Авасто» Меҳр чунин таъриф карда шудааст: Меҳр дар асотири ҳинду эронӣ барокатбахшанда ва анбоз дар фармонравои ҷаҳон ва нигаҳбони паймон аст ва баъдҳо дар пои дигаргуниҳои иҷтимоӣ ба эзиди падару модар пуштибони ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоии ҷомеа табдил мешавад…[37]

Меҳр, ки худ худои равшанӣ ва паймоншиносӣ аст дар худ асосҳои санъати ташхисро ҷамъ карда дар мавридҳои гуногун чун шахси тезбин, боқувват, дар баландӣ истода, тақводор, шодмон ва ҷанговар намоён мегардад. Дар бораи образи МитраҲ.Мирзозода чунин нигоштаанд:

«Офтоб яке аз предметҳои парастиши бобоёни қадими мост, ки он ба ҳаёти инсон, ҳайвонот ва тамоми олами зинда баҳраи зиёд мерасонад. Образи Миҳра ё ки Митра аз давраи сайёрапарастии халқҳои эронӣ боқӣ мондааст. Митра худои рӯшноӣ буда, ба инсонҳо нур, гармӣ ва ҳаёт мебахшад. Вай дар тасаввури парастондагонаш натанҳо бахшандаи нур, балки шахси фаъоли мусаллаҳест, ки ҳатто дар аспу аробаи нуқрарангини худ нишаста, осмонро

[37] Авасто. Пайваст,(Гузориш ва пажӯҳиши Чалили Дӯстхох). – Душанбе: Қонуният, 2001, саҳ. 665.

сайр мекунад, ба дили душманон даҳшат меандозад ва дӯстони худро аз офатҳои гуногун наҷот медиҳад»[38].

Ташхисоти образи Меҳр чунин аст: Он Меҳри жарфбинро, он ради тавоно, подошбахш, забоновар, ниёишгузор, баландпойгоҳ, бахтиёру танматонраро, он паҳлавони ҷанговари нерӯманд бозувонро.

Ё ин ки:

Он, ки девонро сар бикӯбад.

Он, ки бар гуноҳкорон хашм гирад.

Он, ки ба меҳрдуруҷон кин варзад.

Он, ки париёнро ба тангно дарафканад.

Он, ки агар мардумон Меҳр – дуруҷ набошанд – кишварро нерӯи саршор бахшад.

Он, ки агар мардумон Меҳрдуруҷ набошанд, кишварро пирӯзие саршор бахшад[39].

Дар порчаҳои зикршудаи «Авасто» сифат ва хусусиятҳои инсонии Меҳр ва корҳое, ки ӯ баҳри нобуд кардани қувваҳои аҳриманӣ иҷро мекунад, ёдрас шуда гузаштааст. Аз ҷумла ӯ чун шахси тақводор ва рамзкунандае намудор шуда, бо душманони қувваҳои некӣ ба набард даромада, онҳоро бераҳмона несту нобуд месозад, ба банд мекашад ва онҳоеро, ки аз пайравони Меҳрдуруҷ набошанд, нерӯъ ва неъмат бахшида, таҳтиҳимояи худ қарор медиҳад.

---

[38]Ҳ.Мирзозода. таърихи адабиёти точик. Китоби 1 (1). – Душанбе: Маориф, 1987, саҳ. 47.

[39] Авасто. Яштҳо. Меҳр-Яшт. Кардаи 7. бандҳои 25, 26. (Гузориш ва пажӯҳиши Чалили Дӯстхоҳ). – Душанбе: Қонуният, 2001,саҳ 254.

Симои бадеии Меҳр дар асоси ташхисонидан ба назари хонанда чун паҳлавони мағлубнопазири ҷавшанпӯш, арзи ҳастӣ менамояд. Меҳрдуруҷон (ашаванони Друҷу Дурванд) ҳарчанд, ки кӯшанд ҳам, ба Меҳр осеб расонида наметавонанд. Агар Меҳр хашмгин шуда ба ҷанг дарояд, ҳеҷ як найза ва тири душман ба ӯ осеб расонида наметавонад. Яке аз сифатҳои Меҳр ин ниҳоят дар хашму ғазаб шудани ӯ мебошад, ки бевосита дар асоси ба кор бурда шудани санъати ташхис ба миён меояд.

Чунончи:

Тирҳои ба пори шоҳин нишондаи меҳрдуруҷон ҳарчанд, ки зеҳи камонро хуб бикашанд ва онҳоро тунд ба парвоз дароваранд

– агар Меҳри фарогарогоҳ хашмгину озурда бошад ва ба хушнудии ӯ накӯшида бошанд – ба нишон нарасад.

Найзаҳои хуби нӯктезу баланддастаи Меҳрдуруҷон, ҳарчанд ки онҳоро ба нерӯи бозувон портоб кунанд

– агар Меҳри фарохчоро гоҳ хашмгину озурда бошад ва ба хушнудии ӯ накӯшида бошанд

– ба нишон нарасад[40].

Дар ин матн ҳодисаи ҷонбахшӣ ба ғайраз ташхисонидани Меҳр ба гурӯҳи бадкеши меҳрдуруҷон низ ба кор бурда шудааст. Мо меҳрдуруҷонро дар ин матн чун ашхоси мисли инсон ҷанговар мебинем. меҳрдуруҷон ҳаракат доранд бо роҳи ба кор бурдани қувваи бозу ба Меҳр зарар расонанд ва ӯро нобуд созанд. Бешубҳа дар матни боло воқеаҳо дар асоси санъати ташхиси муфассал ба миён омадааст ва ҳар ду қувваи размкунанда

[40] Авасто. Яштҳо. Меҳр-Яшт. Кардаи 9. банди 39,(Гузориш ва пажӯҳиши Чалили Дӯстхох). – Душанбе: Қонуният, 2001, саҳ. 257.

ташхисонида шудаанду ҳаракатҳои ҷангии хоси инсониро аз худ нишон медиҳанд. Дар ин ҷода аз олотҳои ҷангии одамон тир, найза, гурз ва аробаи ҷангӣ дар вақти набардашон ба таври васеъ истифода мекунанд, ки ин барои хубтар инъикос намудани ҳаракатҳои инсонӣ хизмат менамояд.

Мо дар бандҳои 47-48-и кардаи ёздаҳуми Меҳр-Яшт боз Меҳр – Офтобро дар симои паҳлавони мағлубнопазир мебинем, ки ӯ байни ду лашкари ҷангида истодаи қувваҳои некӣ ва бадӣ даромада бо эҳсоти баланди хашмгиниву ғазаболуда ба сӯи меҳрдуруҷон бо аробаи ҷангии худ метозад ва меҳрдуруҷонро ба банд кашида, чашмонашро кӯр, гӯшҳояшро кар ва пойҳои устувору боқуввати онҳоро бармешиканад, то ин ки касе аз онҳоро ёрои разм набошад. Меҳр дар тасвир чунон чолокона ва ҷасурона ҳаракат мекунад, ки дар пеши назари мо чун шахси паҳлавоне намудор мегардаду ба душманон маргу мағлубӣ меорад:

Номоваре, ки агар хашмгин шавад, дар миёни ҷанговарони ду сарзамини ҷангҷӯ ба зиёни сипоҳи душмани хунхор, ба ситеза бо радаҳои ба разм даромехтаи душман, аспони фарохсуси барангезад.

Агар Меҳр ба зиёни сипоҳи душмани хунхор, ба ситаза бо радаҳои ба разм даромехтаи душман дар миёни ҷанговарони ду сарзамини ҷангҷӯ, аспони фарохсум барангезад, он гоҳ дастҳои меҳрдуруҷонро аз пушт бибандад, чашмҳои ононро бароварад, гӯшҳои ононро бароварад, гӯшҳои ононро кар кунад ва устувории поҳои ононро баргирад, бад-он сон, ки касеро ёрои падидорӣ намонад.

Чунин шавад, рӯзгори ин сарзаминҳо ва ин ҷанговарон, агар аз Меҳри фарочарогоҳ рӯй битобанд[41].

Дар ақидаҳои дини ақвоми ориёӣ образи Меҳр бо роҳи ҷондоркунӣ аввалҳо чун ҷондор, баъд ҳамчун худо шинохта шудааст. Аммо баъди зуҳури Зартушти Спитмон ӯ худоёни табииро рад мекунад ва мавқеи Меҳр-Офтобро аз худоӣ ба шахси асотирии ҷангҷӯй мефарорад. Минбаъд Меҳр, ки ҷирми осмонӣ буд, дар асоси ба кор бурда шудани санъати ташхис дар адабиёти асотирии ақвоми эронӣҳамчун шахси размовар ва ҳимоякунандаи одамон намоён мегардад.

Озар низ, ки оташ асту чун эзиди он шинохта шудааст, яке азқаҳрамонҳои ташхисонида шудаи асотирии «Авасто» мебошад. Озар дар ақидаи оини Маздопарстӣ ва дар ҳаёти иҷтимоии мардум ба мавқеи хеле муҳим соҳиб буд. Дар асоси оташ одамони ибтидоӣ бисёр муаммоҳои хешро ҳал мекарданд, дар он хӯрокҳои ҳаргуна мепухтанд ва дар назди он гарм шуда аз сармоҳо наҷот меёфтанд. Аз ин рӯ дар ақидаи одамони ибтидоӣ неъмати хеле арзишманд ва барҷаста дониста мешуд.

Арзишманд дониста шудани оташ рафта-рафта чун худо барои шинохтан сабаб гардид, ки мо мисоли онро дар бисёр дину мазҳабҳои ақвоми ориёӣ дида метавонем.

Дар «Авасто» Озар унсурҳои ташхисро ба худ қабул карда, ҳамчун писари худои олӣ – Аҳуромаздо, шахси паҳлавону неъматдиҳанда ва бар зидди манишҳои бад пайваста ҷангкунанда намудор мешавад. Ҳамаи ин ба қиёфаи ин шахс даромадани Озар бо санъати ташхис ба миён меояд ва дар ин ҷо санъати ташхиси мӯҷаз амал менамояд.

---

[41] Авасто. Яштҳо. Меҳр-Яшт, кардаи 11, бандҳои 47-48,(Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ). – Душанбе: Қонуният, 2001, саҳ 258-259.

Дар қисми сароғози Ясnои Гоҳон мо Озарро дар қиёфае мебинем, ки дар он риштаҳои падариву писарии ӯ бо Аҳуромаздо намоён мешавад. Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки Озар унсури табиат бо воситаи ташхисонидан ба назари мо ҳамнчун писари Худои олӣ Аҳурамаздо ҷилвагар мешавад:

Озар писари Аҳурамаздо. Хушнудии туро, эй Озар писари Аҳурамаздо, ситоишу ниёишу хушнудӣ ва офарин[42].

Дар Зомёд – Яшти Яштҳои «Авасто» муборизаи Озар бо Ажидаҳок сурат мегирад. Дар он ҷо Озар аз паи Ажидаҳоки сепӯзаи зиштниҳод бо шитоб барои набард меравад ва ба Ажидаҳок муроҷиат карда ба забони инсонӣ медарояд ва ба Ажидаҳок таъкид карда мегӯяд, ки фарри каён ҳаргиз насиби манишҳои Аҳриман нахоҳад шуд:

Пас аз он Ажидаҳоки сепӯзаи зиштниҳод инчунин андешакунон биштофт.

– Ман ин Фарри ногирифтаниро бе ҷанг оварам.

Аммо Озари Маздо Аҳура инчунин пархошкунон аз паи ӯ шитофт.

Эй Ажидаҳоки сепӯза!

Вопас рав, ки агар ту ин Фарри ногирифтаниро ба ҷанг оварӣҳар оина ман туро аз пой бисӯзонам ва бар пӯзаҳои ту оташ барафрӯзам. Бад-д-он-сон, ки натвонӣ табоҳ кардани ҷаҳони Ашаро ба замини аҳурофарида ҷом ниҳӣ.

Он гоҳ Ажидаҳок андешанок аз бими (табоҳии) зиндагӣ дастхоре вопас кашид: чи Озар саҳмгин буд[43].

---

[42] Авасто. Гоҳон. Ясна. Сарогоз 3, саҳ. 102.

[43] Авасто. Яштҳо. Зомёд-Яшт, кордаи 45, бандҳои 49-50,(Гузориш ва пажӯҳиши Чалили Дӯстхоҳ). – Душанбе: Қонуният, 2001, саҳ. 337-338.

Дар матни дида шуда мо гувоҳи муборизаи ду қувва мешавем, ки ҳар яке барои кешҳои хеш суханҳои худро иброз медоранд. Баҳри мо афзалияти он мисол дар он аст, ки дар он унсури оддии табиат бо воситаи гирифтани ҷон ба қиёфаи марди размҷӯй намоён шуда, барои устувории қувваи некӣҳаракат мекунад ва рақиби хешро барои табоҳкориашон мавриди итоб қарор медиҳад.

Яке аз васоити зисти одамон ин борон мебошад, зеро бо бориши борон замин сероб гашта, дашту ёнаҳо сабз мешаванд, оби нӯшокӣ пайдо мегардад ва ғизои мардум омода мешавад. Борон низ аз қадим барои ҳаёти инсон ва тамоми табиат аҳамияти калон дошт. Одамони ибтидоӣ боридани боронро барои худ як неъмати бебаҳо диниста, гумон мекарданд, ки борон дар натиҷаи амалҳои неки эшон ҳамчун подош меборад. Дар ақоиди динӣ пеш аз зардуштии эрониён борон низ ба эзиди худ, ки бо номи Тиштар машҳур аст, соҳиб буд. Тиштар дар «Авасто» чун ҷирми қоинотие, ки аз дур намоён асту маҷмаи обро дар худ ҷамъ кардааст ва ба салоҳияти ҷондорӣ соҳиб аст, намоён мешавад. Ҷиҳати ба худ хоси афсонаи Тиштар дар он аст, ки ӯ дар ҷанбаи худ ду хусусияти табиию физикӣ, яъне ҳам хусусияти ҷирими осмонӣ ва ҳам ба хусусияти унсури табиӣ соҳиб будааст. Аз ин сабаб, дар асотирҳои ақвоми ориёӣ Тиштар дар шакли якшудаи ин ду унсури табиат намудор мегардад. Яъне ҳам ҷирми осмонисту ҳам манбаи борон.

Нақши Тиштар дар намунаҳои ташхиси «Авасто» хеле калон аст. Ташхиси Тиштар бо паҳлӯҳои гуногуни худ, бо касб намудани хислату ҳаракатҳои гуногуни инсонӣ ва ба шакли ашхоси гунаисоҳиби рафтору кирдор даромадани хеш аҳамиятнок мебошад.

Тиштар дар як порчаи «Авасто» унсурҳои ташхисро қабул кардан чун инсон ба ҳаракат медарояд, шитобон ба сӯи дарёи Фарохкарт метозад.

Давидани Тиштар чунон тез аст, ки ҳатто аз тири парондаи Ораши тирандоз ҳам тез медивид. Чунончи:

Тиштар ситораи ройуманди Фаррамондро меситоем, ки шитобон ба сӯи дарёи Фарохкарт битозад чун он тири дар ҳаво паррон, ки Ораши тирандоз беҳтарин тирандози эронӣ, аз кӯҳи Аирйох шута ба сӯи кӯҳи Хванвант биандохт…[44]

Агар дар ин ҷо сифати тез рафтани Тиштар маълум гардад, дар кардаи панҷуми ҳамон Яшт Тиштар ҳамчун шахсе намудор мегардад, ки бо париён ва девону ашаванони бад ба ҷанг медарояду онҳоро зиндонбанд мекунад, ситорагони дунболадорро дар ҳам шикаста нобуд месозад (ҳозир ҳам ситораи думдор дар эътиқоди халқ тимсоли офат аст):

Тиштар ситораи ройуманди фаррамондро меситоем, ки бар париён чира шавад, ки париёнро бад-он ҳангоме ки наздики дарёи нерӯманди жарфи хушдидгоҳи Фарохкарт, ки обаш замини паҳноварero фаро гирифтааст, ба пайкари ситорагони дунболдор дар миёни замину осмон парт шавад – дар ҳам шиканад. Ба ростӣ ӯ пайкари аспи поке дар ояд ва аз об хезобҳо барангезад. Пас боди чолок вазидан оғоз кунад[45].

Боз як хусусияти Тиштар дар он аст, ки вайҳам мисли бисёр худоёни унсурҳои табиат аз қабили Индра, Митра, Озар соҳиби аспу аробаи ҷангӣ будааст ва ба он савор шуда барои ҷанги душманонаш ашованони бад раҳсипор мегардидааст.

Паҳлӯи дигари ҳодисаи ташхисонида шудаи Тиштар чунин намоён мешавад: Тиштар бо Апаошаи дев ба разм медарояд, Апаоша бо ӯ чира шуда

[44] Авасто. Яштҳо. Тир-Яшт. Кордаи чаҳорум. Банди 6, (Гузориш ва пажӯҳиши Чалили Дӯстхоҳ). – Душанбе: Қонуният, 2001,саҳ. 236.
[45] Авасто. Яштҳо. Тир-Яшт, кордаи 5. банди 8,(Гузориш ва пажӯҳиши Чалили Дӯстхоҳ). – Душанбе: Қонуният, 2001, саҳ. 237.

Тиштарро шикаст медиҳаду аз назди дарёи Фарохкарт дур меронад. Пас аз он Тиштар доду фарӯд бароварда ба назди худои олӣ – Аҳурамаздо меояд ва шикоят мекунад, ки мардумон акнун маро дар намоз ном намебаранд, ситоиш намекунанд, ҳоли шумоён табоҳ шавад, ки намепарастетон. Сипас Тиштар аз Ҳурмузд хоҳиш мекунад, ки моро ҳам дар қатори дигар эзидон ситоиш кунанд мисли дигар эзидон дар намоз ном баранд. Ман бар ивази ин амали онҳо кору бор ва молу мулкашон баракат ва нерӯъ мебахшам. Чунончи:

Аз он пас ӯро як хоср аз дарёи Фарохкарт дур биронад.

Он гоҳ Тиштор шевани дарду сӯг баровард:

Вой бар ман эй Аҳура Маздо!

Бадо ба рӯзгори шумо, эй обҳо! Эй гиёҳон!

Тирарӯзӣ бар ту, эй дини маздопарастӣ!

Акнун мардум маро дар намоз ном намебаранд ва намеситоянд, чунки дигар эзидонро дар намоз ном мебаранд.

Агар мардумон маро дар намоз ном баранду бистоянд, чунон ки дигар эзидонро ном мебаранду меситоянд, ман нерӯи даҳ асп, нерӯи даҳ уштур, нерӯи даҳ гов, нерӯи даҳ кӯҳ ва нерӯи даҳ оби навток биёбам[46].

Дар матни боло санъати ташхиси муфассал ба кор бурда шудааст ва дар асоси он Тиштар чун инсон ҳаракатҳои онро дар худ таҷассум карда ба рафтор медароянд, мубориза намуда, талхии мағлубиро низ чашидааст. Баъди мағлуб шудан Тиштар хусусиятҳои эҳсосотии инсониро қабул карда ба доду фиғон медароянд ва ба назди Аҳурамаздо ба арзу дод меравад.

[46] Авасто. Яштҳо. Тир-Яшт, кордаи 6, бандҳои 23. 24,(Гузориш ва пажӯҳиши Чалили Дӯстхох). – Душанбе: Конуният, 2001, саҳ. 239.

Ҳамаи гиреҳбандии воқеаи матни боло намунаи беҳтарини ин санъат мебошад. Мо идомаи баёни воқеаи болоиро дар бандҳои 28 ва 29-и кардаи мазкур дида метавонем. Баъди бо арзу шикоят ба пеши Аҳурамаздо омадани Тиштар Ҳурмузд ба Зартушти Спитмон амр медиҳад, ки бояд Тиштар бо Апаошаи дев боз ҷанг кунад ва ӯро шикаст диҳад. Пас аз ба амал омадани ин ҳодиса Тиштар ҳиссиёти шодкомию растагориро ба худ гирифта боз ба Аҳурамаздо рӯй оварда мегӯяд:

Аз он пас ӯро як ҳаср аз дарёи Фарохкарт дур биронад.

Тиштари ройуманди фарраманд хурӯши шодкомӣ ва ростагорӣ баровард:

Хушо ба рӯзгори ман, эй Аҳура Маздо!

Хушо ба рӯзгори шумо, эй обҳо! Эй гиёҳон!

Хушо ба рӯзгори ту, эй дини маздопарастӣ!

Хушо ба рӯзгори шумо, эй кишварҳо!

Аз ин пас, бе ҳеҷ боздорандае об дар тӯйҳои шум обо базрҳои дурушдона ба сӯи киштзорҳо ва ба базрҳои резадона ба сӯи чарогоҳҳо, ба ҳамаи сӯи ҷаҳони астуманд равон гардад[47].

Дар боло қайд намудем, ки Тиштар ҷисми осмонӣ, яъне ситора асту ҳам вазифаи эзиди боронро иҷро менамояд. Ин ҷисми осмонӣ дар асотири халқҳои эронинажод ба дараҷае нуфуз пайдо намудааст, ки ниёгони мо ӯро дар қатори эзидони неки аҳуроӣ гузошта ба ӯ тоату ибодат ва қурбонӣ менамуданд. Ситораи Тиштар дар ҳаёти мардум ба мавқеи хос соҳиб буд, ба онҳо боронро меборонид ва бо ин восита ризқу рӯзии одамонро таъмин

---

[47] Авасто. Яштҳо. Тир-Яшт, кордаи 6, банди 29.

менамуд. Ситораи Тиштар бештар барои ҳифзу ҳимояи манфиатҳои одамон хизмат мекард, зи ин рӯ, симои бадеии ӯ дар асотирҳои халқи куҳани Эрону Хуросону Турон бо ҳурмату эътибор ва бо суханҳои саршор аз меҳру муҳаббат ёдовар мешавад. Мо мисоли онро дар матни «Авасто» ба хубӣ дида баромадем. Дар он матн Тиштар дар натиҷаи ҳодисаи руҳбахшоӣ дар худ ҳаракатҳои ҷондорӣ ва инсониро қабул карда мисли инсон ба рафтору гуфтор меояд ва эҳсосоти ботинии инсонро ба худ таҷассум намуда, барои ба пирӯзӣ ноил шудан ба худои олӣ – Аҳурамаздо муроҷиат мекунаду аз ӯ ёриву мадад металабад. Баъди ёриву мадад гирифтан аз қувваи некӣ ва тоату ибодати мӯътақидони оини яккахудоии мазоӣ ӯ ба қувваи бузург соҳиб гардида некро ба зиммаи худ гирифта барои амалӣ гаштани он ҳаракат мекунад.

Дар натиҷаи воқеабандии ташхисии симои Тиштар мо ба чунин мушоҳида омадем: образи Тиштар, ки худ дар асл яке аз аҷроми осмонӣ асту дар натиҷаи тасаввуроти асотирии мардум чун изиди бориши борон шинохта шудааст, ҳама вақт барои ба амал баровардани манфиати мардум камари ҳиммат мебандад.

Симои ташхисонида шудаи Тиштар ҳамаи қувваи ҳаракаткунандаи худро аз дуо ва ниёишҳои эътиқодмандони худ мегирад. Эътибор ва ниёиш мардум ба ӯ ин манбаи қувват мебошад, ки мо онро дар боло дида баромадем.

Умуман, дар даврони адабиёти тоисломии халқҳои эронӣ минҷумладар«Авасто» бисёр аҷсом ва ашёҳои моддӣ ва мавҳуми табиат ҷон гирифта, аввал дар шакли миф ва асотирҳо, баъдтар бо воситаи пайдо шудани хат чун тасвирҳои шоиронаи бадеӣ дохил гаштаанд.

## Боби саввум

# МАВҚЕИ САНЪАТИ ТАШХИС ВА РУҲБАХШОӢ ДАР ШЕЪРИЯТИ АСРҲОИ X-XI-И МУМТОЗИ ТОҶИКУФОРС

Адабиёти асрҳои X-XI яке аз даврони гулгулшукуфоии адабиёти мумтози тоҷику форс ба ҳисоб меравад. Маҳз дар даврони мазкур пояи адабиёти мумтози тоҷик ва форс баъди истилои хонумонсӯзи араб гузошта шуда, он характер ва хусусиятҳои навро дар худ касб намуд.

Дар даврони хилофати араб сарзамини Осиёи Марказӣ, Хуросон ва Эронзамин дар натиҷаи сиёсати ғасбкоронаи арабҳо аз маданияти моддӣ, маънавӣ ва фарҳанги чандинасраи хеш ҷудо гашт. Арабҳо дар ҳамаи ҷойе, ки ҳукмронии хешро барпо менамудан, мекӯшиданд, ки аввало маънавият ва осори миллии ин халқҳоро нобуд кунанд ва баҳри тарғибу ташвиқи ойини ислом, маданияту забони хеш замина созанд. Аз ҷумла тамоми осори хаттӣ ва мадании халқҳои эронитабор, ки дар давоми ҳазорсолаҳо офарида шудаанд

ба коми оташ ва нобудӣ афтод. Марказҳои илм ва санъат ба мисли Балх, Марв, Мадоин, Тайфасун, Суғд, Хоразм, Тирмиз, Бухоро, Вардонза ва ғайра бо хок яксон гардида осори маънавии эшон нобуд карда шуд. Ҳамин тавр дар асрҳои VIII-IX-и мелодӣ дар замони ҳукмрониҳои сулолаҳои Уммавия ва Оли Аббос дар сарзамини бостонии Хуросон аз маданият ва фарҳанги қадима, ойини аҳуроӣ, осори адабиёти бадеӣқариб, ки нишонае боқӣ намонд. Дар натиҷаи ҷорӣ намудани ойини исломӣ ойин ва мазҳабҳои зартуштӣ, буддоия, маздакия, монавия, зарвония, масеҳия, ки мардуми ин манотиқ ба онҳо эътиқод менамуданд аз байн мераванд. Бояд қайд кард, ки тамоми осори хаттӣ ва фарҳангии мардуми мо вобаста ба эътиқоди халқ дар китоб ва рисолаҳои динӣ навишта шуда буданд. Дар натиҷаи аз байн рафтани ойини зартуштия, буддоия ва монавия осори фарҳангӣ, динӣ ва мадании ин сарзамин низ аз байн рафтанд. Ба ҷойи забонҳои паҳлавӣ, суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ забони арабӣ ба мақоми аввал баромада ин забонҳоро аз доираи истеъмол танг карда баровард. Ҳамин тавр дар ин даврон адабиёти хаттӣ ва фарҳангии халқҳои эронитабор талофоти бузургеро паси сар карда дар давраи рушди маданияти исломӣҷудо аз решаи мадании хеш қадам гузоштанд. Дертар дар нуктаҳои гуногуни хилофат дар байни халқҳои эронитабор ба ҷараёни иҷтимоӣ-эътирозӣ, сиёсӣ ва адабиву фарҳангии Шуубия асос гузошта шуда барои эҳё ва пос доштани маданияти Эрону Хуросони бузург бисёр корҳое ба анҷом расонида шуд.

Баъди ба сари ҳокимият омадани сулолаҳои маҳаллии тоҷикон- Саффориён, Тоҳириён ва Сомониёни бузург дар Осиёи Миёна ва Хуросону Эрон вакилони хонадонҳои мазкур баҳри пойдории забон, фарҳанг, адабиёт, анъанаву қадриятҳои миллии ҳалқи тоҷик саҳм гирифтанд. Забони дариро ба мақоми забони давлатӣ бардошта ба аҳли илм, адабиёт ва санъат эътибори

калон дода шуд. Маҳз дар ҳамин давр аввалин намунаҳои шеъри порсӣ-тоҷикӣ дар марказҳои илму адабу фарҳанг ба мисли Самарқанду Бухоро, Балху Хоразму Чағониёну Марв аз нав барқарор гашт. Шоирони зиёде дар натиҷаи сарпарастии сулолаи Сомониён ба арсаи эҷодиёт қадам ниҳода шакл ва стуруктураи адабиёти мумтози тоҷикро созмон бахшиданд.

Минбаъд дар даврони ҳукмронии сулолаҳои туркони ҳарбӣ-Ғазнавиёну Салҷуқиён ба рушду нумӯи адабиёт ва фарҳанг эътибори ҷиддӣ зоҳир гардид. Султонҳои Ғазнавиёну Салҷуқиён барои ҷалби эътибори халқи маҳаллӣ ва шукуҳу шаҳомати хеш шоиронро ба доираи дарбор кашида ба онҳо ғамхорӣ намуда, барои баланд бардоштани ном ва шӯҳрати хеш аз онҳо истиофда менамуданд. Дар ин бобат дар байни ҳукмронҳои гуногун барои нишон додани бартарии муҳити адабии хеш нисбати ҳокимони дигар рақобатҳо низ ба вуҷуд меомаданд. Дар ин бора адабиётшиноси маъруфи эронӣ Забеҳуллоҳи Сафо дар ҷилди дуввуми китоби "Таърихи адабиёти Эрон" чунин менигорад: "Тааддуди умаро ва хонадонҳои бузургу риҷоли сарватманд дар ин давра василаи бисёр бузурге барои фузунии адади шоирону нависандагон буд. Ин умаро ва хонадонҳои риҷол доштани мардони фозилу нависанда ва шоирро дар дастгоҳи худ аз ҷумлаи лавозими раёсат медонистанд ва бино бар расме, ки дар тамаддун ҷараён дошт, ҳар як сайъ мекардан, ки дастгоҳи онон аз ин ҳайс бар дастгоҳҳои дигар бартарӣ дошта бошадва ҳамин амр худ боиси ташвиқи мардум ба таҳсили илму адаб ва табарруз дар улуму адабиёт шуда ва шоирону нависандагони бешуморе падид оварда буд, ки эҳсои онону осорашон воқеан душвор аст.[48]

Баробари рушду адабиёт аз лиҳози шакл, жанр, мавзӯъ, мазмун, образофарӣ дар адабиёти мумтози тоҷику форс дар асрҳои X-XI тадриҷан

[48]Забеҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёти Эрон. Душанбе–Деваштич. 2003

санъатҳои бадеӣ равнақ ёфта шоирон дар асар ва манзумаҳои хеш баҳри образнокии мазмун ва баёни матлаби хеш аз намунаҳои гуногуни санъатҳои бадеӣ ба таври фаровон ба кор мебурданд. Дар услубиёти тасвирсозии давраи мазкур дар адабиёти бадеӣ санъатҳои ташбеҳ, ташхис, истиора, муболиға, суолу ҷавоб, тазод, иҳом, тарсеъ, маҷоз, киноя ва тавсиф ба мавқеи калон соҳиб будаанд.

Ҳоло мо  дар ин бахши кори дисертатсионии хеш ба мавқеи санъати ташхис ва руҳбахшоӣ дар поэтикаи шоирони асрҳои X-XI дар асоси эҷодиёти шоирони давраи мазкур  равшанӣ меандозем ва хусусиятҳои хоссаи бадеии санъати мазкурро ба мавриди баррасӣқарормедиҳем.

Санъати ташхис ва руҳбахшоӣ дар осори адабии давраи мазкур бештари маврид ҳангоми тасвири манзараҳои табиат, тавсифи зебогиҳоиоламимоддӣ, вазъи ишқуошиқӣ, ашъори хамрия ва дар баёни ҳодисаҳои гуногун ба кор бурда шудааст. Тасвири манзараҳои табиат дар адабиёти давраи мазкур ҷанбаи пурқуввати реалистӣ дошта, шоирон асосан бо воситаи санъатҳои каломи бадеӣ ба мадҳу ситоиш ва тараннуми хусусиятҳои табиии онҳо мепардохтанд.

Мо ҳоло дар асоси намунаҳои эҷодиёти шоирони аҳдиСомониёнваҒазнавиёнба равшан намудани мавқеъ ва хусусиятҳои назарии санъати ташхис ва руҳбахшоӣ мепардозем.

Санъати ташхис ва руҳбахшоӣ дар адабиёти асрҳои X-XI дар шакли муфассал ва ҳам дар шакли мухтасар хеле бисёр ба назар мерасад. Дар адабиёти ин давра бо воситаи санъати мазкур воқеа ва ҳодисаҳои гуногуни табиат, васфу мадҳи олмаи моддӣ, ашё ва аҷсоми маънавӣ, ҳайвонот ва набототи гуногун мавриди тасвир қарор гирифта шоирони давр маҳз ба

туфайли имконияти васеи тасвирӣ ва шавқангезу дилкаш буданаш аз ин санъат истифода намуда ба онҳо Исовор ҷон ва руҳ ато менамуданд.

Яке аз шоироне, ки дар эҷодиёти хеш аз санъати ташхис ва руҳбахшоӣ моҳирона образҳои дилкаш ва шавқангез офаридааст ин Одамушшуаро АбӯабдуллоҳҶаъфар бин Муҳаммади Рӯдакии Самарқандӣ мебошад. Дар эҷодиёти Рӯдакӣ санъати ташхис ва руҳбахшоӣ бо шаклҳои гуногун гоҳ дар қолаби тамсил ва гоҳ дар шакли ташхису руҳбахшоӣ омадаанд. Ӯ санъати ташхисро дар қатори санъатҳои бадеии дигар моҳирона тасвир месозад. Чунончи шоир дар қасидаи "Мадҳи Бухоро" дар қатори санъати ташбеҳ аз шакли мӯъҷази санъати ташхис ба таври зерин тасвирсозӣ намудааст:

*Мир моҳ асту Бухоро осмон,*

*Моҳсӯи осмон ояд ҳаме.*

*Мир сарв асту Бухоро бӯстон,*

*Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме*[49].

Дар ин мисраъҳо, ки асосан аз санъати ташбеҳ таркиб ёфтаанд, санъати ташхиси мухтасар дар ба рафтор омадани моҳ ва сарв ба назар мерасанд.

Моҳ, ки дар мисраи аввал ба амир ташбеҳ карда шудааст, дар мисраи дуввум дар худ унсурҳои ташхисва руҳбахшоироқабул намуда ба рафтор медарояд ва сӯи осмон раҳсипор мешавад. Дар мисраи саввум низ мисли байти болоӣ шоир ба мадҳи амир мепардозад ва ӯро ба дарахти сарв монанд мекунад. Дар мисраи чаҳорум обекти мавриди тасвири шоир сарв хусусияти ҷонбахшоӣқабул карда, мисли инсон ба рафтор даромада ба сӯи бӯстон роҳ пеш мегирад.

[49] Рӯдакӣ. Осори Рӯдакӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии тоҷик. 1958.

Яке аз манзумаҳои ҷаззоб ва пурмазмуне, ки дар он Рӯдакии Самарқандӣ аз санъати ташхиси муфассал истифода намуда тарзи омода сохтани майро намоиш медиҳад ин қасидаи "Модари май" мебошад. Дар қасидаи "Модари май" Рӯдакӣ аввалин маротаба дар давраи нави адабиёти мумтози тоҷику форс баъди истилои хилофати араб тарзи истеҳсоли майро ба адабиёт шомил карда онро бо роҳи хеле дилкаш ва бадеӣ ба риштаи назм мекашад. Баъди эҷод карда шудани қасидаи "Модари май" Рӯдакӣ шоироне ба монанди Башшорои Марғазӣ ва шоири давраи Ғазнавиён Манучеҳрии Домғонӣ ба анъанаи тасвири омода сохтани май пардохта дар ин роҳ аз санъати руҳбахшоӣ ва ташхис фаровон истифода бурдаанд. Чунончи дар ҷода олими намоёни тоҷик Асрорхон Бобоев дуруст фармудаанд: "Бояд гуфт, ки усули ба тарзи бадеӣ таҷассум кардани ин ҳунари бостонӣ, яъне истеҳсоли май, ки гурӯҳи одамони ҳунарманд машғул буданд, пеш аз Манучеҳрӣ дар адабиёти форсу тоҷик устод Рӯдакӣ бо қадисаи «Модари май» асос гузошта буд"[50].

Инак ба таҳлили қисми ташбиби қасидаи "Модари Май" ва саҳми санъати ташхису руҳбахшоӣ дар он мепардозем. Дар қасидаи мазкур бо роҳи ташхисонидани муфассал раванди кори омода сохтани «май» ва фоҷиаи сарнавишти инсон тасвир карда шудааст. Шоир бо воситаи тафсил додани ташхиси «Модари май» - (ангур) ва «кӯдаки ӯ» (донаҳои ангур) ба тасвир ва баёни доманадори манзараи омода сохтани ҷараёни май тайёркунӣ ва бо ҳамин васила сарнавишти фоҷиабори одамро ба қалам медиҳад. Манзараи фоҷиаи модар ва кӯдак он қадар равшану аёнӣ ва таъсирбахшу мутаассир бақалам дода шудааст, ки он асли мавзӯъ кашидани ширии ангуру онро ба хум андохта тайёр кардани майро аз назари хонанда дур сохта ӯро мутаваҷҷеҳи фоҷиаи ғамангезимодару кӯдак месозад. Гӯё асли мавзӯъ ва

[50]Асрор Бобоев . Мавзӯъ ва сабки ашъори Манучеҳрӣ. Душанбе –Дониш 1990. Саҳ 98

чизи мавриди тасвир аз назар дур шуда, фақат симои он пеши чашм намоён мегардад. Фоҷиаи инсон чунон барҷаста ва мутаассирона ба қалам дода шудааст, ки хонандаро водор месозад, объекти мавриди тасвирро фаромўш карда ба вазъияти ногувори инсон дода шавад. Чунончи :

*Модари майро бикард бояд қурбон,*

*Баччаи ўро гирифту кард ба зиндон.*

*Баччаи ўро аз-ў гирифт нодонӣ,*

*То-ш накўбӣ нахусту з-ў накаши ҷон.*[51]

Дар байтҳои болоӣ марди харис хўшаи ангурро чун модар ҷудо сохта аз ў бачаашро (донаҳои ангурро) кашида мегирад ва онро ба зиндон (хум) андохта ба нобуд кардан ў мекўшад. Сипас шоир дар байтҳои поёнӣҷараёни ба камол расидани баччаи ангурро ва чи гуна ба ҳабс кашидани фарзанду шаҳид карда шудани ангурро хеле риққатовар тасвир менамояд.

*Ҷуз ки набошад ҳалол бикардан,*

*Баччаи кўчак зи шири модари пистон.*

*То нахўрад шир ҳафт моҳ ба тамомӣ,*

*Аз сари урдибиҳишт то буни обон.*

*Он гаҳ шояд зи рўи дину раҳи дод,*

*Бачча ба зиндони тангу модар – қурбон.*

*Чун бисупорӣ ба ҳабс баччаи ўро,*

*Ҳафт шаборўз хира монаду ҳайрон.*

[51] Рўдакӣ. Осори Рўдакӣ. – Тоҷикистон: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958, саҳ 25.

*Боз чу ояд ба хушу ҳол бубинад,*

*Ҷӯш барорад, бинолад аз дили сӯзон.*

*Гоҳ забар-зер гардад аз ғаму гоҳ боз -,*

*Зер-забар ҳамчунон з-андӯҳи ҷӯшон.*

*Зар (р) бар оташ куҷо бихоҳӣ полуд,*

*Ҷӯшад, лекин зи ғам на ҷӯшад чандон.*

*Боз ба кирдори уштуре, ки бувад маст,*

*Кафк барорад зи хашму зояд шайтон*[52].

Дар муқоисаи чиз ё ҳодисаи мавриди тасвир бо чизу ҳодисаи дигар бояд образи муқоисаи он беҳтару барҷастатар, равшану устувор бошад. Мувофиқи ҳамин қоидаи поэтика дар қасидаи Рӯдакӣ образи модар ва кӯдак бар чизи мавриди тасвир кори истеҳсолии шаробтайёркунӣ бартарӣ ёфта ва ҳатто онро аз назар нопадид сохта ба дилу хотири хонанда ҷон мегирад. Байтҳои дигар ҷараёниба «ҳабсгирӣ»–и баччаи ангур, ҳолати нӯшидани вайро, ки ба таври бадеӣ моҳирона нишон дода шудааст, дар бар мегирад. Дар шеъри Рӯдакӣ ба ҷои калимаи деҳқон ё разбон «марди ҳарис» ва «марди нигаҳбон» истифода шудааст. Инчунин, нақл аз забони шахси якум – шоир ифода шуда, бевосита худи ангур ё «бача» – и вай ба забон наомадааст.Инчунин тасвири оромонаю батаанӣ аз хусусияти дигари муҳими хамрияи Рӯдакӣ ба шумор меравад. Дигар ин, ки дар насиби қасидаи «Модари май» дар қатори санъати ташхис ва руҳбахшоӣ аз санъати ташбеҳ фаровон истифода шуда, предмети тасвирро барҷастатар кардааст. Чунончи, ташбеҳҳо – уштури маст, ёқути сурх, марҷон, гули сурх, мушк, анбар, чашмаи Хуршед, булӯр, гавҳари сурх ва ҳоказоҳоро

[52] Рӯдакӣ. Осори Рӯдакӣ. – Тољикистон: Нашриёти давлатии Точикистон, 1958, саҳ 25.

ёд кардан мумкин аст. Ин ҳама тавсифу тасвироти Рӯдакӣ шомили бисту як байт мебошанд. «Рӯдакӣ, дар ҳақиқат тавонистааст дар 21 байт аз ҳангоми пухтани ангур ва аз ток ҷудо карда шудани он сар карда то ҷараёни ҳозир кардани май, сифатҳои онро дар асоси ба кор бурдани санъатҳои бадеӣ хусусан санъати ташхис ва руҳбахшоӣ тасвир намояд.

Дар адабиёти асрҳои X-XII дар эҷодиёти шоирон омода сохтани май ва мадҳу васфи он ба мақоми баланд соҳиб будааст. Баъди эҷод карда шудани қасидаи "Модари май"-и устод Рӯдакӣ шоири маъруфи давраи Сомониён Башшори Марғазӣ низ ба тасвири тайёр кардани ҷараёни май даст зада онро бо роҳи ташхисонидан хеле шавқовар баён кардааст. Мазмуни мухтасари қасидаи Башшори Марғазӣ чунин аст: Рӯзе шоир ба боғрафта, дар токҳои ангур арӯсони сиёҳрӯи сабзмӯй яъне, хӯшаҳои ангурро мебинаду аз тамошои онҳо масрур мешавад. Ба назари ӯ ангур чун духтарони шоҳи занг менамояд, ки ба сарашон чодари сабз густурда шудааст. Онҳо ҳар ҷой ҳар ҷой муаллақ овезон шуда пистони модарро мемаканд. Шоир ба ҳавас ҳар дам ба ҳар яке аз онҳо даст расонда завқ мебурд, бехабар аз он ки деҳқон ӯро аз дур бо арӯсон дида аз ору номус ба ғазаб омада буд. Вай теғбадаст омада аз гардани латифи арӯсон гирифту рагҳояшонро буридан гирифт. Ӯ бо хашм он ҷомаҳои сабзро аз тани арӯсон кашида гирифта онҳоро ба пушта нигоҳ карда мехобонад. Сипас онҳоро сахт зери лагад гирифта куштан гирифт, чунонки пӯст дар танашон медарид. Аз лагадкӯбӣ хун аз тани кушташудагон ҷорӣ шуда ҳавзеро, ки миёни ангурзор буд, пур кард. Деҳқон бо ҳамон хашму ғазаб хунҳои арӯсони мақтулро миёни санг бурда рехт азсанге ба он мухр гузошт ва то панҷ моҳ аз он ёде накард. Бо ҳамин баҳор омаду деҳқон аз хона бӯи гулобу арақро хис карда, он санги мухр кардаашро ба ёд оварда рафта мухри онҳоро канд.

*Он хӯшае бин фитода бар ӯ баргҳои сабз,*

*Ҳам диданаш хуҷастаю ҳам хӯрданаш*

*Рӯзе шудам ба раз, ба назари ду чашми ман*

*Хира шуд аз аҷоиби алвон, ки бингаранд.*

*Дидам сиёҳрӯю арӯсони сабзмӯй,*

*К-аз ғам дилам ба дидани эшон биёрамид.*

*Гуфӣ, ки шоҳи Занг яке сабз чодаре*

*Бар духтарони хеш ба амдан бигустарид.*

*В-эшон муаллақ аз ҳар ҷоеву ҳар яке*

*Овехта зи модар пистон ҳамемазид.*

*Ман даст ҳар даме ба яке кардамею шод-*

*Будам бад-он чӣ даст –эшон ҳамерасид.*

*Огаҳ набудам, эй ки деҳқон маро зи дур*

*Бо он бузургвор арӯсон ҳамебидид.*

*Бо ман зи шарм ҷанг наёрист кард ҳеҷ,*

*В-аз баҳри ному нанг яке теғбаркашид.*

*В-он гардани латифи арӯсон ҳаме гирифт,*

*Пайвандашон ба теғи бурранда ҳамебурид.*[53]

[53]Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ.Сталинобод. Нашрдавтоҷик.1958. саҳ 116-117

Ҳамин тавр Башшори Марғазӣ бо роҳи ташхисонидан ҷараёни омода сохтани майро бо як бадеияти хосса навишта, ҳолати оддии истеҳсолиро ба сюжаи аҷоибу ғароиб дохил намудааст.

Санъати ташхис ва руҳбахшоӣ дар адабиёти асрҳои X-XI дар эҷодиёти шоирони дигари давр низ бисёр ба назар мерасад. Дар ашъори шоирони давраи мазкур санъати ташхис ва руҳбахшоӣҳангоми тасвири баёни воқеа асосан ба тасвирсозии манзараҳои табиат мутобиқат карда шудааст. Шоирон ҳангоми тасвири зебоӣ ва тавсифи манзараву олами наботот ва ҳайвонотитабиат, азташхисбакорбурдаҷисми мавриди тасвирро дар лавҳаҳоигуногунмислиинсонҷондорнамоишмедиҳанд, хиссиётуҳаяҷониодамиробахшидадарсаҳнаивоқеамуносибати ҳаётиионҳоробаёнменамоянд. Масалан дар як ғазали Фаррухӣ, ки дар асоси санъати ташхис ва руҳбахшоӣ эҷод карад шудааст, шоир ба ҷирми осмонӣ Моҳ хусусият ва хислатҳои инсонӣ дода онро ба Офтоб ошиқ мегардонад ва ҳаётиғамангезронасибионмегардонад:

*З-офтоб ҷудо буд моҳ чандин шаб,*

*Ҳамедавид ба гардун бар офтоб талаб.*

*Ҳамида гашт зи ҳиҷрону зард гашта зи ғам,*

*Низор гашта зи ишқу гудохта зи тааб.* [54]

Дар байти болоӣ ходисаи ба Офтоб ошиқ гардидани Моҳ ва чандин рӯз аз маъшуқаи хеш дар фироқу ҳиҷрон мондани ӯ баён шудааст. Моҳ дар ғами ҳиҷрони маъшуқаи хеш месӯхт аз ғаму андӯҳ ранги зард гирифта озор мекашид. Дар ин ҷой ҳодисаи табиии гирифтани Моҳ ва чандин рӯз аз назари

[54]Сабақи Рӯдакӣ. Душанбе. –Ирфон,1984. Саҳ75

одамон пинҳон мондани ӯро шоири ширинбаён бо роҳи ташхисонидан хеле дилчасп баён мекунад. Дар давоми байтҳои ғазал Моҳ ба васли дидори маъшуқаи хеш расида аз шодиву сурур фараҳманд мешавад. Дар натиҷа аз ҳодисаи ба дидори маъшуқа расидани Моҳ дигар аҷсоми осмон ситораву сайёрагон огоҳ шуда хандидаву тарабкунон омада ба шодиву хурсандии Моҳу Офтоб ҳамроҳӣ мекунанд:

Чу офтобталаб назди офтоб расид,

Нишоткарду тараб карду буд ҷои тараб.

Фурӯ нишаст бар офтобу равшан кард

Ба рӯи равшани ӯ чашми тираи чу шаб.

Чу моҳи дилшуда ба офтоби рӯй

Гузор кард бад-ин дар ҳаме ду рӯзу ду шаб.

Ситорагон ҳама огоҳ шуданду моҳ хиҷил,

Зи ишқҳар ки хиҷил шуд аз ӯ мадор аҷаб...

Намози шом ҳама некӯвон ба ид шуданд

Тарабкунону тамошокунону хандонлаб.[55]

Дар ғазали мазкур шоир бо роҳи ҷонбахшоӣ ба Моҳ, Офтоб ва гурӯҳи ситорагон ҷон бахшида, онҳоро чун инсон ба рафтору кирдор водор сохта, тақдири шахси ошиқро дар симои Моҳҷилвагар месозад. Дар натиҷа Моҳ, ки ба Офтоб ошиқ буд чандин рӯз маъшуқаи худро надида аз ҳаҷри ӯ азоб мекашид. Баъди ба дидори Офтоб ноил гаштани Моҳ ӯ чун шахси ба васли маъшуқаи хеш расида хеле хушхол гардида ба кӯи тараб мешинад. Аз дидори

---

[55]Сабақи Рӯдакӣ. Душанбе. –Ирфон,1984. Саҳ75

маъшуқаи хеш сер нашуда Моҳ ду рўзу ду шаб дар атрофи ў парвона мешавад ва ком мебардорад. Ситораҳои осмон аз ин кирдори Моҳ огоҳ мегарданду ў аз ин дар назди онҳо хиҷил мегардад. Дар ғазал Фаррухии Сиистонӣ аз шакли муфассали санъати ташхис истифода намуда,ҳолати гирифтани Моҳро дар шакли ошиқ гаштани ў ба Офтоб хеле зебо тасвир намудааст, ки он дили хонандаро ба ҷўш меорад.

Фаррухӣҳангоми тасвири фарорасии фасли хазон низ аз санъати ташхис ва руҳбахшоӣ истифода намуда, омадани фасли тирамоҳро ҳамчу тохт овардани хазон тасвир месозад ва ҳолати муқаррарииомаданифаслитирамоҳробобадеиятикаломпардапўшмегардонад. Дар натиҷаи тохт овардани хазон оби зулол тарсида ба ларза медарояд:

То хазон тохтан оварад сўи боди шамол,

Ҳамчу сармозада бо ларза гашт оби зулол.

Бод бар боғҳаме арза кунад зарри иёр,

Абр бар кўҳҳаме тўда кунад сими ҳалол.

Ҳар замон боғба зарроб фурў шўяд рўй,

Ҳар замон кўҳ ба симоб фурў шўяд ёл.[56]

Умуман шоир ҷараёни омадани фасли тирамоҳро бо роҳи дилчаспи ташхисонидан баён сохта, бо бадеияти хосса хусусиятҳои зебои онро манзури хонандагон мегардонад.

Дар эҷодиёти Фаррухӣ санъати ташхис дар қатори дар шаклу қолаби муфассал омадан дар ҳаҷми мўҷаз низ омадааст. Чунончи дар матлаи як

[56]Сабақи Рўдакӣ. Душанбе. –Ирфон,1984. Саҳ 97

ғазали зерин бомдод ба назди шоир омада аз фаро расидани ид ӯро огоҳ мегардонад:

Он ду ҳафта маҳи ман бурд маҳи рӯза ба сар,

Бомдод омаду аз ид маро дод хабар.[57]

Дар асрҳои X-XI тасвири зебоӣ ва манзараҳои табиат, васфи меваҷот ва идҳои халқӣ аз қабили Меҳргон, Наврӯз, Сада дар ашъори шоирон мавқеи намоёнро дошт. Шоирон дар шеърҳои ба ҷашнҳои дар боло зикргардида бахшидаи хеш ба тавсиф ва тасвири бадеии унсурҳои табиат пардохта, онҳоро бо санъатҳои гуногуни бадеӣ дар сабки саҳли мумтанеъ баён мекарданд. Дар ин қабил ашъор шоирон манзараҳои табиатро бо зебогии том дар асоси услуби реалистӣ тасвир сохта дар бештари маврид предмети мавриди тасвирро бо санъатҳои ташхис, тавсиф ва ташбеҳ оро медоданд. Хусусан мавқеи санъати ташхис ва руҳбахшоӣ дар дарҷи пейзажҳои табиат ва меваҷоту паррандагон хеле калон аст. Мисоли барҷастаи онро мо дар ашъори шоири охирҳои асри XI ибтидои асри-XII, шоири номдори муҳити адабии Ғазнин Манучеҳрии Домғонӣ хеле хуб дида метавонем. Мувофиқи нишондоди пажӯҳишгари осори ва аҳволи Манучеҳрии Домғонӣ АсрорБобоев дар девони шоир аз 58 қасида 21 тағаззули он ва аз 11 мусаммат қисмати аввали 8-тоаш дар мавзӯи табиат, фаслҳои солу ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон ва Сада бахшида шудаанд[58]. Аксари ин гуна шеърҳои Манучеҳрӣмаҳз ба туфайли истифода шудани санъати ташхис ва руҳбахшоӣ ба миён омадаанд.

Манучеҳрии Домғонӣ манзараҳои мукаммали табиату зебоиҳои ӯро дар ғояти латифӣ ва рангорангӣ ба риштаи назм даровардааст. Ӯ ба ҳар як лаҳзаи

---

[57]Сабақи Рӯдакӣ. Душанбе. –Ирфон,1984. Саҳ 89

[58]Асрор Бобоев . Мавзӯъ ва сабки ашъори Манучеҳрӣ. Душанбе –Дониш 1990. Саҳ 32

зудгузару рӯйдодҳои хурду бузурги табиат бо чашми ибрат нигариста, аз онҳо маънӣ ва мазмуни тоза гирифта матлаби хешро хеле дилчасп баён месозад. Дар адабиёти мумтози тоҷику форс кам шоироне вомехӯранд, ки мисли Манучеҳрӣ ба тасвири манзараҳои табиат бисёр кӯшида бошанд.

Фарорасии иди Наврӯзро Манучеҳрӣ бо як бадеияти воло дар асоси санъати ташхис меорад, ки дар он Наврӯз бо лашкари зимистон ба муҳориба ва корзор медарояд. Наврӯз бо лашкари зимистон ба мисли набарди инсонҳо ба муҳориба даромада ӯро сари вақт аз мулк берун мекунад. Дар натиҷа Наврӯз аз болои лашкари зимистон ғолиб омада чун малики тавоно ба мулк қадам мениҳад. Омадани Наврӯз бо воситаи санъати ташхис бадеияти аҷиб гирифтааст :

Бар лашкари зимистон Наврӯзи номдор

Кардааст рои тохтану қасди корзор,

В-инка биёмадааст ба панҷоҳ рӯз пеш,

Ҷашни Сада талояи Наврӯзи навбаҳор...

Наврӯз аз ин ватан сафаре кард чун малик,

Оре, сафар кунанд мулуки бузургвор...[59]

Манучеҳрӣ дар як манзумаи дигар омадани баҳор ва аз ин шод гашта ба майдон баромадани паррандагони гуногунро боз бо роҳи ташхисонидан баён сохта, ҷараёни ивазшавии фаслҳоро ба мисли тамошогаҳи бадеӣ ба риштаи тасвир мекашад:

Рафт, сармову баҳор омад чун товусе,

---

[59]Асрор Бобоев . Мавзӯъ ва сабки ашъори Манучеҳрӣ. Душанбе –Дониш 1990. Саҳ 53

Ба сӯи равза берун омад ҳар маҳбусе.

Ҳар замон навҳа кунад фохта чун навҳагаре,

Ҳар замон кабк ҳаметозад чун ҷосусе.

Бар сари сарв занад пардаи “Ушшоқ” тазарв,

Варшон ной занад бар сари ҳар мағрусе.

Барзанад нору бар сари сарви сиҳи “Сарви сиҳи”,

Барзанад булбул бар тораки гул “Қолусӣ”.

Бар саҳаргоҳон ногаҳон овози куланг,

Рост чун ғев кунад сафдар дар кардусе.

Чун сафире бизанад кабки дарӣ-дар ҳазмон,

Бизанад лақлақ бар кунгура-бар ноқусе.[60]

Шоир манзараи иваз кардани фаслҳои солро бо роҳи ташхисонидан бадеият бахшида дар маркази тасвир як қатор парандаҳоеро оварда онҳоро аз ба ҳаракати инсонӣ медарорад ва ба сӯи шодиву нишот мекашад. Бисёр парандагони боғаз омадани баҳор шод гашта ҳар яке як амали инсон мекардаро дар манзума аз худ нишон медиҳанд. Чунончи фохта аз омадани баҳор ба навҳагарӣ даромада кабк мисли ҷосусе ҳаракат ва рақсҳои зеборо нишон медиҳад, тазарв ба мақомхонӣ пардохта аз “Ушшоқ” месарояду лаклак бар кунгура-яъне ба макони дастгоҳи мусиқие, ки дар онҳо ноқусҳо овезону бо воситаи он аҳли Масеҳро ба ибодат даъват мекунад баромада аз омдани баҳор ба атрофиён иттилоъ медиҳад. Ҳамаи ин амал кардаҳои

[60] Сабақи Рӯдакӣ. Душанбе. –Ирфон,1984. Саҳ

паррандагон бо воситаи ба корбасти санъати ташхис ва рӯҳбахшоӣ хеле дилчаспу шавқангез баромадааст.

Дигар намунаҳои эҷодии МанучеҳрииДомғонӣ, ки аз санъати руҳбахшоӣваташхистаркибёфтаастиндостони «Духтарони раз» яъне мусамматҳои ӯ, ки дар онҳо сарнавишти духтарони раз- хӯшаҳои ангур ва ҷараёни тайёр намудани май инъикос гардидааст мавқеи ба худ хос дорад. Мавзӯи тарзи истеҳсоли май дар чанде аз мусаммату қасоиди Манучеҳрӣ густариш ёфтааст. Вале, шоир ба мавзӯи ягонаи ин шеърҳо як бинишу нигоҳи хоса ва дар ҳалли он як усули тоза ихтиёр кардааст.

Манучеҳрӣқиссаи “Духтарони раз”-ро дар эҷодиёти худ бо ду роҳ гузориш додааст: Яке дар таркиби қасидаҳое, ки ба васфи меваҳо бахшида шудаанд ва дуввум дар мусамматҳое, ки бе восита ба васфи “Духтарони раз” бахшида шудаанд. Ҳоло мо якчанд қасидаҳои Манучеҳриро аз назар гузаронида саҳмисанъати ташхис ва руҳбахшоӣдар конспекти бадеияти ин мусамматҳо мавриди омӯзиш қарор медиҳем. Манучеҳрӣ дар сифати ангур ҳамон тарзи тасвири ташхисониданро, ки дар васфи меваҳо пешгирифтааст, идома дода онро ба қиёфаи зани ғолияранг (сиёҳпӯст) нишон медиҳад, ки шиками ӯ чун ғолиядон асту андарунашон як ҷону се дил аст. Ин се дил, ки онҳоро шоир се пораи устухон низ таъбир кардааст, ҳамон донаҳо ангур аст. Ҷони ангур ин шираи вай аст. Дар идомаи тасвир шоир тасвири руҳбахшоии ангурро ба сурати духтаракони навҷувоне ба назар меорад, ки чун Марями Имрон бешӯй хомиладор шудааст. Аммо шоир обистан шудани духтарони разро аз обистан шудани Марям аҷибтар ҳисоб мекунад, аз он ҷиҳат, ки хомиладор шудани Марям аз даҳон воқеъ шуда бошад, духтарони раз на лаб доранду надаҳон. Боз як тафриқаи обистан шудани духтари раз аз Марям ба

назари шоир ин аст, ки дуввумӣ ба Исои Масеҳ обистан шуда бошад, аввалӣ яъне ангур ба ҷон-шира обистан шуда буд.

Акнун сифати баччаи ангур бигӯям,

К-ин ҳар сифате дар сифати хазён аст.

Ангур ба  кирдори зане ғолияранг аст,

В-ӯро шикаме ҳамчу яъне ғолиядон аст.

Андар шикамаш ҳаст яке ҷону сето дил,

В-ин ҳар се дил ӯро зи се пора сутуҳон аст.

Гуянд, ки ҳайвонро ҷон бошад дар дил,

Онро сутухон дилу ҷон асту равон аст

Ҷонро нашунидам, ки бувад ранг валеҷон-ш

Ҳамранги яке лола, ки дар лолаистон аст.

Ҷонро набувад бӯи хушу бӯи хуши ӯ

Чун бӯи хуши ғолияву анбару бон аст.

Ангур сиёҳ асту чу моҳ асту аҷаб нест,

Зеро ки сиёҳӣ сифати моҳи равон аст.

Айбеш чуз ин нест, ки обистан гаштааст,

Ӯ низ яке духтараки тозаҷавон аст,

Бешӯй шуд обистан чун Марями Имрон,

В-ин қисса басе хубтару хуштар аз он аст.

Зеро ки гар обистани Марям ба даҳон шуд,

Ин духтари разро на лаб асту на даҳон аст.

Обистани духтари Имрон ба писар буд,

Обистани духтари ангур ба ҷон аст...[61]

Чи навъе, ки дида мешавад, Манучеҳрӣ ташхисонидани ангурро ба шакли муфассал адо кардааст. Ин ҳамон ташхис ва руҳбахшоии муфассал аст, ки дар қасидаҳои Рӯдакӣ ва Башшор дида мешавад. Аммо ташхиси духтари ангур дар қасидаи Манучеҳрӣ ба он ранги фоҷиавие, ки дар қасидаи "Модари май"–и Рӯдакӣ касб карда ва як дараҷа дар қасидаи Башшор низ дида мешавад, соҳиб нест. Қиссаи "духтари ангур" дар қасидаи Манучеҳрӣ баръакс як тасвири гротексиро гирифтааст. Ӯ дар шикамаш як ҷону се дил дорад, ҷонаш сурхрангу хушбӯй аст, бешӯй боистан шудааст, аммо кӯдакаш на ба сурати инсон, балки ҷон аст. Ин тасвири ташхиси қиёфаи духтари разро ба шакли аҷибу ғариби гротекстикӣҷилвагар мегардонад. Ғайр аз ин ягона қасидае, ки аз мероси адабии шоири давраи Сомониён Башшор боқӣ мондааст, дар васфи май бахшида шуда, ба равияи ҳамин қасидаи номбурдаи машҳури Рӯдакӣ тахлиф ёфтааст.

Дар мусамматҳои Манучеҳрии Домғонӣ ба фарқ аз қасидаҳои дар боло номбурда шудаи Рӯдакии Самарқандӣ ва Башшори Марғазӣобрази ташхисонидашудаи духтарони раз фаолтар буда, хусусиятҳои васеи санъати руҳбахшоиро дар худ касб намудааст. Масалан дар қасидаи "Модари май"-и Рӯдакӣ ва дар эҷодиёти Башшор баёни воқеа аз забони шоир баён ёфтааст. Аммо Манучеҳрӣ аз имкониятҳои санъати ташхис васеъ истифода намуда дар мусамматҳои хеш духтарони разро ба забони инсонӣ даровaрда бо марди

[61] Сабақи Рӯдакӣ. Душанбе. –Ирфон,1984. Саҳ 137-138

разбон ба муҳосиба мекашад. Масалан дар мисраъҳои зерин худи ангур ба забони ҳол омада, хоҳиш мекунад, ки марди разбон ҷазои сазовори ӯро диҳад:

Ҳамехоҳам манн, эй деҳқон, ки имрӯз

Бигирӣ ханҷаре монанди сотур.

Ба ханҷар ҳанҷари ман боз буррӣ,

Нишони мар маро бар пушти муздур…[62]

Дар ҷойи дигар духтарони раз боз ба гуфтор омада, худро аз марди разбон ҳимоят ва зидди рафтори ӯ эътироз мекунанд ва сабаби «ҳомиладории» худашонро ба забон оварда бегуноҳии хешро пеш меоранд. Духтарони раз дар ин мусаммат сабаби обистанӣ гаштани хешро аз Моҳу Хуршед медонанд ва мегӯянд, ки дар рӯз Хуршед ба болини онҳо омада ба онҳо дастдарозӣ менамояд ва шаб ба бистарашон Моҳ омада сабабгори хомиладории онҳо мешавад. Дуҳтарони раз ҳангоми баёни воқеа такрор ба такрор мегӯянд, ки чаро сабабгори аслии обистании онҳо Моҳу  Хуршед ба ҷазое кашида намешаванд. Чунончӣ, дар банди поёнӣ чунин гуфтор доданд:

Духтарони раз гуфтанд, ки мо бегунаҳем,

Мо тани хеш ба дасти банӣ одам надиҳем.

Мо ҳама сарбасар обистани Хуршеду Маҳем,

Мо тавонем, ки аз халқи ҷаҳон дуррҷаҳем,

Натавонем, ки аз Моҳу ситора бираҳем,

З–офтобу маҳамон суд надорад харобе.

---

[62]Асрор Бобоев . Мавзӯъ ва сабки ашъори Манучеҳрӣ.  Душанбе –Дониш 1990. Саҳ 101

Рӯз ҳар рӯзе хуршед биёяд бари мо,

Хештан барфиканад бар тани мову сари мо,

Чун шаб ояд, биравад хуршед аз маҳзари мо,

Маҳтоб ояду дархусбад дар бистари мо,

В-ин дутан дур нагарданд зи бому дари мо,

Накунанд ҳеҷ кас ин беадабонро адабе.

Бачагонамон ҳама монандаи шамсу қамаранд,

З-он ки ҳакмсирату ҳарду падаранд,

Тобноканд азеро ки ду улвӣ гуҳаранд,

Бачагон-он банасабтар, ки аз ин боб гаранд,

Чеҳраву рангу руху одати обо сияранд,

Тӯхматолуда нагарданд ба дигар сабабе. [63]

Духтарони  раз ба забони ҳол омада таъкид мекунанд, ки бачагони мо ҳама монанди Шамсу Қамаранд, аз сиръату сурати Шамсу Қамар офарида шудаанд.  Бояд қайд кард, ки устод Манучеҳрии Домғонӣ дар мусаммати мазкураш натанҳо духтарони раз ташхисонида шуда хусусияти инсониро дар онҳо насб кардааст, балки Моҳу Хуршед низ бо он амали густохонаи худ яъне ба болину бистари духтарони раз даромада сабабгори обистанӣ гардидани онҳо шуданашон низ ташхисонида шуда мисли ҷавонмарде амал мекунанд ва хусусиятҳои наслгузориро касб мекунанд.

Дар мусамматҳои дигари Манучеҳрӣ низ ташхисонидани духтарони раз идома ёфта шоир маҳзтарзутариқиомодакарданимайроборохи

[63] Сабақи Рӯдакӣ. Душанбе. –Ирфон,1984. Саҳ 162-163

бадеӣидомамебахшад. Масаланобраз аз мусаммати  сеюм образи «кӯдаки гунаҳкор» буда, сухан якбора аз даромадани Меҳрмоҳба сар омадани умри хуши «духтари раз» ва барои рабудани «ҷони онҳо» омадани деҳқон рафтааст. Вале ҳанӯз расидани Меҳрмоҳ сабаби ягона «барои сиёсати куштаниён» нагаштааст. Сабаби дигаре он аст, ки духтарони раз ҳарчанд модарашон пиру сарсафед ва руҳаш зард гашта бошад ҳам, аз пистони вай шир мехӯранд. Дар ин мусаммат ба тavри маҷоз истифода шудани ибораву калимаи «кӯдаки гунаҳкор», «шир», «модари сарсапед», «модари ожир», «пистон» ва ғайра бадеияти онро таъмин кардааст:

Шир диҳадашон ба пой модари ожир,

Кӯдак дидӣ куҷо ба пой хӯрад шир?

Модарашон сарсапеду ҷумла шуда пир,

В–ишон пистони ӯ гирифта ба занҷир.

Деҳқон рӯзе, ки аз дар дарояд шабгир,

Гӯяд: к–эй духтарони гурбази муҳтал.[64]

Дар ҷараёни баёни воқеаимардиразбонвадухтарираздар мусамматҳоиМанучеҳрӣдухтаронирazгоҳосохибихиссиётимаънавӣгаштаазға муандӯҳибасаромададилафгормегардад воқеа бо сӯзу гудози муассир такаллум мешавад, ки гӯё дар байни ду шахс – яке қодиру дигаре нотавон навъе «задухӯрду хунрезӣ» сурат гирифтааст. Дар мусаммати мазкур барои «қурбонӣ» шудани духтарони раз ду чиз сабаб гаштааст. Аввал, вақте ки «разбон шуд ба сӯи раз ба саҳаргоҳон», мебинад, ки токи раз обистан шуда, «шикамаш хоста ҳамчун думи рӯбоҳон» аст. Дар навбати худ рази пок низ

[64] Сабақи Рӯдакӣ. Душанбе. –Ирфон,1984. Саҳ 164

бар ҳифзи худ кӯшида, аз таҳдиду таҳкири разбон наҳаросида, озодонаю далерона «ҳарф» мезанад:

В–агарам бикӯшӣ, бар куштани ту хандам,
Ман ба чархушт танри хеш бипайвандам,
В–ар бидаррӣ шикаму банди манн аз бандам.
Нарасад заррае озор ба фарзандам,
Гарчи бикушӣ ту маро собуру хурсандам,
Ки маро зинда кунад зуд худовандам…[65]

Достони «духтари раз» дар ашъори Манучеҳрӣ алалхусус, дар мусаммаоти ӯ такрор шудааст. Жанри мусаммат аз ҷиҳати ғунҷоишу ҳаҷми худ барои мукаммалу муфассал таҷассуми бадеӣ ёфтани ин ё он мазмуни воқеаи зиндагӣ ё ҳодисаи табиат мусоидат мекунад, ки онро дар мусамматҳои Манучеҳрӣ сареҳан дида метавонем.

Дар ашъори Манучеҳрии Домғонӣ аз мусамматоти якум, дуюм, сеюм ва шашуми Манучеҳрӣ возеҳ мегардад, ки дар меҳвари мавзӯю мазмуни онҳо тасвири як ҳодисаи маъмули ва як шохаи ҷабҳаи ҳунармандии рӯзгори шоир – тарзу тариқи истеҳсоли майи ангур бо воситаи роҳи ташхисонидани онҳо ташкил медиҳад. Мо аз рӯи ин тасвирот бо «лабораторияи» коргоҳи деҳқонони он рӯзгор ба хубӣ ошно мегардем. Таваҷҷӯҳи махсуи Манучеҳриро нисбат ба образи май ва ҳунари майсозӣ олми шарқшинос ва адабиётшиноси маъруфи форсу тоҷик Е.Э.Бертельс дуруст муайян карда менависад, ки «ин образ, аз қарори маълум, шоирро мафтун кардааст, зеро ӯ

[65] Сабақи Рӯдакӣ. Душанбе. –Ирфон,1984. Саҳ 180

дар мусамматот ва қаоид ҷузъиёти вайро бо сонӣ дигаргун намуда, борҳо тавсия додааст» [66]. Вале, шоир ҳангоми тасвир ба ҳалли ин мавзӯи ягона бо диди гуногуни бадеию эстетикӣ наздик шуда, образҳои тозае дохил кардааст. Тавассути тахайюлу маҳорат ва маъниҷӯии образофаринӣ шоир аз такрору якрангии тасвирот раҳоӣ ёфта, баҳар суруди бадеии худ таровати наве эҳё кардааст. Ба ифодаи дигар, шоир ба тағйир додани композитси ва хатти сужет, бо илова кардани амалиёти ҷузъӣ имкон ёфтааст, ки ҷараёни ҳодисаро дар ҳар шеър бо усули бикр адо крада, тасвироти мусалсалу муассире ба ёдгор монад.

Чаро Манучеҳрӣмаҳз тасвири воқеаидарахти раз ва ангурро интихоб кардааст ва онро ба духтари ҳомила мушобеҳ кардаҷонбахшидааст? Ба фикри мо зоҳиран, барои ин шоир нуктаҳои зеринро ба эътибор гирифтааст. Якум, шоир барои хубтар нишон додани як муддати муайяни пухта расидани ангур аз ҳодисаи реалии зиндагии инсон чун сабки адабӣ фоида бурдааст. Илова бар ин, ҳодисаи номбурда барои ташбеҳ мувофиқати зоҳирӣ бахшида, ҷиҳатҳои воқеию таъсирбахшии шеърҳоро мустаҳкам кардааст. Дуюм, дар асоси қоидаи расмӣ агар духтаре бе шӯй ва ақди никоҳҳомила шавад, ҳатман ба қатл мерасониданд. Эҳтимол аст, ки шоир барои банду басти дохилии шеър, ҷо баҷогузории мантиқии воқеа дар асари худ аз суннатҳои ин ҳодисаи зиндагӣ манфиатманд шуда бошад. Зеро қариб дар ҳамаи мусаммату тағаззулоти ӯ деҳқон (падар) аз сабаби обистани (пухта расидани ангур) раз (духтар) воқиф шудан мехоҳад суолҳо медиҳад, рӯю мӯй меканад, ба ғазаб меояд ва ниҳояти кор бераҳмона мезанаду мебураду мекушад. Танҳо тафриқа дар он аст, ки бачаи ангур баъди куштан ҳам боз зинда мегардад, ки ин кирдор вайро аз сифати инсонӣ як дараҷа дур меандозад.

---

[66] Бертельс Е. Э. история таджикско-персидиской литературы. –М.: Васточ . Литература .1961 саҳ. 362

Аз тарафи дигар ба ҷисми беҷон ва ашё чунин кирдори инсонӣ бахшидан, яъне рӯҳбахшоӣ ё ташхисонидан ба асарҳои шоир таъсири муҳими эмоционалӣ расонидааст. Барои иҷрои мақсад ва равшании ҳадафи шоир дар шеър ва вариацияҳои гуногуни тасвири як мавзӯъ бофтаи хаёли ӯба имдод омадааст.

Мусамматҳои Манучеҳрӣ аз лиҳози тавсиру тасвирҳо характери эпикӣ касб кардааст. Ташхис ва рӯҳбахшоӣ дар мусамматҳо ба дараҷаи драмаи фоҷиавии зиндагии инсон расидааст, ки ин нукта дар хашму итоби падар (деҳқон) ба духтар (раз) ва фарҷоми фаҷеъи он возеҳ мегардад.

Аз рӯи таҳлил ва тадқиқиосориадибониқарнҳоиX-XI бармеояд, ки умуман мавқеи санъати ташхис ва руҳбахшоӣ дар адабиёти асрҳоиX-XI-и мумтози тоҷику форс аҳамияти калон дошта шоирон ин санъатро дар мавридҳоизеринбаҳрипурқувватвамутахайюлонабаромаданисуханишоиристифоданамудаанд.

1. Дар мавриди тасвири манзара ва зебоиҳоитабиат.
2. Баҳриидомаисуннатҳоиниёгон. Тасвири омода сохтани май дар ашъори шоирон.
3. Барои пурқувватвадилкашбаромаданилавҳаҳоитасвирибадеӣ.
4. Тасвир сохтани зиндагонӣваҳаётиҳайвонотупаррандагонванаботот.
5. Бедор кардани диди эстетикӣ ва қобилиятисанъатфаҳмииҳонанда.

Аз рӯи таҳлилватадқиқиосоришуароиаҳдимавридибаррасӣ бармеояд, ки санъати ташхис ва руҳбахшоӣ дар поэтикаи назми давр мисли санъатҳоидигарикаломибадеъазсанъатҳоиасосииистеъмолӣбашуморрафтадар бобатибаландбардоштанисуханишоирватасвирубаёнивоқеавуҳодисаҳо аҳамиятифавқуллодародорост.

## Хулоса

Дар замонҳои гуногун дар доира илми бадеъ омӯзиши санъатҳоибадеӣ ба мақоми баланд соҳиббудааст. Дар солҳоиҳукуматиИттиҳодисобиқбо саъю кӯшиши олимони назарияи адабиёти тоҷикамсолиТ. Зеҳнӣ, Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, М. Шакурӣ, Т. Абдуҷаббороввағайрабаҳрибатарзиалоҳидаомӯхтанихусусиятимаъноӣвашакл иисанъатҳоибадеӣ зарурият ба миён омад. Санъати ташхис ва руҳбахшоӣниздарзамонимазкурмавридитаҳлилқарорёфт, аммонадаршаклимуфассал. Олимони дар боло зикргардида санъати ташхисро дар асоси поэтикаи адабиёти рус омӯхта, доир ба назарияи он маълумоти хеле камро додаанд. Аз ин рӯ мо дар рисолаи магистрантии хеш мавзӯи мавриди тадқиқро интихоб намуда, баҳри омӯзиши ҳарҷонибаи санъати ташхис ва руҳбахшоӣкамарбастаем ва дар асоси таҳлилутадқиқиосоринамунаҳоибадеиишоиронваафкори олимони гуногун дар ин ҷодабаяккатордастовардҳоиилмӣноил шудем. Дар натиҷаитадқиқимавзӯи «Санъати ташхис ва руҳбахшоӣдарадабиётимумтозитоҷикуфорс» мо ба

масъалаҳоимушаххасисанъатиташхисазқабилипайдоиш ванақшиондарадабиётибадеӣ, муайянсохтани навъҳоиинсанъат, дараҷаиистиқлолиятисанъатимазкуразсанъатҳоидигарибадеӣ, нишондоданисаҳмиинсанъатимарғубдарадабиётитоисломиихалқҳои эронӣвакорбастисанъатиташхисдарадабиётиасрҳои X-XI ба маълумоти илмӣноилгардидем.

Мо дар асоси таҳлил ва тадқиқи масъалаи мавриди назар дар рисола ба хулосаҳои зерин омадем:

**1**. Ташхис яке аз санъатхои ҷаззобтарин ва зебои санъатҳои бадеӣ мебошад. Ташхис дар адабиёт ба маънои шахсонидан, ба чизҳои беҷон ва ба ҳодисахои табиату зиндагӣҷонбахшида, онҳоро ба ба сурати инсон ҷилвагар намудан, ҳар навъ ҳайвоноту парандаҳоро ба забони инсонӣ даровaрда фикру андешаҳои ӯро баён кардан аст.

**2.** Тадқиқот нишон дод, ки санъати ташхис дорои таърихи қадима асту пайдоиши он ба давраҳои хеле куҳани таърихӣ рафта мерасад. Пайдоиш ва шаклгирии он ба тасаввуроти одамони ибтидоӣ дар бораи зиндагиву муҳити атроф вобастааст. Мувофиқи ақидаи ниёгони ибтидоии мо, ҳамаи аҷсому гиёҳҳои табиат, воқеоту ҳаводиси он ҷон доштанд ва онҳо ҳама дар рафтору кирдору гуфтору амал мебошанд. Аз ин рӯ, одамони ибтидоӣ, ки ҳанӯз ба донишу салоҳияти илмии ривоҷёфта соҳиб набуданд ва дар дарки масъалаҳои гуногуни табиат дармемонданд, онҳоро дуруст фаҳмида наметавонистанд. Дар натиҷа дар бораи ашёву ҷисмҳо ва ҳодисаҳои табиат хулосаҳои мифологӣ ва устуравӣ офариданд.

Ҳамаи тасаввуроти мифологии дар бораи табиат доштаи одамони ибтидоӣ сабаби пайдоиши санъати аввалини эҷодиёти бадеӣ, санъати ташхис

гардид. Аммо ин санъати зебои сухан дар адабиётшиносии асримиёнагии мо мавриди таваҷҷӯҳ ва омӯзиш қарор нагирифтааст . Ин санъати бадеӣ дар адабиётшиносии нави тоҷик ба воситаи адабиёти халқҳои Аварупо бо номи санъати ташхис дохил карда шудааст. Агарчи намунаҳои он дар Авасто, эҷодиёти шифоҳии халқ ва дар осори намояндагони адабиёти мумтоз бисёр ба кор бурда шудааст, аммо шеършиносии нормативии пешина онро ҳамчун санъати алоҳида нашинохта ба қайд нагирифтааст. Мо дар асоси таҳлили намунаҳоиташхисватадқиқи фикрҳоидаринҷода баён намудаи олимон адабиётшинос мулоҳизаҳои хешро оиди маншаи баромади ин санъат овардаем.

**3.** Ташхис бо хусусиятҳои худ ба тамсил наздик аст.Тамсил ё масал низ дар адабиёт ба маънои додани сифатҳои инсонӣ ва хусусияту ҳаракатҳои он ба ҳар гуна ҳайвонот ва парандагону ҳашарот мебошад.Фарқи ташхис аз тамсил дар он аст, ки тамсил дар доираи ташхис ба вуҷуд омада танҳо як қисми ин санъатро дар каломи бадеӣ ифода менамояд.Яъне фақат дар доираи ташхисонидани ҳайвоноту парандагонроифода мекунад ва ба он махсусонида шудааст. Аммо дар ташхис тамоми чизҳои беҷони табиат, воқеаву ҳаводиси он, ҳатто чизҳои мавҳум зинда гардида ба ҳаракат меоянд, аз худ ҳиссиёту эҳсосоти инсониро намоён карда ба забон ва кирдори одамӣ медароянд. Аз ин рӯ, доираи ифодаи ташхис калон буда, тамсил дар дохили он ба вуҷуд омада, аз унсуру асосҳои санъати ташхис таркиб меёбад, ки ҳамаи онро мо дар асоси таҳлилу тадқиқи матнҳои ташхисонида шудаи “Авасто” ва эҷодиёти Фаррухиву Манучеҳрӣ дар рисолаи ба хубӣ дида баромадем.

4. Санъати ташхис дар асоси кори ба сомон расонидаи мо дар рисолаи магистирӣ мувофиқи ҳаҷмва шакли худ ба ду гурӯҳи калони зерин ташхисҳои муфассал ва ташхисҳои мухтасар тақсим карда шуда, мавриди

омӯзиш қарор ёфт. Мо ҳама матнҳои таҳлил намудаи ташхисоти «Авасто» ва ашъори нобиРӯдакӣ, Башшор, Фаррухӣ ва Манучеҳриро дар рисола дар асоси ҳамин гурӯҳбандӣ тадқиқ намудем, ки он барои хубтар инъикос гардидани саҳми санъати ташхис дар адабиёти бадеӣ мусоидат намуд.

**5.** Дар шеършиносии мумтози тоҷику форс, ки бо номи илми бадеъ шинохта шудааст, ин санъати сухан дар давоми қарнҳои бисёр шинохта нашуда омадааст. Агарчи намунаҳои ин санъати калом дар асотирҳои куҳани адабиёти даҳонакиихалқ, «Авасто» ва дар осори намояндагони адабиёти мумтоз бисёр ба кор бурда шудааст, аммо ин шеършиносии нормативии пешина онро ҳамчун санъати алоҳидаи шеърӣ нашинохта, ҳамчун санъати мустақил ба қайд нагирифтаанд. Дар шеършиносии мумтози тоҷику форс ташхис на ҳамчун санъати мустақили шеърӣ, балки дар доираи санъатҳои истиораву ташбеҳ фаҳмида шудааст. Ҳол он ки ташхис бо хусусиятҳои хоси худ аз истиораву ташбеҳ фарқи куллӣ дошта, дар бисёр мавридҳо ба шакл ва сохти худ дар дохили санъатҳои истиораву ташбеҳ ва дигар санъатҳои калом ғунҷоиш ҳам намеёбад ва дар бештари ҳол чун санъати алоҳида дар шеър инъикос мегардад.

**6.** Санъати ташхис ва руҳбахшоӣ дар осори адабии давраи мазкур бештари маврид ҳангоми тасвири манзараҳои табиат, тавсифи зебогиҳои олами моддӣ, вазъи ишқуошиқӣ, ашъори хамрия ва дар баёни ҳодисаҳои гуногун ба кор бурда шудааст. Тасвири манзараҳои табиат дар адабиёти давраи мазкур ҷанбаи пурқуввати реалистӣ дошта, шоирон асосан бо воситаи санъатҳои каломи бадеӣ ба мадҳу ситоиш ва тараннуми хусусиятҳои табиии онҳо мепардохтанд.

**7.** Аз рӯи таҳлил ва тадқиқи осори адибони қарнҳои X-XI бармеояд, ки умуман мавқеи санъати ташхис ва руҳбахшоӣ дар адабиёти асрҳоиX-XI-и

мумтози тоҷику форс аҳамияти калон дошта шоирон ин санъатро дар мавридҳоизеринбаҳрипурқувватвамутахайюлонабаромаданисуханишоиристи фоданамудаанд.

6. Дар мавриди тасвири манзара ва зебоиҳоитабиат.
7. Баҳриидомаисуннатҳоиниёгон. Тасвири омода сохтани май дар ашъори шоирон.
8. Барои пурқувватвадилкашбаромаданилавҳаҳоитасвирибадеӣ.
9. Тасвир сохтани зиндагонӣваҳаётиҳайвонотупаррандагонванабotот.
10. Бедор кардани диди эстетикӣ ва қобилиятисанъатфаҳмии хонанда.

Аз рӯи таҳлилватадқиқиосоришуароиаҳдимавридибаррасӣ бармеояд, ки санъат ии ташхис ва руҳбахшоӣ дар поэтикаи назми давр мисли санъатҳоидигарикаломибадеъазсанъатҳоиасосииистеъмолӣбашуморрафтадар бобатибаландбардоштанисуханишоирватасвирубаёнивоқеавуҳодисаҳо аҳамиятифавқуллодародорост.

Сохт ва шакли рисолаи мо аз муқаддима, се боби асосӣ ва хулоса иборат аст. Дар муқаддимаи кори хатмӣ дар бораи рӯзмаррагии мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши санъати ташхис ва руҳбахшоӣ дар манбаъҳо ва тадқиқотҳо, мақсад ва вазифаҳои асосии кори магистрӣ, асосҳои методологии кори тадқиқотӣ, манбаъҳо ва объекти асосии кори диссертатсионӣ, сохт ва шакли кори диссертатсионӣ, аҳамияти илмӣ-назарии диссертатсия ва натиҷаҳои чашмдошт аз кори илмии худ сухан меравад. Дар боби аввали рисола, ки "Масъалаҳоиназариисанъатиташхисваруҳбахшоӣ" ном дорад, дар бораи назарияи пайдоиши санъати ташхис, нақши санъати ташхис ва руҳбахшоӣ дар адабиёти бадеии халқҳоиҷаҳон, намуд ва шаклҳои санъати мавриди

тадқиқмаълумотоварда шудааст. Инчунин доир ба дараҷаи мустаъқилияти санъати ташхис дар асоси намунаҳои бадеӣ ва сабаби мавриди омӯзиш қарор нагирифтани он дар адабиётшиносии пешинаи тоҷик, ҷиҳатҳои назарии ташхису тамсил, мувофиқи шакли зоҳирӣ ва маънавӣ ба ду гурӯҳҷудо карда шудани санъати ташхис ва руҳбахшоӣ ақидаҳои хуби илмӣ дода шуда, мавқеъ ва хусусиятҳои он дар асоси илми шеършиносии замона бо воситаи далелҳо ифшои ақида намудаем.

Дар боби дуввӯми кор, ки бо номи "Корбасти санъати ташхис ва руҳбахшоӣдарадабиёти қадимаи ҳалқҳоиэронӣ" омадааст, оиди саҳмисанъатиташхисваруҳбахшоӣдаринкишофиадабиётитоисломиихалқҳоиэ ронӣвадарбораиасотируматнҳои ташхисонидашудаи китоби муқаддаси ойини зартуштӣ «Авасто» фикр рондаем ва санъати ташхисро дар он ба чаҳор қисми калон ҷудо карда шуда, омӯхтаем.

Дар боби саввум, ки "Мавқеи санъати ташхис ва руҳбахшоӣ дар адабиёти асрҳои X-XI-и мумтози тоҷику форс" ном дорад, мо баҳри тадқиқи осори ташхисонидашудаи шуарои ин давр пардохта, саҳмисанъатиташхисваруҳбахшоиродарэҷодиёти шуарои намоён Рӯдакии Самарқандӣ, БашшориМарғазӣ, ФаррухииСиистонӣ, МанучеҳрииДомғонӣ дида мебарояд ва хусусиятҳоиҷудогонаинамунаҳоишеъриионҳоро нишон додаем. Мо дар хулосаи кори диссертатсионӣ фишурдаи афкор ва мулоҳизаҳои рисолаи хешро ақида ҷамъ намудем, ки тасаввурот ва фикрҳои умумии моро дар бораи ҳаллу фасли мавзӯъ дарбар мегирад. Дар охири рисолаи хатмӣ мо рӯйхати адабиёти истифодашударо ба се гурӯҳ адабиёти сиёсӣ, адабиёти илмӣ, вамаъхазҷудокарда овардаем.

Бояд қайд кард, ки масъалаи мавриди назарро бо як пажўҳишихурддардоираирисолаимагистирӣҳалуфаслкарданва дар бораи мавзўъ ба хулосаҳоиохириномаданкоримушкилбаҳисобмеравад. Зи ин рў мо дар дохили рисолаи хатмӣтоқадриимконбарои рўшан кардани мавзўи мавриди назар ҳаракаткардемвабароибатавривасеъкушоданимоҳиятимасъала дар оянда боз ҳам дар ин ҷодакорҳохемкард.

## РЎЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

### 1. *Адабиёти сиёсӣ*


1.1. Каримов И.А. Маънавияти воло – нерўи мағлубнопазир. – Тошканд: Маънавият, соли 2008.

1.2. Каримов И.А. Юксак маънавият – енгилмас куч. – Тошкент: Маънавият. Соли 2008.

1.3. Каримов И.А. Адабиётга эътибор – маънавиятга, келажакка эътибор. – Тошкент: Ўзбекистон, 2009.


### 2. *Адабиёти илмӣ*


2.1. Арнаудов М. Психология литературного творчество. – Москва: Прогресс, 1985 г.

2.2. Асрор Бобоев. Мавзӯъ ва сабки ашъори Манучеҳрӣ.- Душанбе: Дониш, соли 1990

2.3. Белецкий А., Изображение живой и мёртвой природы, в его кн.: Избранные труды по теории литературы, М., 1964.

2.4.Веселовский А.Н. Психологический параллелизм и его формы в отражении поэтического стиля // Историческая поэтика. — М., 1989;

2.5.Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. – Душанбе: Ирфон, соли 1967.

2.6. Забеҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёти Эрон.– Душанбе: Деваштич, соли 2003

2.7. Квятковский А. Поэтический словарь. — М., 1964.

2.8. Лосев А. Ф., Античная мифология в её историческом развитии. М., 1957

2.9. Маҳмудов Т. Авестоҳақида. – Тошкент: Шарқ, 2000 й.

2.10. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби I (II). – Душанбе: Маориф, соли 1987.

2.11. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби I (II). – Душанбе: Маориф, соли 1989.

2.12. Мирзозода Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1988.

2.13. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, соли 1990.

2.14. Роднянская И. В., Олицетворение, в кн.: Краткая литературная энциклопедия,т.5,М.,1968;

2.15. Саъдиев Садрӣ. «Поэтикаи қасидаҳои модари май»-и Одамушшуаро Рӯдакии Самарқандӣ ва Башшори Марвазӣ. Мақола, нусхаи дастнавис.

2.16. Саъдиев Садрӣ. Васфи меҳргон дар шеъри асрҳои X-XII-и форс-тоҷик. нусхаи дастнавис.

2.17. Табаров Соҳиб. Луғатимухтасарирусӣ-тоҷикииистилоҳотадабиётшиносӣ. – Душанбе: Маориф, соли 1988

2.18. Фарҳанги забони тоҷикӣ. ҶилдиII– Москва: Советская Энциклопедия, соли 1969

2.19. Ҳодизода Р., Шукуров М., Абдуҷабборов Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе: Ирфон, соли 1966.

2.20. Ҳотамов Н., Саримсоқов Б. адабиётшунослик терминларининг русча-ўзбекча изоҳли луғати. – Тошкент: Ўқитувчи, 1979 й.

2.21. Ҳомидий Ҳ., Абдуллаева Ш., Иброҳимова С. Адабиётшунослик терминлари луғати. – Тошкент: Ўқитувчи, 1970 й.

2.22. Ҳомидов Дилмурод. Раҳнамо барои таълифи корҳои илмии донишҷӯён. – Душанбе: Эҷод, 2008.

2.23 Ҳусейнзода Фарҳод. Тамсил ва тавсиф. – Душанбе: 1996.

2.24. Шафеии Кадканӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ. – Теҳрон: 1370 ҳиҷрӣ.

### *3. Маъхазҳо*

3.1. «Авасто». Кухантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. Гузориш ва пажӯҳишоти Ҷалили Дӯстхоҳ. – Душанбе: Қонуният, соли 2001.

3.2. Ашъори ҳамасрониРӯдакӣ.- Нашдавттоҷик., соли 1958

3.3. Ҷалолиддини Румӣ. Девони кабир. Ҷилди II. – Душанбе: Адиб, 1993.

3.4. Рӯдакӣ. Осори Рӯдакӣ. – Тоҷикистон: Нашдавтоҷик, соли 1958.

3.5. Рӯдакӣ. Шеърҳо. Бо муқаддима, тартиб ва тавзеҳи У.Каримов, С.Саъдиев. – Душанбе: Ирфон, соли 1973.

3.6. Сабақи Рӯдакӣ. К (1). – Душанбе: Ирфон, 1984.

3.7. Умари Хайём. Рубоиёт. – Душанбе: Дониш, 1983.

3.8. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт. – Душанбе: Ирфон, 1982.

3.9. Камоли Хӯҷандӣ. Қуллиёт. Ҷ. –Душанбе: Ирфон,

***Сайтҳои интернет:***

1. Қисматҳои Авесто. wicipedia. tj.

2. «Авесто» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ. wicipedia. tj.